187860

Кришан Чандар

# …УЛУ САД ХАРИДОР



КРИШАН ЧАНДАР

# ЯК ГУЛУ САД ХАРИДОР

РОМАН

Тарҷумаи
*Уктами ХОЛИҚНАЗАР*

«БУНЕДИ ЗАБОН»
ДУШАНБЕ — 1992

Государственная
респуб. библ. Тадж. ССР
им. А. Фирдоуси

Муҳаррир *Мирбобои Мирраҳим*
Ороиши *Иброҳим Ғанизода*

## Аз сарсухан ба нашри ҳиндӣ

*Дар дасти шумо романи нави ман «Як гулу сад харидор». Он сарогоз дар маҷаллаи «Бисвин садӣ» («Садаи бистум») ба табъ расида, ҳоло дар шакли китоби алоҳида мебарояд.*

*Мехоҳам ба ҳамаи хонандагони маҷаллаи «Бисвин садӣ», ки фикру мулоҳиза ва маслаҳатҳои пурарзиши хешро аз ман дареғ надоштанд, арзи сипос бикунам. Бовар дорам, ки шумо низ ин романро хонда, пиромуни ҳусну қубҳи он ба ман менависед. Ман маслаҳатҳои хонандагонро қадр мекунам, дар болои онҳо андеша меварзам, онҳоро мепазирам, зеро аминам, ки миёни нависандаву хонанда робитаи амике вуҷуд дорад ва он ҳар андоза мустаҳкам бошад, нависанда аз ҷиҳати эҷодӣ ҳамон андоза тавонотар мешавад. Ин робита ба ӯ дар пешравӣ нирӯ ва ҷасорат мебахшад.*

*Мазмуни ин роман чун дигар асарҳои ман аз ҳаёт гирифта шудааст. Образи асосии он лӯлидухтари соҳибҷамол Лочист, ки қабилаи ӯ кунун, дар садаи бистум низ чун аҷдоди аз ин ҳазор сол пештарии худ ҳаёт ба сар мебарад. Дар наздикии истгоҳҳои роҳи оҳани мавзеъҳои ҳаволи Бомбай ҳар сари вақт хаймаҳои лӯлиёнро дидан метавон.*

*Роман — ривоятест аз ҳаёти як қабилаи лӯлиён ва духтари бебоки он, ки дар ҳар сари қадам ҳашамати ҳаётро тасдиқ мекунад.*

*Кришан Чандар*

*Бомбай,*
*30 марти соли 1960*

## Боби I

Дар ҳуҷраи кори сардори истгоҳи роҳи оҳан шӯре бархоста буд. Қулиҳо*, мусофирони қаторҳои атрофи шаҳр, нозирон, Модху — мевафурӯши майдони назди истгоҳ, посбонҳои анбори истгоҳ, фаррошон, сардори посбонҳо дар ин ҷо гирд омада, ба Лочӣ нигоҳ карда, ба ҳолаш механдиданд. Аммо ӯ аз ҳама дуртар дар назди мизи сардор густохона миёнашро дошта, бо сари баланд меистод. Аз қиёфааш ҳамчунин ифодаи қаҳру ғазаберо хондан мумкин буд, ки гӯё ҳозир буд ҳамаро зинда ба зинда фурӯ барад. Бо вуҷуди ин ҳама Лочӣ дар миёни ин издиҳом беёвар буд. Ҳозирон — коргарону кормандони истгоҳ, ки вайро нағз мешинохтанд, ба ӯ нигариста ва бо имову ишора чизеро ба якдигар фаҳмонда, танҳо механдиданду бас.

Посбон Лочиро аз дасташ маҳкам дошта, ба ҳуҷраи кор даровард, вале ҳамин ки ба мизи сардор наздик шуданд, духтар бо як ҳаракати чобукона дасташро аз дасти посбон раҳонида, миёнашро дошта қоматашро баланд карда, дар назди сардор рост истод. Сардори истгоҳ Расак Лол шӯру ғавғоро дӯст намедошт. Вай як марди солхӯрдаи гуҷаратии** аёлманде буд ва бисту панҷ сол инҷониб дар роҳи оҳан хизмат мекард. Писари бузургаш ба наздикӣ бояд нозири роҳи оҳан таъйин мешуд, духтари хурдиаш Умла дар коллеҷ таҳсил мекард. Расак Лолро кайҳо боз масъалаи ба шавҳар додани ӯ банд карда буд. (Гузашта аз ин, ӯ ба кори истгоҳ низ ҷавобгар буд.) Корро бинед, ки айнан дар он вақте ки Расак Лол масъалаи ба савдогари хошок Ганга Дину додани қа-

* Қулӣ — ҳаммол.

** Гуҷаратҳо — яке аз миллатҳои Ҳиндустон.

торҳоро ҳал мекарду дар ивазаш панҷсад рупия умед дошт, ин ҳодиса сар зад.

Расак Лол бо хотири парешон манаҳи борикашро хорида-хорида, сароғоз ба қомати маъзуни Лочӣ ва пасон ба посбон нигариста, рӯ турш кард ва дағалона пурсид:

— Чӣ гап?

— Ин духтар аз анбор ангишт дӯздид, — посух кард посбон даст ба Лочӣ расонда.

Духтар дасти ӯро аз худ дур кард.

— Ба ман даст нарасон!

Инро шунида мардум боз як бор хандиданд. Мевафурӯш Модху ба оҳанги шӯхе фарёд кард:

— Хушёр бош, посбон! Мегазад! Охир ӯ маликаи занбӯрони асал аст!

— Ту беҳтараш хаппакак шин, хомкаду!*

Модху марде буд ғул, миёнақад, дар бар дхутии** чиркине дошт, ки базӯр то зонувонаш мерасид. Дар бадани сияҳтобаш ягон тор мӯй ба назар намерасид ва он дар ҳақиқат он меваҷотеро ба ёд меёвард, ки худаш хариду фурӯш мекард. Ва аз ин рӯ ҳангоме ки Лочӣ ӯро хомкаду номид, ҳама қоҳ-қоҳзанон хандиданд.

Дар ин миён шумораи тамошобинон боз бештар шуд ва сардори истгоҳ ба бартараф кардани моҷаро шитофт.

— Хӯш, ту каду дуздидӣ, а?

— Каду не, ангишт! — ҷавоб дод духтар ва хандакунон ҳозиронро аз назар гузаронда, бо ин гӯё мехост бигӯяд: «Инро бинед, а! Таппа-тайёр аҳмақ будааст-ку!»

Худи сардор ҳам, ки аз саросемагӣ гапашро гум мекард, хандид.

Посбон, ки сахт ба ғазаб омада буд, низ ба хандаи умум ҳамроҳ шуд. Расак Лол сарашро ба дасташ такя дода, бо ҷиддияти сохтакоронае гуфт:

— Ҳозир қатори даҳум, ки ба самти ғарб меравад, бояд ба ин ҷо расад, аммо ту аз барои дупула гап ғавғо бардоштай, — ба Лочӣ низ бо ҷиддият нигариста, илова кард: — Рав, аммо дубора аз анбори мо ангиштдуздӣ накун, вагарна ба зиндон меафтӣ.

— Хуб, дигар дуздӣ намекунам! — ҷавоб дод Лочӣ бо оҳан-

* Дар матн п а п а й я омадааст: папайя — дарахтест, ки дар минтақаҳои гармсер мерӯяд ва меваи ба харбуза монанд аст. Ман «папайя»-ро бо «каду» иваз кардам, ҷаро ки дар забони мо он мақсадро бештар пурра ифода мекунад. (Тарҷумон).

** Д х у т ӣ — миёнбанд, лӯнгӣ.

ге, ки гӯё ҳам ба ӯ ва ҳам ба ҳозирон илтифоте мекарда бошад; сипас нимтанаи кабудчатоби гулдорашро хилпирос заонда, аз миз дур шуд.

Лочӣ аз ҳуҷраи кори сардори истгоҳ берун шуд ва ба сӯи бароматгоҳ рафт. Чун ҳарвақта ӯро ҳама бо нигоҳи худ: мардон бо нигоҳи пуршаҳват ва шавқу завқ, занон бо нигоҳи пур аз бухлу ҳасад гуселонидаанд.

Лочӣ лӯлидухтар буд. Кӣ медонад, ки то ба дунё омадани ин тимсоли нодири зебоӣ чӣ қадр нажодҳо, халқҳо, қабилаҳо хуни худро ба ҳам омехтаанд. Ӯ духтаре буд мавзунқомат, синаҳояш лӯнда, нозукандом, чашмонаш каб-кабуд, ранги пӯсташ тобиши тилloранг дошт ва ҳоло ҳамчунон бо қиёфаи боварбахше қадам мезад, ки гӯё тамоми олам зери пояш поярдоз шуда бошад.

— Ин хел занҳоро зиндон кардан даркор! — дод зад аз пасаш ронандаи таксӣ Ҳамид, ки аз дарвозаи истгоҳ баромадани Лочиро мушоҳада мекард. Ҳамид натанҳо дар миёни ронандагони таксӣ, балки ҳамчунин дар маҳалли назди истгоҳ обрӯю эътибори калон дошт. Харидуфурӯши шароб, нашъа, тарёк ва ҳатто духтарон бо миёнаравии ӯ ҳал мешуд. Вай марде буд кадпаст, сиёҳчурда, мушакҳои дасташ ғафс-ғафс, чусту чолок ва бас ҳавобаланд. Касе, ки аз итоаташ сар мепечид, бе ҳеҷ раҳму шафқат ҷазояш медод. Ҳатто худи сардори истгоҳ аз Ҳамид метарсид ва ҳангоми ба ӯ дучор омадан худро канор мегирифт.

Вале Лочӣ аз Ҳамид як сари мӯ ҳам бим надошт. Дар ҷавоби суханони ӯ бо нафрат туф кард ва сонҳои пояшро ҷунбонда-ҷунбонда ба истгоҳи автобус раҳсипар гашт. Дар ин вақт ба сакку (платформа)-и дуюм аз Бури Валӣ* қатор омада истод. Мусофирон аз қатор фуромада, ба истгоҳи автобус шитофтанд ва дар он ҷо дар як он навбати дур дароз ба вуҷуд омад.

Ҳамид аз Лочӣ, наранҷид. Ин бори нахуст набуд, ки ӯ бо макру фиреб ва зӯри қувва мехост ба худ тобеъ бикунад, аммо ҳар дафъа кӯшишҳояш барабас мерафтанд. Дере нагузашта вай ба яқин донист, ки Лочӣ ҳамаи усулҳои ба лӯлиён ва акробатҳои сайёр маълумро, ки ба воситаи он ҳар як марди тануманду пурқувватро ғалтондан метавон, ба хубӣ медонад. Бале, Лочӣ ба он занони оди шаҳриву деҳотие, ки аз мард мушт хӯрда, ба ӯ мисли саги шаттахӯрда менигаранд, як сари мӯ монандӣ надошт. Аз ҳамин сабаб, вақте

---

* Бури Валӣ — номи яке аз мавзеъҳои атрофи Бомбай.

ки дар ҷавоби суханони Ҳамид туф кард, ронандаи таксӣ хандид ва ба сӯи мошинаш рафт.

Дар ин миён Лочӣ аз назди фурӯшгоҳи Модху мегузашт ва аз сабад гуявaеро* гирифт ва онро бо дандонҳои чун садаф сап-сафедаш газида-газида мехоид ва дар айни замон бо нигоҳи тамасхуромез ба Модху менигарист. Мевафурӯш итоаткорона ва илтиҷомандона ба духтар чашм дӯхта буд.

— Қурбонат шавам, бо сабадаш ҳам гирӣ, майлаш, — ғур-ғур кард ӯ ҳамон чашмони моломол аз эҳсоси шодию сурур дурахшонашро аз Лочӣ наканда.

— Туро ба сарам мезанам?! — гуфт Лочӣ ва пасмондаи гуяваро ба сӯи Модху ҳаво дод.

Ҳангоме ки Лочӣ аз зери соябони фурӯшгоҳ мебаромад, нурҳои офтоби мағруб ба мӯйҳои малларангаш, ки дар китфонаш паҳну парешон буданд, афтода, ӯро боз ҳам дилработар, боз ҳам ҷозибаноктар нишон медод. Модхуи бечора чун инро бидид, худ ба худ пичирос зад:

— Ҳай-ҳай-ҳай, гӯё бетелзор месӯхта бошад, а! — ва аз замин гуявaеро, ки Лочӣ ҳаво дода буд, бардошт ва ба духтар фарёд кард: — Бубин, Лочӣ, ман гуяваи туро мехӯрам!

— Хеле хуб, бигзор саркути ман насиби ту бошад! — гуфт Лочӣ рафтаравон.

Духтар ба истгоҳи автобус расид. Дар онҷо оламони бисёре дар навбат меистоданд. Лочӣ даст дароз кард ва ба садақаталабӣ даромад:

— Ҷаноби айнакдор, як анна! Бонуи кулоҳпӯш, як анна!.. Ҷаноби афсари бӯғчадор, як анна!*

Чунин менамуд, ки ӯ аз одамон на хайру садақа мепурсид, балки онҳоро ба тариқи савдои «кӣ зиёд» мефурӯхта бошад.

— Ин духтар ҳамаамонро ба як анна фурӯхт-ку! — чашмак зад як мард. — Ман дувоздаҳ анна медиҳам.

— Беҳтараш онро ба модарат деҳ! — густохона ҷавоб дод Лочӣ ва роҳашро давом дод.

---

* Гуява — пок.

* Бетел — буттаи начандон баланд, баргҳои хушбӯй ва тунд дорад ва дар Ҳиндустон онро бо ҳаргуна доруворихо меомезанд ва мехоянд.

* Анна — тангаи ҳиндӣ, 1/16 рупия. Дар соли 1957 бекор карда шуда, вале муваққатан то кунун дар муомилот аст.

* * *

Дар ин дунё ҳаёти одамон вазнин аст, аммо ҳаёти лӯлиён боз ҳам вазнинтар. Одамоне, ки дар як шаҳр ва ё як деҳа муқимӣ ҳаёт ба сар мебаранд, мисли хӯшаи як саҳрову замин якҷоя ба воя расида, қувва ҷамъ мекунанд, якҷоя суруд мехонанд ва якҷоя аз гуруснагӣ ва ё бемории халок мегарданд. Аммо лӯлиён дар ҳама ҷо бегона. Дар сари ҳар як қадам онҳоро машаққат ва бадбахтӣ нигарон аст. Дар ҳар як ҳамгашти кӯча ба онҳо фалокат таҳдид мекунад, ҳар полисе, ки дар чорраҳа меистад, метавонад онҳоро пеш кунад. Онҳо дар ҳама ҷо танҳоянд, онҳо нӣ дини худро доранд, на нажоди худро ва на меҳани худро. Ё магар онҳо ба ягон кишвар ва ё ягон нажод дар алоҳидагӣ неву баробар мансубанд?! Дар рагу пайи онҳо хуни одамони гуногунпӯст ҷорист, забонашон тамоми забонҳои рӯи заминро аз худ кардааст. Онҳо хаймаву бӯрё ва ҳам як бандча аз гиёҳҳои шифобахшро кашолакунон дар ҷустуҷӯи кадом диёри дилхоҳ мегарданд? Онҳо чӣ меҳоҳанд, чӣ меҷӯянд? Эҳтимол худашон надонанд... Лочӣ ва модараш дар хаймаи амакаш Момаи зиндагӣ мекарданд. Ҳамонӯз муддатҳои зиёде муқаддам, вақте ки Лочӣ нав чорсолагиро пур карда буд, падараш Ригӣ мастомаст картабозӣ карда, ба Момаи занашро бой дода ва ба ҳамин васила Лочӣ низ ҳамроҳи модараш ба дасти Момаи гузашта буд. Момаи аз ин ниҳоят хурсанд буд, зеро лӯлизанҳо одатан нисбат ба мардҳо бештар метавонанд пул кор кунанд. Лӯлимардон дар як рӯзи дароз як сабад, ки чор анна, дар се рӯз як бӯрё, ки нӯҳ анна арзиш дорад бофта метавонанду тамом. Аммо лӯлизан — гапи дигар. Ӯ доманаи рангоранги фароҳ ва нимтанаи кӯтоҳи ҳаририро ба бар карда, ба чашмонаш сурма давонда, бо лабони пуртабассум ва нигоҳҳои ишваомез ба кӯча мебаронд ва дар ягон гузаргоҳ нишаста, гиёҳҳои шифобахш, айнак, хотамҳои мисӣ, гӯшвораву ангуштарин, шаддаҳои марҷону ноз (сӯзан)-и мӯй савдо мекунад. Лӯлизанҳо аз ин кор даромади калоне доранд. Вагарна куртаҳои зебову кафшҳои пошнабаланд ва пайкарҳои фарбеҳ куҷову лӯлизанҳо куҷо?

Гузашта аз ин, лӯлизанҳо бо худфурӯшӣ шуғл пардохта, пули бисёре кор мекунанд. Дар гузари лӯлиёне, ки Лочӣ дар он истиқомат мекунад, бисёр духтарон — Рушӣ, Ҷомон, Липпӣ, Сунён ба ин пеша машғуланд. Вақте ки торикӣ мефуроянд, ба назди девори ғарбии анбори истгоҳи роҳи оҳан, ки дар паси он хаймаҳои лӯлиён ҷой гирифтаанд, мошинҳои бисёре омада, таваққуф мекунанд. Охир кас аз куҷо чунин моли арзон ме-

тавонад биёбад? Охир ҳар кас ҳам мехоҳад бар ивази пули худ моле арзон, моле хубтар ба даст биёварад.

Оё шумо медонед, ки одами корчаллон шабро чӣ хел мегузаронад? Ӯ аз субҳ то шом ҳамаро фиреб медиҳад, савгандҳои бардурӯғ ёд мекунад, ҳазор ҳилаю найранг ба кор мебарад, алғараз бо ҳар роҳ имони худро мефурӯшад. Инак шаб фаро мерасад. Варо лозим аст, ки худ ба худ подош бидиҳад. Охир вай тамоми рӯз барои шиками худро пур кардан кор накардааст-ку! Аз ӯҳдаи чунин кор одами аҳмақ ҳам метавонад барояд. Пас аз тамаддун чӣ суд?

Ана барои ҳамин ҳам баробари фаро расидани шаб мошинҳои пурчило соҳибони худро ба беруни шаҳр, ба маҳалли назарногири лӯлиён мебаранд. Онҳо бо худ виски меоранд ва аз он ҷо лӯлидухтаронеро, ки дар зери осмони кушод ба воя расида, гулҳои тару тозаи даштиро мемонанд, бо худ мебаранд.

Ва ҳангоме ки субҳ медамад, ҳуди ҳамон мошинҳо соҳибони худро ба идораҳои тиҷоратӣ мебаранд... ва лӯлидухтарон дар чорраҳа нишаста, айнак мефурӯшанд... Оҳ, кош одаме пайдо мешуд, ки ба чашм аз ин айнакҳо ниҳода, ба ҳаёти онҳо нигарад!

## Боби II

Вақте ки Лочӣ ба маҳалли қабилаашон бозмегашт, шаб фаро мерасид. Дар қисмати ғарбии анбори истгоҳ дар майдончае, ки майсаҳо сабзида, гирдо-гирдашро радаи дарахтони гули маҳр* печонидаанд, ҳаймаҳои лӯлиён ба чашм мерасад. Дар як тарафи майдонча барои нигоҳ доштани ангишт шипанге сохта шудааст. Дар назди он тӯдаҳои калон-калони ангишт рехта, болояшро бо чодар пӯшидаанд. Дар тарафи дигар ғарам-ғарам хасбеда — моли савдогари ҳошок Ганга Дину меҳобид. Аз самти шарқӣ толобе пайваст мешавад, ки дар соҳили он ҳамеша метавои моҳидоронро дид.

Аз назди майдонча роҳи сангфарше мегузарад, ки ба фурудгоҳ мебарад. Дар паси фурудгоҳ каторкӯҳи дурудароз қомат кашида, дар қуллаҳои он шабонгоҳҳо чароғакҳои сурх, ки ҳавопаймоҳоро аз хатар огоҳ мекунанд, милтирос мезананд.

Лочӣ аз паҳлуи девори анбор гузашта, қад-қади толоб мерафт ва дере нагузашта падараш Ригиро дид, ки дар сари ба-

* **Гули маҳр** — як навъ дарахтест, ки гулҳои арғувонӣ дорад.

ландӣ менишаст ва сангчабозӣ мекард. Ӯ пушт ба Лочӣ менишаст, вале духтар ба хубӣ медонист, ки падараш омадани вайро аллакай пай бурдааст. Вакте ки Лочӣ аз назди Ригӣ мегузашт, вай хомӯшона даст дароз кард. Муддатест, ки ӯ ҳамин гуна одат пайдо кардааст; ҷониби бегоҳ духтарашро дар болои ҳамин баландӣ нигарон менишинад.

Лочӣ кисаашро даст-дасткунон кофта, ба кафи падараш як тангаи чор аннай гузошта, сипас роҳашро давом дод. На ӯ ва на падараш ба якдигар ҳарфе назаданд. Лочӣ аз худи ҳамон рӯзе, ки падараш модари ӯро дар қартабозӣ бой дода буд, нисбат ба вай нафрат дошт.

Ригӣ як муғамбири гузаро ва марди бекорхоҷае буд. Вале ӯ дар доиразанӣ ҳамто надошт, касе мисли ӯ бисёр шароб нӯшида наметавонист. Овозаш бас баланду форам буд. Аз ӯҳдаи сабадбофӣ ҳам хеле хуб мебаромад, вале аслан аз ҳар кор танаффур дошт. Сарулибосаш доимо чиркину дарида буд. Риши дарозаш, ки то сари синааш мерасид, чӣ будани шонаро намедонист, дар қиёфааш ҳамеша табассуми густохонае ҳукмфармо буд. Ӯ тангаи чор аннаиро гирифта, бепарвоёна ба ҷайб андохт ва дубора ба сангчабозӣ машғул шуд. Борҳо дар ниҳоди Лочӣ хоҳише тавлид ёфт, ки ба ӯ пул надиҳад ва ба рӯяш туф кунад, вале ҳар дафъа чизе духтарро аз ин нияташ ҷилавгир мешуд. Вай ҳамеша дар ёд дошт, ки ин мард падараш аст.

Лочӣ сангчаеро бо пояш зад ва он дар пайраҳа ғелида-ғелида хеле дур рафт. Аз паси он худ низ дартоз шуд ва дақиқае пас ба хаймаашон расид. Вале чун ба гирду пеш нигарист, як қад парид. Дар рӯи бӯрё, ки ба замин густурда шуда буд, Моман ва сардори лӯлиён Дамору менишастанд. Онҳо аз пиёлачаҳои сафолин шароб нӯшида, машғули қартабозӣ буданд. Модари Лочӣ, Қавлӣ, дар паҳлуи шавҳараш китф ба китф менишаст ва гоҳ-гоҳ аз пиёлачаи шавҳараш шароб нӯшида, ба ӯ маслаҳат медод. Бо вуҷуди ин Моман бозиро мебохт. Дар рӯи сиёҳи Дамору, ки бинии дароз дошт, табассуми худписандонаву маккоронае бозӣ мекард.

Ҳар се нишастагон шарфаи пои Лочиро шунида, баробар рӯ ба тарафи ӯ гардонданд. Чашмони Дамору дурахшиданд. Моман араки ҷабинашро пок кард, модар хандакунон ба ӯ ҷайби худро боз кард. Лочӣ даромади имрӯзаашро ба ҷайби модар андохта, ба хайма даромад.

— Ин ҷо деҳ, Қавлӣ, — гуфт Моман ва дасташро дароз кард.

— Сабр кун, бадбахт! Мон ки акаллан шумурам! — Ҷавоб дод зан.

— Шумурда чӣ кор мекунӣ, — бадхашмона гуфт Моман, — аздусар аз-бист анна зиёд не. Охир, аҷаб не, духтарак панҷ ё шаш аннаро ба он бекорхоҷа — шавҳари аввалаи ту дода бошад.

— Худи ту ба пули кӣ картабозӣ мекуниву шароб менӯшӣ? — бо хашму ғазаб ба шавҳараш нигариста, эътироз кард Қавлӣ. — Ё худ онҳо бозёфти туянд?

Қавлӣ дуруст мегуфт. Ӯ дигар ҷавон набошад ҳам, то андозае зебо буд, ки бидуни машаққат даҳ рупия кор карда метавонист. Вале — чӣ ҷои пинҳон кардан! — ӯ дигар бо ин кор шуғл пардохтан намехост. Охир кадом лӯлизан дар хона духтари кадрас дошта, худфурӯшӣ мекунад? Охир кӣ намехоҳад осоишу роҳат дошта бошад. Вале имрӯз Моман хеле майли нӯшидану картабозӣ кардан дошт ва ба занаш фармуд, ки ба ҳар роҳе набошад пул ёбад. Ҳар ду ҳам нағз медонистанд, ки Лоҷӣ аз баҳри ҳаёташ мебароядy ба худфурӯшӣ гардан намефурорад. Аз ҳамин сабаб Қавлӣ ноҷор буд, ки худ аз пайи ёфтани пул шавад. Ӯро суханони Моман ба хашм овард ва як ҷуръа май, ки аз пиёлаи шавҳараш нӯшид, ба вай заҳр шуд. Қавлӣ аслан аз Лоҷӣ дарқаҳр буд, вале дар айни ҳол суханони шавҳарашро наметавонист беҷавоб монад. Моман дигар чизе нагуфт, вале баръалоина ҳувайдо буд, ки қаҳру ғазабашро ба зӯр нигоҳ медорад. Дар ин миён Дамору ба гап ҳамроҳ шуда, ба болои оташ равған рехт.

— Зани ҷавон, — хандида-хандида гуфт ӯ, — ба кони парокандаи тилло монанд аст. Бар замми ин Лоҷӣ ин қадр соҳибҷамол!

— Тиллоям ман ё санги одӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ худфурӯшӣ нахоҳам кард! — густохона ҷавоб дод Лоҷӣ.

— Ту ба гапи мо ҳамроҳ нашав, — сухани ӯро бурид модар. — Рав, моҳиро бирён кун!

Лоҷӣ ба болои гулхан ҳам шуд. Чеҳрааш, ки ба он аз пойи оташ нур мепошид, боз ҳам ҷозибаноктар метофт. Дамору тез-тез дуздида-дуздида ба ӯ менигарист. Вай имрӯз дар қиморбозӣ омад дошт, ва аз ин рӯ табъаш ниҳоят хуш буд.

Бозӣ то ними шаб тӯл кашид. Вақте ки шароб тамом шуд ва дар чароғ ҳам диҷар равған намонд, Қавлӣ ба ҳисобу китоби бохти шавҳараш сар кард. Моман панҷоҳ рупия бой дода буд. Қавлӣ хеле вақт кисаҳояшро кофта саранҷом даҳ анна берун баровард.

— Не-е, ҳамёнро кушо, — бо катъият гуфт Дамору.

Қавлӣ аз ҷой хеста, ба хайма даромад ва муддате пас се рупия дар даст бозгашт.

— Боз чиҳилу шаш рупияву навад анна деҳ!

— Аз куҷо ёбам ин қадр пулро? Агар хоҳӣ, доираи занґӯладори маро гир, — пешниҳод кард Қавлӣ.

Дамору дар ҷавоб танҳо сар ҷунбонд.

— Пас ханҷари нақшу нигораш симини маро бигир, — гуфт Моман.

Дамору қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Ман Лочин мӯйҳояш тилдорангро мегирам!

— Ба ҳамон панҷоҳ рупия? Не! — бо қатъият гуфт Моман.

Дамору ба киса даст андохт ва панҷоҳ рупияи дигар баровард.

— Хеле хуб, — гуфт ӯ, — он панҷоҳ рупияро ба ту мебахшам ва боз панҷоҳ рупияи дигар ҳам медиҳам. Хӯш, розӣ ҳастӣ?

Панҷоҳ рупия пули кам не. Чашмони Моман дурахшиданд, ӯ ба занаш нигарист, вале вай сар ҷунбонд.

— Хайр, бигзор саду панҷоҳ рупия шавад! — инро гуфт Дамору ва боз панҷоҳ рупияи дигар баровард.

Акнун дар назди Моман саду панҷоҳ рупия меистод. Дастонаш меларзиданд. Ӯ ба занаш нигарист. Вале вай боз ҳам сар ҷунбонд.

— Ду саду панҷоҳ! — хашмгинона дод зад Дамору боз пул баровардa. — Ман имрӯз аз ин ҷо бе Лочӣ намеравам!

Моман дигар худдорӣ карда натавонист. Бе ихтиёр даст дароз кард. Вале дар ҳамин лаҳза Қавлӣ бо як ҳаракати тез дасти ӯро пас кашид.

Дамору даст ба кисаи дигараш андохта сад рупияи дигар баровард. Чашмони Моману Қавлӣ аз косахона бaромаданд. Дуруст аст, ки Дамору сардори қабила аст, аммо онҳо гумон ҳам намекарданд, ки ӯ ин қадр пул дорад.

Қавлӣ дигар эътироз накард. Моман пулро қабза карда ба ҷайб андохт. Вале дар ҳамин асно ногаҳон:

— Исто! Сабр кун! — гуфтани касе баланд шуд.

Моман вопас нигариста Ригиро бидид. Дар ваҷоҳати ӯ мисли харвакта табассуми беҳаёна бозӣ мекард. Ригӣ бо тамасхур ба зани пештараaш нигарист:

— Савдоятон бад не! — гуфт ӯ. — Ман туро дар ивази ҳафтод рупия бой дода будам, лекин ту духтaрамонро ба сесаду панҷоҳ фурӯхтанӣ!

— Хайр, чӣ шудааст? — дод зад Қавлӣ. Дар овози ӯ оҳанги таҳдид ҳис карда мешуд.

— Ман падари Лочиям, — оромона эътироз кард Ригӣ. —

Дуруст аст, ки ман ӯро ба воя нарасондаам, вале дар рагу пайҳояш хуни ман ҷорист.

— Ваҳ, ана инаш ҳоло номаълум! — баланд хандида эътироз кард Қавлӣ.

Ригӣ чунин вонамуд кард, ки ин суханонро нашунид.

— Ман мехоҳам ҳаққи худро бигирам!

Дамору ба ӯ бист рупия дароз кард. Вай майли ҷанҷол кардан надошт. Ригӣ пулро ба киса андохта, ба Дамору нигоҳи озмойишкоронае афканд.

— Ман мехоҳам бидонам, ки ту ин қадр пулро аз куҷо ёфтӣ?

— Пули ман — пули қалбакӣ не, — ҳавобаландона ҷавоб дод Дамору, — метавонӣ тафтишу таҳқиқ кунӣ! Вале гӯй, ки ту чӣ ҳақ дорӣ аз ман ҳисобот талаб кунӣ?

— Ҳақ надорам, сардор! — баногоҳ бо тавозуи том посух кард Ригӣ.

— Маслаҳат пухт? — пурсид Дамору ба ҳозирон рӯй оварда.

Ҳар се ба аломати розигӣ сар ҷунбонданд. Дамору ва Моман якдигарро ба оғӯш кашиданд. Пасон Дамору дасти Қавлиро ба даст гирифта, бибӯсид ва гуфт:

— Ёдат ҳаст, ки як вақтҳо ман ошиқи шайдои ту будам, аммо падарат нахост туро ба ман бифрӯшад, вай туро ба Ригӣ дод... — Вай муддате хомӯш монд. — Лоҷӣ куҷост?

— Ӯ дар хайма хоб аст.

Акнун Даморуро коре душвор дар пеш буд. Мувофиқи расму ойин ӯ бояд номаълум ба хайма даромада, Лоҷиро ба рӯи дастон бардошта, ба хаймаи худ мебурд. Вале Лоҷӣ аз он шоҳдухтарони нозпарвард набуд; ӯ духтаре буд басо пурқувват, вале Дамору марде буд пиру фартут.

— Бирав ӯро бедор кун ва ҳамаашро гӯй, — хоҳиш кард Дамору аз Қавлӣ.

— Не, анъана халалдор нашавад! — ба гап ҳамроҳ шуд Ригӣ. — Расму ойинро риоя кардан лозим аст! Худи ту назди ӯ даро, бедор кун ва маҷбур кун, ки сар фурорад ва пасон рӯи дастонат бардошта, то хаймаат бар — ана он гоҳ вай аз они ту мешавад. Вагарна...

Моман пешакӣ медонист, ки Ригӣ чӣ мақсад дорад, вале ҷанҷол кардан чӣ лозим буд? Лоҷӣ ниҳоят кам пул кор мекунад; ҳар чӣ ки меоварад, ба худаш сарф мешавад. Аз байтале ки хасбедаро мехӯраду намемонад, ки ба сағриаш даст расонанд, чӣ суд? Моман дар ивази ӯ сесаду панҷоҳ рупия гирифта, чунин мешумурд, ки кораш ниҳоят омад кард, — ӯ

ба панчоҳ рупия ҳам розӣ буд. Аз ҳамин сабаб вай ба ором кардани Дамору биштофт.

— Ором бош, ман ҳамроҳи ту медароям. Муқобалат ҳам карда бийад.

Баногоҳ ҳар ду як қад париданд. Пардаи хайма бардошта шуда ,дар дами дар Лочӣ намудор гашт. Дар дасташ ханчари симин чило медод, чашмони каб-кабудаш аз ғояти қаҳру ғазаб медурахшиданд.

## Боби III

— Кӣ маро фурӯхт? — хашмгинона пурсид ӯ.

Ригӣ, Моман, Дамору — ҳар се муҳри хомӯшӣ ба лабон зада буданд. Ригӣ вазнашро гоҳ ба як по ва гоҳ ба пои дигар мепартофт. Моман мекӯшид, ки ба нигоҳи Лочӣ дучор нашавад, танҳо Дамору мутаҳайирона ба ӯ чашм дӯхта буд. Қасе ҷуръат намекард, ки забон кушояд. Саранҷом Қавлӣ хомӯширо халалдор кард.

— Занҳоро, асфҳоро, заминро ҳамеша мефурӯхтанд. Туро сардор Дамору харид...

— Лочӣ, ман дар ивази ту сесаду панҷоҳ рупия додам! — гуфт Дамору ва қадаме ба сӯи ӯ ниҳод.

— Ба ман наздик набиё! — дод зад духтар ханҷарро ҳаракат дода. — Модар! Ба сардор пулашро баргардон!

Қавлӣ дар ҷавоб қоҳ-қоҳ зад. Хандаи ӯ ба дили духтар гӯё наштар халид. Баногоҳ ӯ хомӯш шуд. Сипас бебокона ба сӯи Дамору рафт, ба вай тамоман наздик шуд ва ханҷарро дар пеши чашмонаш бозӣ доронда-бозӣ доронда гуфт:

— Хӯш, агар ҷасорат дошта бошиву аз дастат ояд, ба хаймаат бар. Лекин фаромӯш накун: ман ҳаргиз бо пои худ ба хаймаи ту намеравам, чунки бинии дарозу башараи мурғобимонанди ту барои ман нафратангез аст.

Тамоми пайкари Дамору аз қаҳру ғазаб ларзид ва дар ҳамин ҳолат духтарро рӯи даст бардошт ва ба сӯи хаймаи худ роҳ гирифт. Лочӣ дар рӯи дасти ӯ дасту по мезад, ханҷараш ялт-ялт медурахшид. Сардор духтарро дигар дошта натавонист ва ӯ ба рӯи замин афтид. Ханҷар ба як сӯ парид ва ба замин халид. Лочӣ мехост онро ба даст бигирад, вале дар ҳамин асно Моман то наздаш расид. Ӯро тела дод ва духтар дубора ба чанголи Дамору афтид. Ӯ бо як чолокӣ худро бираҳонид ва гурехт. Дамору худро ба вай расонда чанд

мушташ фуровард. Духтар рӯи замин афтид. Сардор аз мӯи ӯ дошта, рӯ-рӯи замин кашола кард. Лочӣ якбора аз дасти Дамору кашид, ки ӯ ба болояш афтид. Духтар печутоб хӯрда, аз зери вай раҳо ёфта, ба пой хест ва бо дасташ миёнашро дошта, бо тамасхур гуфт:

— Ох, хочаи ман! Бархез ва маро рӯи дастонат бардошта, ба хаймаи худ бубар!

Дили Дамору сахт ба тапиш даромад, ӯ вазнин-вазнин нафас мегирифт. Дар ҳолате ки ӯ аз қаҳру ғазаби очизона меларзид, боз ба сӯи Лочӣ қадам ниҳод. Ин дафъа духтар муқобилат нишон надод. Сардор бо ҳарос вайро рӯи даст гирифт ва ба сӯи хаймааш раҳсипар гашт, вале чун ними роҳро паймуд, Лочӣ аз сари нав чобукона аз дасти ӯ раҳо ёфта, ба қафо гурехт. Дамору аз пайи ӯ дарафтод ва ҳамин ки баробар шуд, духтар якбора худро ба зери пои ӯ партофт. Мӯйсафед гумбуросзанон ба тахтапушт ба замин афтид ва пойҳояш дар ҳаво монд. Ӯ бо чӣ азобе аз чой бархоста, сарулибосашро афшонд ва сипас чун маймуне, ки чунун асар карда бошад, фарёдкунон ва чиросзанон ба духтар дарафтод. Вале Лочӣ хашмгинона худро мудофиакунон ӯро ба замин ғалтонд. Дамору ба тамом аз қувват рафт. Ӯ пуштнокӣ рӯи замин мехобиду баланд-баланд нафас мегирад. Лочӣ ба Дамору даст дароз кард, ӯро аз чой хезонд ва худ дар назди пойҳояш нишаста, боз масхарадомезона фарёд кард:

— Ох, хочаи ман! Бархез ва маро рӯи дастонат бардошта, ба хаймаат бубар!

Дамору пой бардошта, хост ӯро занад, вале Лочӣ худро ба канор гирифт ва мӯйсафед дигар натавонист рост биистад ва ба рӯи замин дароз кашид. Лочӣ қоҳ-қоҳзанон хандид. Акнун ба хандаи ӯ Моман ва занаш низ ҳамроҳ шуданд. Ва ин деги ғазаби Даморуро ба чӯш овард.

—Шумо аз ман сесаду панчоҳ рупия гирифтед,— дод зад вай.— Ё Лочиро диҳед ва ё пуламро баргардонед!

— Ман пулро намедиҳам,—гуфт Моман.

— Ту Лочиро мегирӣ, андак сабр кун,— гуфт Қавлӣ.

— Не, не, аз ман умедатро кан, ту пули худро хоҳӣ гирифт, — гуфт Лочӣ.

Дасту пойҳои Дамору ба дард даромаданд ва аз ғояти дард рӯ турш карда, бидуни ихтиёр нола зад.

— Чин занад шуморо! Пас пуламро баргардонед!

—Пулатро нахоҳӣ гирифт,— оромона гуфт Қавлӣ.

— Пас Лочиро диҳед!

— Маро ҳам нахоҳӣ гирифт!— гуфт Лочӣ.

— Хеле хуб, дар ин сурат ман ҳамаашро дар панчаят* арз мекунам ва шуморо аз ҷамоат меронанд.

Барои лӯлӣ аз ҷамоат ронда шудан бадбахтиест ислоҳнопазир. Моман оҳиста ба занаш гуфт:

— Пулашро баргардондан даркор.

—Ба ҳеч ваҷҳ. Барои ин нобакор кӣ ба мо боз сесаду панҷоҳ рупия медиҳад.

— Модар, охир ман духтари туям!— бонг зад Лочӣ.

— Бошӣ-чӣ! Не, ман пулро бозгашт намедиҳам. Одамони бовиҷдон паймон, ки карданд, онро намешикананд. Паймон бастем, тамом— ва ссалом.

— Дуруст!— тасдиқ кард Моман.— Мо ба ту духтарамонро фурӯхтем. Марҳамат, бо худ бубар!

— Чӣ хел барам?— оҷизона гуфт Дамору.

Лочӣ қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Оҳ хоҷаи ман, чӣ хел ки хоҳӣ, бубар!

— Дам шав, хукбача!— хашмгинона фарёд кашид Дамору.

Дар ҳамин асно ӯ хост худро ба даст бигирад ва оромона даҳон ба сухан кушод:

— Гӯш кун, Лочӣ, худи ту ҳукм кун, ки ман чӣ кор кунам: туро гирам ё пуламро. Ҳар чӣ ту гӯӣ, бигзор ҳамин хел шавад.

Чашмони каб-кабуду хандони Лочӣ ба якборагӣ ҷиддӣ гаштанд. Ӯ ба қиёфаи бешафқати модараш, амакаш назар афканд ва ногаҳон дар дилаш нисбат ба Дамору ҳисси раҳму шафқат бедор шуд.

— Хотирҷамъ бош, — гуфт Лочӣ, — пулатро бозгашт мегирӣ.

— Қай? Гӯй, ки қай мегирам?

— Аз иди баҳор дер намемонад.

— То иди баҳор ҳоло се моҳ ҳаст! То он вақт чӣ кор мекунем?

— Хайр, агар хоҳӣ, ман қарзамро ба ту кам-кам медиҳам.

— Агар қарзро дар вақташ адо карда натавонӣ-чӣ? Дар он сурат чӣ мешавад?

— Дар он сурат ба хонаи ту рафта, канизат мешавам ва ҳар чӣ фармоӣ, иҷро мекунам.

Дили Дамору ба ларза даромад.

— Дар ин сурат, илоҳо, ту ҳаргиз қарзамро адо накунӣ, — гуфт ӯ ва ба сӯи хаймаи худ рафт.

---

* Панчаят — шурои меҳтарон.

* * *

Моман ва занаш берун аз хайма хоб рафтанд. Лочӣ ба хайма даромад ва то дер гоҳ хобаш набурд. Вай як лаби пардаи хаймаро бардошта, рӯболо дароз кашида, ба осмон менигарист, қалби ӯ чун ситорае, ки дар осмон милт-милт мекунад, дар таҳлука буд. Оҳ, осмони пурасрор, ту охир медонӣ, ки ман чӣ мехоҳам! Барои чӣ қалби ман ба қалби дигар лӯлидухтарон монанд нест? Барои чӣ ман мисли дигарон пайкари худро фурӯхта наметавонам? Охир ман аз бисёр лӯлидухтарон зеботарам! Барои чӣ ман нисбат ба қабилаи худ, расму ойини он, ки тайи ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст, дилбастагие надорам? Барои чӣ ман дар хайма неву дар ҳавлӣ мехоҳам зиндагӣ кунам? Оҳ, барои ман дидани одамоне, ки дар навбати дуру дарози истгоҳи автобус меистанд, чӣ басо ҳавасангез ва ҳамзамон аламангез аст! Ҳар яки онҳо ҳамеша бо як автобус аз як кӯча гузашта ба хонаҳои худ бармегарданд. Аммо мо, лӯлиён, на хонаи худро дорем, на кӯчаи худро ва ба оворагардиву бехонумонӣ маҳкум шудаем. Оҳ фалаки ҳаставу хоболуд, охир чаро ин тавр?! Ҷавоб деҳ ба ман! Барои чӣ қалби ман ба ин андоза моломол аз ҳаяҷон аст?! Чаро ман дар навбати дурударози истгоҳи автобус дидани мардеро мехоҳам, ки бесаброна ба сӯи ман биштобад? Онҳое, ки дар навбат меистанд, ағлабан ба сӯям менигаранд — ман ҳис мекунам, ки гоҳе бархе аз онҳо нигоҳи худро наметавонанд аз ман бардоранд. Аммо ба ман танҳо ҳамин нигоҳи гузаро тааллуқ дораду бас, на худи мард ва агар ман мехостам, пас бо қувваи ҳусну ҷамоли худ вайро водор месохтам, ки якчанд соат, рӯз ва ҳатто моҳҳои зиндагонии худро ба ман бубахшад, аммо ҳатто дар он сурат ҳаргиз аз они ман нахоҳад шуд. Чун мебинам, ки ӯ дар навбати истгоҳи автобус истодааст, ба худ тасаввур мекунам, ки дар ин лаҳза дар чӣ хусус андеша мекунад, қалбашро кадом ҳиссиёт ба ҳаяҷон меоварад. Ман дар дастони ӯ гулҳои чампа* мебинам, ки онҳоро ба завҷааш ҳадя мебарад ва дилам хун мешавад... Оре, ҳарчанд ки ваҷоҳати ин мардон ҳаставу дурушт аст, ҳамаашон ботинан хушбахтанд. Ончунон ки накҳати баҳорон аз сӯрохиҳои хаймаи фарсуда ба худ раҳ меёбад, дар ин қиёфаҳои сияҳфом; қиёфаҳои чангинишаста ва арақолуд ногаҳон гӯё партави шамъи мумиё падид меояд. Гоҳе ман баръалоина мебинам, ки чӣ сон қиёфаи дурандешона якбора гӯё аз ботин мунаввар мегардад, яқин, одам дар ин лаҳза чизе бас дил-

* Чампа — дарахти начандон калон, ки гулҳои зардчатоб дорад.

писандро ба ёд меёварад. Аз тамошои ин манзара ман хиҷолат мекашам ва дилам аз ғаму андуҳ ва дарду алам ба танг меояд. Оҳ, кош ягон мард рӯзи дароз кор карда, монда шуда ба назди ман ҳам мешитофт! Бигзор дар киса ягон пайса* надошта бошад, боке надорад — ҳамин кофист, ки аз ягон буттаи сари роҳ гулаке канда меёвард! Оҳ, чӣ бебокӣ, эй дили ман! Барои чӣ ту ба дили дигар лӯлидухтароне, ки ҳамеша аз як шаҳр ба шаҳри дигаре, аз як хона ба хонаи дигаре оворагардӣ мекунанд, ба дили онҳое, ки як шавҳар — ҳамсари ҳаёт ва дигар шавҳарони бешумор, — барои як шаб, барои як соат доранд, монанд нестӣ? Оҳ, ин кор барои онҳо чӣ сон одӣ, чӣ сон осон аст... Шавҳари лӯлизан худ ӯро пӯшонида, орову торо дода, ба ҷустуҷӯи харидори якшаба ва ё яксоата мефиристад ва пасон лӯлизан бо дили таскинёфта ба хаймаи худ бармегардад, гӯё на пайкари худро, балки айнак ё ангуштаринеро фурӯхта бошад. Ӯ тамоми даромади худро ба шавҳараш дода, сарашро болои синаи вай ниҳода, бо хотири ҷамъ хоб меравад. Ман чӣ? Барои чӣ ман пайкари худро як ҳиссаи руҳам мешумораму ба мурдор шудани он наметавонам роҳ бидиҳам? Оҳ, фалаки нобинову бераҳму тираву тор! Ту маро лӯлизан офаридӣ, вале дар айни замон дар қалбам муҳаббати ба лӯлиён хоси булҳавасонаро ҷо накардаӣ. Ман мехоҳам чун дарахт дар як ҷой сабзам. Дар худи ҳамон як ҷо мехоҳам баҳору тирамоҳро истиқбол бигирам, гармову сарморо гузаронам, мехоҳам дар ҳамон ҷо бимирам ва дар ҳамон ҷо хок шавам.

Лочӣ ғарқи фикру хаёлҳои талху тираи худ гашта, фиқфиқкунон ба гиря даромад. Ин бас духтари ғалатие буд. Фикру хаёл ва эҳсосаш аз он муҳите, ки дар он зиндагӣ мекард, басо тафовут дошт! Ӯ чунон соҳибҷамол буд, ки агар духтар таваллуд намешуд, эҳтимол, ниҳоли себ ё теғаи барфпӯши кӯҳ ва ё шояд қасри марҷонии подшоҳи баҳрӣ мешуд. Аммо табиат ӯро зан офарид ва тақдир ё тасодуф ба муҳити лӯлиёни кӯчӣ афкандаш. Охир ба табиат, қисмат ва тасодуф раҳму шафқат ва ҳисси адолат бегонаанд. Одамӣ танҳо бо нируи хеш метавонад бахташро аз чанголи онҳо бигирад.

Чашмони Лочӣ пур аз сиришк буданд, вале ӯ муштҳояшро фишурда, ба худ бо қатъият гуфт: «Аздусар ман ба мақсадам мерасам!» Ӯ чашмонашро пок кард, худ ба худ тасмим гирифт, ки бихобад, вале дар ҳамин асно ҳишир-ҳишире ба гӯшаш расид: касе ба девори хайма сангча меғуронд. Лочӣ

---

* Пайса — тангаи майдаи ҳиндӣ, ки баробари 1/4 анна аст.

ба рӯи чогаҳ нишаст ва гӯш дод. Дақиқае гузашт ва пасон ба гӯшаш расид, ки касе аз оғӯши торикӣ ӯро чеғ мезанад.

— Лочӣ!

Ӯ аз ҷой бархост ва аз хайма берун шуд. Дар наздаш Гул меистод.

## Боби IV

Гул писари Баллучӣ буд, Баллучиро ҳама мешинохт. Вай судхӯр буд. Вале Гул ба падараш кам монандӣ дошт. Лочӣ ӯро дар истгоҳи роҳи оҳан, дар назди ҳавлиҳои коргарони роҳи оҳан тез-тез дучор меомад. Гул низ чун падараш қоматбаланд, қадаш наздик шаш фут, тануманд, вале мисли падараш фарохсинаву фарбеҳ набуд. Баръакс, ӯ лоғартару хушандом буд. Баллучӣ абрувони ғафс ва дар бари рӯяш риши дароз дошт, аммо писараш ришашро ҳамеша тоза метарошид.

Баллучӣ мисли ҳамаи одамони куҳансоли накӯкор ба сар салла мебаст, пираҳанашро ба даруни шалвораш меандохт. Аммо Гул шим мепӯшид ва пираҳанашро аз болои шим мепартофт. Чашмони Баллучӣ калон-калону даҳшатнок буд. Агар ӯ май кашида ба қарздоронаш: «Барои чӣ ту қарзатро наовардӣ?» — гӯяд, ишон аз тарс ба ларза медаромаданд. Чашмони Гул ҳам калон-қалон, вале ҳалиму андешанок буданд. Баллучӣ ба ҳама мегуфт, ки писараш аз он сабаб ба ӯ монанд нест, ки вайро соҳибмаълумот кардааст ва илм саломатии одамро хароб мекунад, ва одамиро аз кор мебарорад.

Вале Гул ба ҳар ҳол ба падараш хеле ёрӣ медод. Аксари одамон афзал медонистанд, ки на бо Баллучӣ, балки бо писараш сарӣ кор дошта бошанд, зеро раҳмдилию накукории вайро нағз медонистанд. Инро худи Баллучӣ ҳам медонист. Бино бар ин дар он ҳолатҳое, ки аз ягон кас қарз ситондан лозим меомад, писарашро мефиристод. Вай, ки бас хурдагир буд, аз Гул то пайсаи охирини ҳисобу китоб талаб мекард. Агар писараш аз баҳри чанд рупияи қарздорон баромада бошад, соатҳо ӯро азоб медод ва агар қаҳраш ояд, аз задан ҳам худдорӣ намекард. Ва Гул ҳамчун фарзанди қобилу гапдаро ба ҳамаи ин хомӯшона тоб меовард.

Лочӣ Гулро дар ин бемаҳалӣ дида, ҳайрон шуд.

— Ин туӣ, писари Баллучӣ?

— Бале, манам.

— Модар ё падарам аз ту қарз доранд?

— Не!

— Пас барои чӣ омадӣ?

Гул хомӯш буд.

— Ҷавоб деҳ охир! — ранҷурии Лочӣ намоён буд.

— Ба ту як-ду даҳан гап доштам.

— Бигӯй.

— Дар ин ҷо не.

— Пас дар куҷо?

Гул бо дасташ ба он сӯе, ки дар он ҷо дар қарибии чароғи роҳнамои анбори истгоҳ сиёҳии пули кӯҳнаи бо мурури замон зангбаста ва кайҳо хидматашро адокарда ба чашм мерасид, ишора кард. Аз ин пул дар он замонҳои қадиме, ки анбор тамоман назарногир буд, истифода мебурданд. Кунун анбор ҳам аз чапу ҳам аз рост фароҳ гашта ва ин пули кӯҳна, ки аз зераш танҳо ду роҳи оҳан мегузашт, дар заминаи даҳҳо роҳҳои оҳани барқсон ҷилоҳанда маҷруҳи сарҳаму фартуту белаёқатеро ба ёд меовард. Сардорони истгоҳ кайҳо фармуда буданд, ки онро вайрон карда, аз байн бардоранд, вале, яқин, амри хешро фаромӯш карда буданд.

— Гард, болои пул меравем! — таклиф кард Гул.

— Барои чӣ болои пул? Чӣ гап дошта бошӣ, дар ҳамин ҷо гӯй.

— Аз ман метарсӣ?

— Барои чӣ аз ту метарсидаам? Ман аз падарам ҳам наметарсам!

Инро гуфт ва аз паси Гул ба роҳ даромад. Онҳо аз болои панҷараи оҳанини ба анбори истгоҳ гузашта ва чанд дақиқае пас ба зинаҳои пули кӯҳна расиданд.

— Оҳистатар! Дар ин ҷо чанд тахтаи зинапоя нест, — гуфт Гул ва аз дасти Лочӣ гирифт.

— Гап набоф! — Лочӣ дасташро пас кашид. Худам ҳам чашм дорам. Ту пешопеш рав, ман қафо намемонам.

Гул ночор дасти духтарро раҳо карда, пеш даромад. Муддате нагузашта онҳо ба болои пул расиданд. Аз ин ҷо анбор, чароғакҳои сабз ва релсҳои дурахшоне, ки ҳамдигарро бурида, дар ҷойҳои дуродур пахн шуда, дар зулмоти шаб аз назарҳо ғайб мезананд, чун дар рӯи каф намудор буд. Дар атроф хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Дар он ҷое, ки қабилаи лӯлиён ҷой гирифтааст, дарахтон шохҳои бебарги худро боло кардаанд, гӯё худовандро илтиҷо доштанд, ки ҳарчи зудтар баҳорро фиристад.

— Кай ин шохҳои урён гулпӯш мешуда бошанд? — гуфт Гул.

— Ҳой писари Баллуҷӣ! — хашмгинона гуфт Лочӣ. — Аз ман чӣ мехоҳӣ? Чӣ гап дорӣ? Қанӣ тезтар гӯй! Маро бо гулу пули худ беҳуда фирефта накун! Ман ин гапҳоро ҳар рӯз ме-

шунавам: ту гули рухи ман, ту ҳокими дили ман, ту шодиву сурури ман! Ва азбаски ман ба ин ҳарзагӯиҳо як сари мӯ аҳамият намедиҳам, маро саги манфуру фоҳиша меноманд. Хӯш, мақсади ту чист? Ба хаёлам ман аз падарат қарздор нестам!

Гул оринҷҳояшро ба болои панҷараҳои пул такя дода, оромона ба гап даромад.

— Ман ҳар рӯз ба ин ҷо меоям. Соатҳои дуи шаб, вақте ки дар ин ҷо касе намешавад. Ва дуру дароз ба хаймаи ту менигарам.

— Акнун фаҳмост, ки мақсадат чист! — хандид Лочӣ.

— Ба ман ин пул хеле маъқул аст, зеро ки он ба ҳеҷ ҷой намебарад, — ба суханони Лочӣ эътибор надода, ба баёни матлаби хеш давом кард Гул.

— Ба ҳеҷ ҷой намебарад? Яъне чӣ хел? Магар дигар пулҳо ҳатман ба ҷое мебаранд?

— Бале, ба воситаи пулҳои дигар одамон ба ҷое мераванд, бо ҳам вомехӯранд, вале дар ин ҷо касе бо дигаре вонамехӯрад. Вай на кӯчаеро бо кӯчае, на шаҳреро бо шаҳре, на ҳавлиеро бо ҳавлие ва на одамеро бо одаме мепайвандад.

Дар дуродур қатори боркаш намудор гашт. Муддате пас он тамоман наздик шуд ва паровозаш ба деви сип-сиёҳе монанд гашт, ки дар дили ҳама метавонад воҳима андозад. Вай ғулғулакунон ва ҷаранг-ҷурунгкунон дар зери пул ҳаракат мекард. Пули кӯҳна ба ҷунбиш даромад, ҳар як тахтачааш ғичирос мезаду ҳар як мурваташ ҷирингос. Лочӣ баногоҳ фарёде аз дил баровард ва бидуни ихтиёр ба Гул ҷафс шуд.

Дақиқае гузашт ва дубора сукунат ҳукмфармо гашт. Лочӣ худро аз Гул дуртар гирифт, вале ҷавон ҳамон дасти духтарро дар дасти хеш медошт.

— Тахмини ман нодуруст баромад, — табассум кард ӯ. — Ман гумон карда будам, ки ту духтар нестӣ.

Лочӣ бо тамасхур ба ӯ нигарист.

— Ту боз илова кун, ки ман беандоза зебоям, ту барои ман ба мурдан розӣ ҳастӣ, бе ман зиндагӣ ба ту ҳаром аст ва ҷуз ман дар дунё чизе дигар надорӣ. Аз барои худо ҳамаи инро тезтар гӯ. Охир ту маро маҳз барои ҳамин ба ин ҷо овардӣ!

Гул хомӯш буд. Чашмони калон-калонаш пури сиришк гашт, вале ба чӣ машаққате худро ба даст гирифт.

— Ман туро ба ин ҷо барои нишон додани ин пул, ки ба ҷое намебарад, овардам. Вай ба хаёлоти ман монанд аст.

— Ҳа, воқеан, ту одами соҳибмаълумотӣ! Ва мақсади худ-

ро, нияти худро метавонӣ бо суханони зебо рӯпӯш бикунӣ. Вале мақсади ҳамаи шумо як аст. Ту низ чун дигарон меҳоҳӣ маро беномус кунӣ. Хайр, накарда ҳам чӣ! Охир ман ҳамагӣ як лӯлидухтараму бас!

Гул лаб газид, дар ҷавоб чизе нагуфт.

— Хӯш, хуб хушгӯӣ кардем, бас будагист? Қанӣ маро то хаймаамон гуселон. Не, не, исто, ту ҳоло нагуфтӣ, ки дар ивази муҳаббати ман чӣ қадр пул медиҳӣ!

Гул даст бардошт, то кашидаву кушода ба рӯи Лочӣ занад, аммо бо чӣ машаққат худдорӣ кард. Ва чизе нагуфта, вопас гашт ва аз зинапоя поин шуд. Лочӣ чӣ хел аз болои релсҳо ҳаллос задан ва давидани ӯро назорат кард ва баъд хеле вақт хандид. Ҳангоме ки ӯ аз назар ғоиб шуд, Лочӣ шитобон аз болои пул фуромад ва гӯё ракс мекарда бошад, ронҳояшро ҷунбонда-ҷунбонда, ба сӯи хаймаашон рафт.

* * *

Субҳ Лочӣ барои маслаҳат ба назди Рушӣ рафт. Рушӣ зане буд тахминан сисола, тароватн рӯяш хеле рафта буд, ҳарчанд ки бо пардозу андоз мехост нигоҳ дорад. Вай дар миёни лӯлиён маккоратарин, беҳаётарин ва таҷрибаноктарин зан буд. Миҷозони Рушӣ ҳама дороён буданд ва аз ҳамин сабаб ӯ ҳамеша доманаҳои гаронбаҳо мепӯшид, худнамоӣ мекард ва шавҳараш Чаман рӯзу шаб шароб менӯшид. Шавҳар ҳар он чӣ, ки зан меовард, ба нӯшидан харҷ мекард ё дар картабозӣ бой медод ва бар зимми ин занаки бечораро моҳе чандин бор мушткорӣ мекард. Шигифтӣ дар он буд, ки Рушӣ ҳамаи инро бо камоли тавозӯъ мепазируфт, зеро бовар дошт, ки шавҳар ба задани зан ҳақ дорад. Агар шавҳар чанд муддат баногоҳ тарки одат мекард, пайкари ӯ ба хориш медаромад ва ҳазору як баҳона меҷуст, то шавҳар ҷазояшро бидиҳад ва пасон ба вай хушомад мекард. Рушӣ шавҳарашро бас сахт дӯст медошт. Миҷозонашро ҳам беҳад дӯст медошт, аммо он муҳаббати як ё дусоата буд. Ба ҳар ҳол шавҳар — шавҳар асту миҷоз — миҷоз. Охир дар фурӯшгоҳ ҳам ҳар кӣ ҳар чӣ хоҳад, метавонад бихарад, аммо соҳиби фурӯшгоҳ танҳо!

Рушӣ зане буд соҳибхирад ва пайваста кӯшиш ба харҷ медод, ки зиндагонияшро хуш гузаронад. Рости гап, дунё ба туфайли ҳамин гуна занону мардони соҳибхирад вуҷуд дорад, вагарна он кайҳо хароб мегашт.

Рушӣ дарду ҳасрати Лочиро то охир бодиққат гӯш кард ва пасон гуфт:

— Сесаду панҷоҳ рупия ҳам пул шуд? Ба ин маблағ ман ба ту дар як он миҷоз меёбам.

— Вале ба ман миҷоз лозим нест!

— Пас ин қадр пулро аз куҷо меёбӣ? — ҳайрон шуд Рушӣ. — Ту мехоҳӣ пул ёбӣ, аммо намехоҳӣ, ки худфурӯшӣ кунӣ! Ман мақсади туро намефаҳмам!

— Дар ин сурат аз ту ба ман чизе лозим нест!

Лочӣ аз ин гуфтугӯ ранҷида, аз назди Рушӣ рафт. Рушӣ андешамандона аз паси ӯ нигарист ва пасон паст-паст хандид:

— Заб духтари беақл-куя! Қай ақлаш медаромада бошад?!

Дар ҳамин асно ба назди Рушӣ ҷанобе омад. Ҷавонзан сар боло кард ва лабханд зад.

— Ҷаноб мехоҳанд айнак бихаранд?

— Ман айнак дорам, — гуфт ҷаноб.

— Пас ба шумо чӣ лозим? Ангуштарин ё сӯзани қубба, дастпона ё гӯшвора? Марҳамат, интихоб кунед! — инро гуфт ва баланд хандид.

— Ба ман алмос лозим аст, — посух кард ҷаноб ва чашмак зад.

## Боби V

Лочӣ аз Рушӣ ягон маслаҳати дуруст надида, роҳи фурӯшгоҳи Модҳуро пеш гирифт. Ӯ аз сабад себе гирифт ва ба даҳон бурд. Модҳу дар ин лаҳза ба харидорон мева бармекашид ва бино бар ин ба духтар лабханде заду бас. Ва пас аз он ки бо харидорон ҳисобу китоб кард, як себи хушрӯе ёфта, ба Лочӣ дароз кард. Ӯ себи нимхӯрдаро ба ҷӯй хаво дод, ба хӯрдани себи тоза сар кард ва аз Модҳу пурсид:

— Модҳу! Ту маро сахт дӯст медорӣ?

Модҳу қоҳ-қоҳзанон хандид ва пасон якбора суп-сурх шуда, рӯяшро гардонид. Ба Лочӣ ин рафтори ӯ писанд афтод.

— Хайр, гап зан охир! Ту маро чӣ хел дӯст медорӣ?

— Ман туро аз тамоми дорони худ дида, аз фурӯшгоҳи худ дида, ҳатто аз ҳаётам дида бештар дӯст медорам! — гуфт Модҳу.

— Дар ин сурат ман аз ту хоҳише дорам... оё ту метавонӣ онро иҷро кунӣ?

— Як даҳан гапат кифоя аст, ки ман аз баҳри фурӯшгоҳи худ бароям ва ҳамаи сабадҳои меваҷотро ба ҷӯй чаппа би-

кунам. Ё агар хохӣ ба роҳи калон мебароям ва худро ба зери мошин мепартоям. Ё...

— Бас, бас! — сухани ӯро бурид Лочӣ. — Ман аз ту танҳо, як чиз мехоҳам, — ту ба ман аз ягон ҷо сесаду панҷоҳ рупия пайдо кун.

— Сесаду панҷоҳ рупия?! — мевафурӯш ҳамоно суст шуд. — Ин қадр пулро аз куҷо меёбам? Буду шуди дорони ман — ана ҳамин мева. Арзиши он тақрибан панҷоҳ ва ё ҳафтод рупия аст ва дар хона боз тақрибан шаст рупия пасандоз дорам.

— Аз куҷо меёбӣ, ман ба ин кор надорам, вале аз таги замин бошад ҳам, бояд пайдо кунӣ, вагарна ман бо ту дигар гап намезанам! — духтар озурдахотирона лабонашро овезон кард.

— Не, не, Лочӣ, — бо илтиҷо гуфт Модху. — Хафа нашав, як ба ман нигоҳ кун!

— Чӣ мегӯӣ? — Лочӣ чашмонашро дурахшонда ба ӯ нигоҳ кард.

Ба назари Модху чунин намуд, ки гӯё барқ дили ӯро сӯрох карда бошад. Ҳастияшро ҳарорати баланде фаро гирифт.

— Ин бегоҳ биё, аз ягон ҷо барои ту пул пайдо мекунам.

— Хуб.

Лочӣ аз фурӯшгоҳ баромад. Ба назараш чунин намуд, ки чун кӯҳ бори гароне аз китфаш дур шуд.

Вай имрӯз ангиштеро, ки бо чӣ машаққат тавонист аз анбор бидуздад, фурӯхта, якуним рупия кор кард. Пасон дар назди ҳавлиҳои коргарони роҳи оҳан пилевида-пилевида саранҷом аз ҳавлии нозир Алӣ як мурғ дуздид. Лочӣ пиндошта буд, ки онро аз сею ним рупия кам намефурӯшад, вале қассоб якравӣ карда, танҳо якуним рупия дод.

— Охир ин моли дуздист-ку!

— Бин чӣ хел фарбеҳ! Аз сеюним рупия як тин кам не!

— Ман якуним рупия медиҳам!

— Ба ман якуним рупия медиҳиву баъд худат ба панҷ рупия мефурӯшӣ! Шарм намедорӣ? Ман охир як лӯлидухтари бечораам.

— Ман як қассоби бечораам!

— Ман сесаду панҷоҳ рупия қарз дорам.

— Ман се зану панҷ фарзанд дорам!

— Чорумашро кай мегирӣ? — бо тамасхур пурсид Лочӣ.

— Ҳамин ки ту розигӣ диҳӣ!

— Хайр, майлаш, се рупия деҳ! — гуфт духтар ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифта.

— Як рупияву дувоздаҳ анна медиҳам!

— Ақаллан дуюним рупия деҳ!

— Ду рупия! Аз ин дигар зиёд не! Ба ҳаминаш ҳам розӣ шав, вагарна ҳеҷ чиз намегирӣ. Як ба атрофат нигоҳ кун!

Аз кӯча полиси посбон мегузашт. Лочӣ тарсид ва филфавр ду рупияро гирифта, ба пинҳон шудан шитофт. Акнун ӯ сеюним рупия дошт. Ба гирдоби андеша фурӯ рафт. Агар ҳамин хел пул пайдо кунад, минбаъд чӣ мешуда бошад? Вале баъдан Модхуро ба хотир оварда, хушҳол шуд. Ӯ ба дӯкони қассоб баргашт, сар то сари бозорро давр зада, ба истгоҳи автобус баромад. Дар ин ҷо ду моҳифурӯш сабадҳои холӣ ба даст механдиданд. Вақте ки Лочӣ дасташро дароз карда ба назди онҳо рафт, яке аз занҳо сарзанишкорона гуфт:

— Шарм намедорӣ? Ҷавон, тану ҷонат сиҳат, вале гадоӣ мекунӣ! Шӯ кун, хонаю дар кун!

— Беҳтараш ман ба хонаи ту меравам, — тамасхур кард Лочӣ.

Моҳифурӯш мушт кашида, ба ӯ дарафтод. Лочӣ қоҳ-қоҳзанон хандида рӯ ба гурез ниҳод.

Ҳамин вақт автобус омад. Занҳои моҳифурӯш ба автобус савор шуданд. Майдон холӣ шуд. Лочӣ ба истгоҳ баргашт. Дар ин ҷо пиразани нобино Дҳония даст дароз карда, ҳузнангезона садақа мепурсид.

— Дар ин ҷо ҳеҷ кас нест у ту аз кӣ садақа металабӣ? — пурсид Лочӣ.

— Худи ту кистӣ?

— Ман? Мисли ту як гадоям, — Лочӣ баланд хандид.

— Ханда ту ниҳоят баланд, — гуфт пиразани нобино хашмгинона. — Илоҳо ҷавонмарг шавӣ, лаънатӣ, омадӣ, ки нони маро нимта кунӣ?

— Ман ба ту чӣ бадӣ кардам? — шигифт монд Лочӣ.

— Ту дар паҳлуи ман истӣ, кӣ ба ман садақа медиҳад? Охир чӣ замонаҳое шудааст аҷиб! Одамон ба хушрӯҳо раҳм мекунанд, вале касе ба ҳоли пиразани нобино раҳм намекунад!

Ӯ ҳақ баромад. Лочӣ дар истгоҳ се ё чор соат истода, дуюним рупия ғун карду пиразани бечора ҳамагӣ тахминан даҳ пайса. Лочӣ медид, ки ба пиразан танҳо занҳои раҳмдил садақа медиҳанду бас. Аммо мардон чун Лочиро медиданд, ду дида ба ӯ дӯхта, гадозани нобиноро қариб ки пай намебурданд. Дар ниҳоди духтар ҳиссиёте тира ва ҳамзамон мутантан тавлид ёфт. Ӯ ба дӯкончa даромад ва ба ду пайса

як воя пон* харид ва онро кавша карда-кавша карда, дар назди онна истода, ба оро додани худ даромад. Дар як чашм-зад дар дӯкон одами бисёре гирд омад.

— Ку ба ман ба ду пайса папироси «Гхуро мэрка» бидеҳ!

— Ку ба як анна папироси «Султон соҳиб» бидеҳ!

— Ку аз пони тоза шавад!

— Ним куттӣ «Кавиндра»!

— Ба ман пони қаранфуломехта!

Лочӣ аз ҷайб ду пайса баровард, то ки ҳаққи понро бипардозад, вале фурӯшанда табассумкунон сар ҷунбонд.

— Ҳеч чиз лозим нест, аэизам! Беҳтараш ба ин ҷо тез-тез биё ва бо ҳамин пули понро мебарорӣ.

— Хукбача! — ҳақорат дод ӯро Лочӣ ва ба ҷӯй туф кард ва ронҳояшро ҷунбонда-ҷунбонда роҳи фурӯшгоҳи Модхуро пеш гирифт, чаро ки дигар рӯз бегоҳ мешуд.

Лочӣ ба фурӯшгоҳи Модҳу наздик шуд ва дид, ки ӯ шитобкорона фурӯшгоҳашро руст мекунад. Ин бас шигифтовар буд. Одатан Модҳу соати дувоздаҳ, пеш аз боэрасии полиси посбон савдоро бас мекард. Имрӯз бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дода бошад? «Ин бадбахт мехоҳад аз ман гурезад. Хеле хуб шуд, ки ман дар вақташ омадам», аз хаёл гузаронд духтар. Ва хомӯш дар паси Модҳу қарор гирифт.

Мевафурӯш дӯконашро қуфл кард ва вопас гашта, бо Лочӣ рӯ ба рӯ шуд. Аз ин вазъи ногаҳонӣ ҳатто як қад парид.

— Ба куҷо мегурезӣ, Модҳу?

— Ман нияти гурехтан надорам! — эътироз кард мевафурӯш. — Мехостам туро пайдо кунам, аз ҳамин сабаб дӯконро барвақт руст кардам.

— Пул ёфтӣ?

— Ҷим-м! Пасттар гап зан, девор муш дораду муш гӯш, — пичиросзанон ба забон оварД Модҳу ва ба гирду пеш назар афканд.

— Хайр, бошад-чӣ! — оромона гуфт Лочӣ.

— Ту ҳеч чизро намефаҳмӣ. Ин ҷо биё. Ҳозир ба таксӣ савор мешавем, баъд ман ҳамаашро мефаҳмонам.

Лочӣ ба атроф нигарист ва чанд қадам дуртар таксиеро дид. Ҳарду ба он савор шуданд. Ронанда мошинро пас гардонда, аз майдони истгоҳи роҳи оҳан берун шуд ва дар пас-

---

* Пон — гиёҳест, ки дар Ҳиндустон серистеъмол буда, тамокуи хонданиро иваз мекунад.

кӯчае дар сояи дарахтон бозистод. Андаке дуртар хоначаи телефон буд.

Модху бо дастони ларзон аз ҷайбаш пул бароварда, ба Лочӣ дароз кард.

— Ана, буду шудаш ҳамин. Шумур!

Лочӣ дах, панҷ ва дурупиягихои равғанолуди ғиҷимшударо, ки аз онҳо бӯи арақ меёмад, инчунин тангаҳоро шумурд ва гуфт:

— Ҳамагӣ сад рупия-ку!

— Тамоми дороиям ҳамин. Хайр, боке не, гир.

Лочӣ пулро ба ҷайб андохт. Лабони Модху нам шуданд, пешониаш арақ кард. Ӯ бо харос ва хаяҷони афзун даст дароз кард — ангуштони ларзонаш дасти Лочиро меҷустанд.

— Ба ягон ҷо равем?

— Ба куҷо?

— Ба ягон ҷо... Гардиш мекунем... — канда-канда такрор кард мевафурӯш. Ангуштони ларзонаш ба ангуштони Лочӣ чизеро ишора мекард.

Духтарро ларза фаро гирифт. Ба назараш чунин намуд, ки дар пайкараш он кирмҳои палиде, ки дар ҷӯйборҳо метавон дид, ҷунбуҷӯл доранд. Ӯ пулҳоро ба рӯи мевафурӯш ҳаво дод ва ҷахида аз мошин фуромад. Чашмони осмонгунаш аз ғояти хашму ғазаб медурахшиданд.

— Саги лаънатӣ!

Лочӣ аз замин санг бардошт. Ронанда моторро ба кор андохт ва мошин тез аз ҷой ҳаракат кард. Сангҳое, ки Лочӣ ҳаво медод, яке паси дигар ба қанот ва баданаи мошин мезаданд. Ронанда ҳамон мошинро тирвор меронд ва дар айни замон худоро илтиҷо мекард, ки шишаҳои мошин газанде набинанд.

Лочӣ як санги дигар ба даст гирифт, вале мошин дигар дур шуда буд. Ӯ ба кӯчаи беодам ва ба санги дасташ нигарист ва пасон бо тамоми қувва онро ба кӯча ҳаво дод. Аз ғояти хашму ғазаб тамоми пайкараш меларзид, оби дидагонаш ба рухсораҳояш ҷорӣ шуд. Ана акнун донистам, ки Модху чӣ одаме будааст! Ман беҳуда вайро дар қатори одам ҳисоб карда будаам...

Лочӣ ба хоначаи телефон нигарист. Барои чӣ ба ин хоначаи даромада, ба худо сим задан мумкин набошад?! Балки худованд ба ӯ сесаду панҷоҳ рупия мефиристад?! Ва ё ба воситаи телефон бо худованд гуфтугӯ кардан мумкин нест?! Барои чӣ мумкин набудааст? Ва барои чӣ худованд ба ӯ мадад нарасонад? Охир сесаду панҷоҳ рупия ҷандон пули бисёр

не-ку! Наход дар рӯи замин одаме ёфт нашавад, ки номуси духтари бечораро ҳимоя бикунад?!

— Дарлинг*, ту ба кӣ телефон мекунӣ? Беҳтараш биё ба мошин савор шав!

Лочӣ вопас нигарист ва дид, ки дар сари фармони «плимут»-и зебои кабудтоб ҷавоне нишастааст.

Ӯ хам шуд ва аз замин сангеро бардошт. Мошин аз паси худ дуду чанг боқӣ гузошта, дар як чашмзад аз назар ғоиб шуд.

## Боби VI

Шомгоҳ, ҳангоме ки Лочӣ ба гузарашон бозмегашт, Ригӣ роҳи ӯро поида дар лаби кӯл менишаст. Вай чун одат хомӯш дасташро дароз кард. Лочӣ бо диққат ба падараш нигарист ва пасон рӯяшро гардонд ва низ ҳарфе ба забон наёварда, роҳашро давом дод.

— Куҷо меравӣ? Ҳаққи ман ку?

Лочӣ даст аз киса баровард ва ба рӯи падар торсакие зад. Дар лабони Ригӣ хун дамид. Ӯ карахт шуд. Пасон оҳиста лабонашро пок кард ва бодиққат ба кафи дасташ, ки дар рӯи хатҳои чуқур-чуқури он хуни арғувонӣ мешорид, нигарист.

— Агар ту дар ҳақиқат падари ман бошӣ, пас то он даме ки ман қарзи Даморуро соф накунам, набояд аз ман ягон пайса талаб кунӣ.

Ригӣ, ки ҳамвора ба дасташ менигарист, посух кард:

— Магар ту танҳо сесаду панҷоҳ рупия метавонӣ ҷамъ бикунӣ?

— Мебинем.

— Ту зан ҳастӣ, вале дилат айнан чун дили мард аст. Бадбахтии ту ана дар ҳамин аст! — оҳ кашид Ригӣ.

— Барои чӣ?

— Умр кӯтоҳ аст, ҷавонӣ боз ҳам кӯтоҳтар. Дар хусуси ҳусну ҷамол ҳоҷати гап нест. Падарам маро ҳамеша насиҳат мекард: сурудхонӣ кун, рақс кун, то метавонӣ ҷаҳонгардӣ кун, вале кӯшиш кун, ки камтар кор кунӣ. Одаме, ки дар як ҷо зиндагӣ мекунад, барги дарахтеро монад: як рӯз канда мешаваду меафтад ва фавран пажмурда мегардад.

— Аммо ман мехоҳам, ки хона дошта бошам. Ба ман ҳаймаи шумо лозим нест!

---

* Дарлинг — азизам, ҷонакам (инглисӣ).

Ин суханон аз даҳони Лочӣ бидуни ихтиёр, аз худи қаъри дилаш баромаданд. Худи ӯ аз эҳсосе ки дар онҳо садо дод, битарсид ва шитобон аз назди падараш дур шуд.

Ригӣ мутаҳайирона аз паси ӯ нигарист.

* * *

Дамору, дар назди хаймаи худ, дар рӯи бӯрё дароз кашида, май менӯшид. Дар ду паҳлуяш Рушиву Ҷомон менишастанд. Лочӣ ба назди сардор шаш рупия гузошт. Дамору қоҳқоҳзанон хандид.

— Боз чӣ қадр вақт лозим аст, ки ту қарзатро соф кунӣ?

— Хотирчамъ бош! Дар вақти ваъдагӣ адо мекунам.

— Охир ғами пайкари чу гул шукуфони туро ман нахӯрам, кӣ мехӯрад? — сардор инро гуфт ва дубора хандид.

Ин дафъа ба хандаи ӯ занҳо ҳамроҳ шуданд. Лочӣ хомӯш буд. Дамору як ба шохҳои бебарги дарахтон назаре афканд ва сухани худро идома дод:

— Ана дарахтон ҳам омад-омади баҳорро интизоранд...

— То баҳор ҳоло хеле вақт ҳаст, — оромона эътироз кард Лочӣ ва ангуштонашро қирс-кирс карда, аз назди онҳо дур шуд.

Дили Дамору аз ғуссаи номафҳуме ба танг омад. Ҷомон ва Рушӣ Лочиро бо нигоҳи пур аз бухлу ҳасад гуселониданд. Ҷомон дандонҳояшро ғиҷирос занонда, ғур-ғур кард:

— Худро баорият нишон доданӣ. Нобакор!

Дамору, ки қулт-қулт май менӯшид, гуфт:

— Сабр кун, хоҳӣ дид, ки чӣ мешавад!

* * *

Лочиро хоб намебурд. Ба назараш чунин менамуд, ки ӯ на дар хайма, балки дар зиндоне хобидааст, ки деворҳои он ҳалқавор гулӯяшро фишор медиҳад. Дар дуродур соат занги дувоздаҳро зад. Вале Лочӣ ҳамон бедор буд. Вай аз хайма берун шуд, чашмонашро пок кард ва оҳи сарде кашид. Ногаҳон нигоҳаш ба пули кӯҳна афтод, ки дар дуродур сиёҳтоб менамуд. Ва дар миёни чароғакҳои сабзу сурхи алоим сӯроби беҳаракати одамиро пай бурд.

Гул! Лочиро аз нохуни пой то фарқи сар ларзаи асабоният фаро бигрифт, ӯ ғурур ва лаҷҷии ачиберо эҳсос кард.

Хост ба хайма бозгардад, аммо пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд ва ин буд, ки ба суроби болои пул, ки ҳамон беҳаракат буд, бодиққат нигоҳ карда, хеле вақт рост бистод. Пасон, яқин, ба қароре омад, ки аз болои релсҳо халлос зада-халлос зада ба ҳамон сӯ раҳсипар гашт. Ва ҳангоме ки ба сари пул расид ва дар паҳлуи Гул ба панҷара такя кард, ҷавон гуфт:

— Ман медонистам, ки ту меӣ!

— Ҳм... Ман барои он омадам, ки ҳавои хайма бас дим аст, — посух кард духтар.

Ҳарду ҳам дигар ҳарфе ба забон наёварданд. Дар атроф низ сукунат ҳукмфармо буд, танҳо дар кучое тук-туки чархҳои вагонҳо садо медод.

— Ман шунидам, ки ба ту сесаду панҷоҳ рупия лозим будааст. Ин рост аст? — хомӯширо халалдор кард Гул.

— Акнун шаш рупия кам!

Гул муддате сукут варзид ва пасон гуфт:

— Ман ба ту фардо ё пасфардо пул меорам.

— Ту аз куҷо пул меёбӣ?

— Аз падарам мегирам!

— Ба ӯ чӣ мегӯӣ?

— Ман ӯро фиреб намедиҳам, буду шуди гапро мегӯям, вассалом.

— Ростӣ, пул пайдо мекунӣ?

— Бале. Фардо ё пасфардо!

— Ман туро дар куҷо мебинам?

— Дар ҳамин ҷо, дар болои пул.

— Кай?

— Айнан дар ҳамин вақт!

— Таксӣ дар куҷо мешавад?

— Чӣ хел таксӣ? — пурсид Гул асли гапро нафаҳмида.

— Ҳамон таксие, ки ту маро ба он савор карда ба гардиш мебарӣ!

Гул акнун таги гапро фаҳмид. Ӯ сарашро поён афканд ва оҳе чуқур кашид.

— Хоҳиш мекунам, оҳ накаш. Аз бозе ки ба балоғат расидаам, ман ин оҳкашиҳоро дақиқа ба дақиқа мешунавам. Дар истгоҳи автобус, дар анбор, дар дӯкони кассоб, дар бозор — хуллас, ҳар ҷо равам, ҳамин оҳкаширо мешунавам. Ягон бор дидӣ, ки устухонро дида, чӣ хел оби даҳони саг меравад?

— Вале ҳамаи мардон як хел нестанд...

— Вале ҳамаи сагҳо якхеланд!

Гул ба дастони духтар ханҷол зад.

— Валлоҳ ки бас бадкирдорӣ! Ман аз ту нафрат мекунам! Нафрат!

— Пас барои чӣ ба ин ҷо меоӣ? — пурсид Лочӣ. Овозаш меларзид.

Гул ҷавоб надод.

Лочӣ ба дасташ назаре афканд ва гуфт:

— Бубин, ваҳшӣ, дастамро чӣ хел харошидӣ?

Дар воқиъ, дар рӯи пӯсти мисли дарахти сандал тиллоранги Лочӣ осори нохунҳои Гул монда ва ҳатто аз баъзе ҷойҳояш хун метаровид. Гул як қад парид. Хост Лочиро сахт ба оғӯш кашад, ба сӯяш майл кард, вале ҳамон лаҳза худро пас кашид ва мисли дафъаи гузашта ҳарфе ба забон наёварда, аз зинапоя поин шуд.

Лочӣ аввал паст, пасон баланд қоҳ-қоҳзанон хандид. Гул дар ин ханда нафрат шунид. Ӯ аз болои релсҳо халлос задаҳаллос зада дар паси вагонҳое, ки нигарони бор меистоданд, аз назар пинҳон шуд.

Лочӣ аз ханда бозистод. Ӯ дасташро, ки дар он осори нохунҳои Гул чун моҳи нав хаёле намудор мешуд, ба чашмонаш наздик бурд ва баногоҳ ба лабонаш пахш кард.

— Захмҳои ман, оҳ, захмҳои ман! Захмҳои азизу нозук ва дилҷӯи ман!

Лочӣ ба хайма бозгашт ва филфаур хобаш бурд. Хобаш сахт бурд ва ҳангоме ки бедор шуд, офтоб хеле баланд шуда, шуъоҳои хешро ба хайма афканда буд. Моман дар дами дар бӯрё мебофт, Қавлӣ нон мепухт.

* * *

Ҳангоме ки шаб фаро расид, Лочӣ ба болои пул баромада, то соати ду Гулро нигарон шуд, вале аз ӯ дараке набуд; шаби дуввум ҳам ӯ наёмад. Лочӣ ӯро боз чанд шаби дигар интизор кашид ва, саранҷом, ба хулосае омад, ки Гул дигар намеёяд ва ба худ тасмим бигрифт, ки ҳама чизро фаромӯш кунад. Захмҳои дасташ беҳ шуда, рӯяшонро қалахчаҳои сияҳтоб пӯшониданд. Лочӣ онро ба оҳистагӣ канд. Пӯсти зери захмҳо сафеди сурхчатоб буд. Аммо захмҳо дар ӯ дигар майли бӯсидани захмҳоро надошт, баръакс, акнун ба онҳо бо чашми нафрат менигарист.

— Ба дастат чӣ шуд? — пурсид рӯзе модар.

— Саг газид! — хашмгинона посух кард ӯ.

Модар бо диққат ба рӯи духтар нигарист, аммо чизе нагуфт.

* * *

Лочӣ дар муддати бист рӯз ба Дамору ҳафтод рупия пул дод. Аз анбор ангишт дуздидан рӯз аз рӯз душвортар мешуд, мурғдуздӣ ҳам на ҳама рӯз ба ӯ даст мелод. Қиссаи Лочиро ҳама медонист, кадбонуҳо ҳам акнун чизу чораи худро эҳтиёт мекарданд. Ҳангоме ки ӯ аз истгоҳи таксӣ мегузашт, Ҳамид ба ёронаш мегуфт:

— Агар ӯ ба ман як ишора мекард, сесаду панҷоҳ не, сē ҳазору панҷсад рупия пеши пояш мепартофтам.

Агар Лочӣ эътибор надиҳад, мегуфт:

— Агар ӯ мехост, ман барояш сеюним ҳазор не, сею ним миллён рупия пайдо мекардам! Ман аз ӯ ситораи кино мебаровардам! Вале ба як шарт...

Пас аз ин косаи сабри Лочӣ лабрез мешуд, бозмегашт ва ба сӯи ӯ туф мекард. Ронандаҳо қоҳ-қоҳзанон механдиданд ва духтари бечора дар ғояти хашму ғазаб тозон аз назди ишон дур мешуд.

Қунун, ки қиссаи Лочию Дамору дар маҳалли назди истгоҳи роҳи оҳан овоза шуда буд, ҳолати духтар бас табоҳ гашт. Ба ҳар марде, ки барои садақа рӯй меёвард, вай ҳатман шӯхиомезона чашмак мезад, маънидорона табассум мекард, изҳор медошт, ки агар шартҳояшро пазирояд, бе қилу қол ёрӣ мерасонад. Лочӣ аз канизии Дамору даст кашида, гӯё ин рафтори хешро ба тамоми олам ва оламиён намоиш медод. Ғурури ӯ, матонати ӯ, мубораза ӯ барои шарафи худ дар миёни мардум ҳисси хашму ғазаби номафҳумеро ба вуҷуд оварда буд.

— Ин лӯлидухтари гадо чӣ нозу карашма мекунад?! Барои чӣ ӯ мехоҳад худро ба зану духтарони мо баробар бикунад?!

Одамон гӯё пеши худ мақсад гузошта буданд, ки сари ӯро ҳам кунанд; ҳатто онҳое, ки вақтҳои пеш бо ӯ ҳазлу шӯхӣ мекардаиду чанд аннаро аз ӯ дареғ намедоштанд, акнун ягон пайса ҳам намедоданд ва баръакс масхаракунон мегуфтанд:

— Баъли иди баҳор биё, дусад рупия мегирӣ!

Лочиро барои мағрурнаш ҷазо додан гӯё кори шарафноке шуда буд: охир дарвоқеъ миёни занони обруманду лӯлидухтари гадо, ки дар кӯчаҳо садақа мепурсад, фарқ бояд бошад!

* * *

Лочиро боз дар асnои ангиштдуздиаш дастгир карданд. Вақтҳои охир дастаи посбонон пурқувват гардонида шуда буд. Посбонҳо ба вижа Лочиро ҳушёрона зери назорат қарор

дода буданд. Аз ҳамин сабаб ӯ ба анбор нимишабӣ даромад. «Хайр, камтар ангишт дуздам, осмон омада ба замин наме: часпидагист?! Охир дар ин ҷо ангишт ғарам-ғарам-ку!» аз хаёл гузаронд ӯ. Арзу шикоятҳои бисёр ба дили сардор зада ва ӯ фармуда буд, ки агар Лочиро дар анбор бубинанд, фавран дастгир кунанд. Ва инак имшаб Лочӣ ба даст афтод. Ӯ ба анбор бас эҳтиёткорона даромад ва пас аз он ки дар доманаш ангишт ғун кард, касе аз китфонаш дошт. Лочӣ бе ихтиёр фарёд кашид. Дар наздаш посбони бинидароз Датту меистод ва дандонҳои калон-калонашро ғичирос заноида, қоҳқоҳзанон механдид.

— Вой! Сар деҳ маро!

— Исто! Ба назди сардор меравем!

— Сар деҳ, ман дигар ҳаргиз ба ин ҷо намеоям.

— Ку аз паси ман биё! — инро гуфт ва бо қундоқи туфанг зад.

— Барои чӣ ту маро мезанӣ? Гуноҳи ман ин аст, ки чанд пора ангишт гирифтам... Ҳаман лӯлизанҳо мегиранд. Қоргарон ҳам мегиранд. Оё ин ҷиноят аст? Дар хонаи худи сардор ҳам аз ҳамин ангишт месӯзанд. Магар ту инро намедонӣ?

— Ман ҳеҷ чизро намедонам! Рафтем ба назди сардор!

— Хайр, бинст, бубин ман ангиштро партофтам — ман ҳеҷ чиз нагирифтам! Сар деҳ маро!

— Наравӣ, мепаронам! — гуфт Датту туфангро якбора боло карда.

Лочӣ сар хам кард ва ночор аз паси ӯ рафт.

Соат дун шаб буд. Вале азбаски соати се бояд қатори волӣ мегузашт Расак Лол дар ҳуҷраи кораш ва кормандони истгоҳ дар ҷойҳои худ менишастанд.

Ҳангоме ки Датту духтарро ба ҳуҷраи кори сардор овард, Расак Лол танҳо буд. Ӯ дар ин асно ба воситаи телефон аз маъмурият дар хусуси қатори волӣ дастур мегирифт. Лочӣ дар гӯшае рост истод. Расак Лол ба ӯ аз болои китфонаш назаре афканд ва пасон ба Датту ишора кард, ки берун шавад. Датту фармоиши сардорро ба ҷо овард.

Расак Лол гуфтугӯйро ба поён расонда, пасон рӯй сӯи Лочӣ кард.

— Наздиктар биё!

Лочӣ қадаме пеш гузошт ва бозистод. Дар ин нотавонӣ ва хароси ӯ бас фатонате ниҳон буд! Расак Лол бидуни хоҳиш мафтуни духтар шуда, ба вай чашм дӯхт.

— Ту духтари нағзӣ, вале барои чӣ ангиштдуздӣ мекунӣ? — гуфт ӯ.

— Сардор-бобу, сар дихед маро. Ман ба шумо қавл медиҳам, ки дигарбора ба ин чо наёям.

— Хайр, бигӯ барои чӣ дуздӣ мекунӣ?

— Худи шумо нағз медонед, ки барои чӣ дуздӣ мекунам... инро ҳама медонанд.

— Ту дар хусуси қарзат?

Лочӣ сар чунбонд ва дида ба замин дӯхт.

— Чи қадрашро додӣ?

— Хаштод рупияашро.

Лочӣ ҳамон ба замин менигарист ва чуръат намекард, ки сар боло кунад. Қиёфаи сардор мулоим шуд. Ӯ ғалладони мизашро кушод ва ба назар чунин менамуд, ки ба сар чӣ андешае дорад. Саранчом, гӯё ба қароре омада бошад, чанд пули коғазӣ баровардa, ба Лочӣ дароз кард.

— Ана, бигир ва ба оң нобакор деҳ!

Духтари сода дар ғояти сипос ба зону афтод ва пойҳои Расак Лолро ба оғӯш кашид. Аммо ҳангоме ки аз чой хест, худро дар оғӯши сардор бидид. Вачоҳати Расак Лол аз ҳирсу шаҳват баднамо гашта буд. Лочӣ дар он ҳамон ифодаеро хонд, ки чанде қабл дар рӯи Модху Лол — «хомкаду» дида буд. Лочиро ҳисси нафрат ва адовати беандоза фаро бигрифт. Ӯ худро аз оғӯши Расак Лол раҳонида, кашидаю кушода ба рӯи вай зад. Расак Лол аз чояш чаҳида, ба курсӣ пешпо хӯрда, гумбуросзанон ба рӯи фарш ғалтид.

— Полис! — аррос зад ӯ.

Датту тозон даромад.

— Ин духтари нобакорро ба таҳхона партоед, — фармон дод Расак Лол. — Ӯ дузди гузарое будааст!

— Худи ту кистӣ? — Ту фосиқи мурдор! — дод зад Лочӣ. — Ақаллан шарм мекардӣ, охир ман бо духтарат баробарам!

— Ба таҳхона партоед ӯро! — такрор кард сардор, ки сахт ба ғазаб омада буд.

— Хайр, холо сабр кун, ман афти безебатро канда-канда мегирам! — дод зад Лочӣ.

Датту ӯро кашолакунон аз хучраи кор бурд.

## Боби VII

Лочӣ се рӯзро дар зиндон гузаронд. Рӯзи чорум ӯро озод карданд. Ӯ пешпо хӯрда-пешпо хӯрда аз таҳхона баромад ва дар рӯ ба рӯяш Гулро дид. Вале вай дигар Гули пештара набуд. Чеҳрааш коҳида, зард шуда, сару рӯяш тамоман чанг-

олуд буд. Вай шалвор ва пироҳани патанӣ* ба бар карда, аз болои пироҳан камзӯл ва дар сар кулоҳу дастор дошт. Ҷавон аз болои камзӯлаш тасмаи чармӣ баста буд, ки дар он фасонсанг ва корду дукордаҳои бисёр овезон буд.

— Барои чӣ ин қадр худро оротою торо додӣ? — таачҷуб кард Лочӣ.

— Падарам маро аз хона ронд.

— Барои чӣ?

— Ман аз ӯ барои ту пул пурсидам. Ана барои ҳамин. Чӣ хел ту ҷуръат кардӣ, ки лӯлидухтарро дӯст дорӣ, мегӯяд. Ман ба ту сесаду панҷоҳ рупия он тараф истад, ҳатто сеюним рупия ҳам намедиҳам. Гум шав аз хонаи ман!

— Хайр, чанд рӯз ин ҷониб дар куҷо будӣ? Он шаб барои чӣ ба сари пул наомадӣ?

— Чӣ хел омада метавонистам? Ба бепул омадан рӯям нашуд, аз ҳамон вакт ин ҷониб аз паи корёбӣ афтодам. Ба идораи шаҳрдорӣ дафтардор даркор будааст. Вале маро нагирифтанд, мегӯянд, ки «мумкин не, ту инҷоӣ не». Дар ҷои дигар мегӯянд, ки «мумкин не, ту патанӣ». Дар ҷои саввум гуфтанд, ки афту андоми ман деҳшатангез аст... Ман дигар чӣ кор ҳам мекардам? Ба куҷо бояд сар мезадам? Намедонистам. Иттифоқан ҳамқавмамон Абдуссамадхони чархгар вохӯрд. Вай хост ба ман ёрӣ бидиҳад ва пешаи худро ба ман омӯхт. Рӯзе ду-дуним рупия кор мекунам ва ҳамин тариқ ман барои ту сӣ рупия ғун кардам...

— Канӣ? Ин ҷо деҳ! — хурсанд шуд Лочӣ.

— Нест, — ҳиҷолатмандона посух кард ҷавон.

— Сарф кардӣ?

— Не, ман онро ба Расак Лол додам, вагарна ӯ туро озод намекард...

Лочӣ беҳолу бемадор ба рӯи тахтаи платформа нишаст. Дар пеши чашмонаш релсҳо дурахшу чилои сарду беҷони мебаровардан҆д. Дуртар, дар паси шабакаи роҳҳои иловагӣ, панҷараи оҳанӣ, дар паси он шаҳраки коргарони роҳи оҳан, боз дуртар — хаймаҳои лӯлиён, дар паси он — нӯги дарахтон, ки шоххои бебаргашон чун дастаҳои ханҷарҳо луп-луч буданд, дароз кашидаанд. Ва ҳамон рӯзе, ки дар шоххои дарахтон гулҳои сурх пайдо шаванд... Оҳ, кош ба ҷои гул пул мебаромад! Вай як ғарамашро меканд ва ба Ҷамору медод. Оҳ, кош як бор мӯъҷизае мешуд!

---

* Патанҳо — номи қабилаи афғонӣ, ки дар бахши шимолу ғарби Покистон маскунанд.

Лочӣ оҳиста аз ҷой бархоста, базӯр-базӯр қадам монда ба роҳ даромад. Гул ҳам аз паси ӯ ба роҳ афтод. Ҳарду бидуни ихтиёр ба тарафи пули кӯҳна тоб хӯрданд, ба болои он баромаданд ва ба ҷойҳои дуродур чашм дӯхтанд. Дар чеҳраи Лочӣ ғуссаю андӯҳ хувайдо буд. Гул муштҳояшро мефишурд.

— То баҳор ҳоло вакт хаст, — гуфт ӯ. — Хотирҷамъ бош, ман қарзи туро ҳатман соф хоҳам кард.

— Ин шоххои луч маро ба воҳима монондаанд. — Духтар оҳ кашид. — Ҳар пагоҳ ман бо ҳаяҷон менигарам, ки мабодо дар онҳо муғчаҳо пайдо шуда бошад. Имсол ман аз омад-омади баҳор чунон метарсам, ки...

— Илоҳо, баҳор дертар ояд! — гуфт Гул.

Муддате ҳарду хомӯш монданд.

— Барои чӣ табассум мекунӣ? — ногаҳон пурсид Лочӣ.

— Медонӣ-чӣ? Ман ҳам фиребгариро ёд гирифтам.

— Яъне чӣ хел? Ангиштдуздӣ мекунӣ?

— Не, ман танҳо як дами кордҳоро тез мекунам.

— Барои чӣ?

— Барои он ки онҳо тезтар кунд шаванду дубора барои тез кардан оваранд.

Лочӣ хандид. Ба вай ин найранги ночизи Гул писанд афтод ва худи ҷавон ба ӯ зуд одами наздику аз они худӣ гашт.

— Канӣ, дастатро нишон деҳ!

Гул дасташро дароз кард. Духтар онро пасу пеш бо диққат аз назар гӯзаронид ва бо ҳарду даст фишурд ва гуфт:

— Хо, аллакай фарқаш маълум.

— Чӣ хел?

— Пеш дастони ту нарму мулоим буд, аммо акнун дағалу бақуввват. — Ӯ ба рӯи ҷавон нигоҳ карда, ба лаҳни саршор аз меҳру муҳаббат гуфт: — Рӯятро чанг зер кардааст, ришат расидааст. Ту дигар чун пештара озода наменамоӣ.

— Чӣ чора, — хиҷолат кашид Гул, — кори ман ҳамин хел. Тамоми рӯз дар кӯча... Вале ман ҳар бор ки назди ту омадании шудам, ришамро тоза хоҳам тарошид.

— Не, не, лозим не. Бигзор ришат расидагӣ бошад, ҳамин хел ту ба ман маъқулӣ.

Дасти Гул, ки Лочӣ ҳанӯз ҳам онро сар надода буд, дастчаҳои хурди ӯро сахт фишурд. Ҳастияшро ланҷии гуворое фаро гирифт ва қалбаш банохост ором гашт. Лочӣ ба рӯи Гул нигарист ва ба ҳамон лаҳни саршор аз меҳру муҳаббат пичирос зад:

— Гул!

— Лаббай!

— Ту маро дӯст медорӣ?

— Бале!
— Ту маро ба-занӣ мегирӣ?
— Бале!
— Ту барои ман хона месозӣ?
— Бале!
— Ва ту ҳар бегоҳ назди меёӣ ва дар навбати истгоҳи автобус беқаророна меистӣ?

— Бале, бе қилу қол! Вале гӯй, ки ин ҳамаро барои чӣ мепурсӣ?

— Ба ман дигар чизе лозим нест, — гуфт духтар оҳи сабуке кашида. — Ба ман дигар чизе лозим нест!

Дастони фишурдаи ӯ суст шуданд, аз ҳаяҷон ва шодию сурур сараш чарх зад ва ӯ ногаҳон ба сандуқи дили Гул ҷафс шуд.

— Лоҷӣ, моро мебинанд, — пичирос зад Гул.

— Бигзор бинанд! Бигзор тамоми олам бинад! Ман аз они туям! — Ва дастонашро ба гардани ҷавон ҳалқа кард.

Гул хам шуд, ба чашмони чуқур-чуқуру кабӣкабуди духтар нигарист ва пасон ӯро ба сӯи худ кашид. Лабони онҳо ба ҳам пайвастанд.

Дар ҳамин асно бо ҷаранг-ҷурунг ва ғавғою магал ба зери пул қатор ворид гашт. Хуштаки он барои онҳо ҳамчу даъвати руҳбаландона ба пеш ва ваъдаи шодию сурур садо медод.

Роҳбон роҳнаморо ба роҳи дигар гузаронид, чароғи роҳнамо якбора боло шуд, парчамаки кабуд милт-милт дурахшид.

Роҳи нав, тақдири нав, ояндаи номаълум...

* * *

Баъди бист рӯз «плимут»-и осмониранге дар роҳи назди хаймаи Дамору қарор гирифт. Аз мошин як ҷавони гандумгуни густохнамо, ки сарулибоси нави оҳарӣ дошт, фуромад. Ӯ дар даст як қуттӣ сигарети аълосифат, дар ангушташ ангуштарини гаронбаҳо дошт, дар галстукаш лаъл ҷило медод. Дамору бо тавозуъ таъзим кард.

— Боз чӣ қадр мунтазир шудан лозим аст? — норозиёна гуфт ҷавонмарди ношинос.

— То баҳор, — гуфт бо тавозуъ Дамору ва ба шохҳои урёни дарахтон ишора кард.

— Вале то баҳор боз ду моҳ ҳаст!
— Не, ҷаноб! Имсол баҳор барвақт меояд.
— Агар ӯ то баҳор қарзи худро адо кунад-чӣ?

— Шумо чиҳо мегӯед, ҷаноб! Ин мумкин нест. Дар муддати бист рӯз ӯ ба ман панҷоҳ рупия дода тавонисту халос.

— Ҳамид ба ман гуфт, ки акнун ба вай як патани чархгар ёрӣ медодааст. Онҳо ҳар шаб дар болои пули кӯҳна вомехӯрдаанд.

— Ман инро медонам, ҷаноб!

— Ту ҳеҷ чизро намедонӣ! — ба хашм омад ҷавонмарди ношинос. — Бало занад шуморо. Духтар дупула арзиш надораду аз осмони ҳафтум меёяд! Агар ту аз ӯҳдаи ин кор набароӣ, ростašро гӯй, сари маро гаранг кардан чӣ зарур. Ман ду чокари худро мефиристам, ки бе ҳеҷ душворӣ ба наздам мебаранд.

— Қамтари дигар сабр кунед, ҷаноб! — илтиҷомандона гуфт Даморy. — Бигзор ин ғунча худаш даҳан во кунад...

— Хайр, ин қадр налак, — ҷавонмард инро гуфт ва ба сӯи мошинаш роҳӣ шуд.

Даморy пеши роҳи ӯро гирифт.

— Бобуи меҳрубон, ба ман сад рупия диҳед!

— Ту-ку чорсад рупия гирифтӣ!

— Боз сад рупияи дигар диҳед ва ман то баҳор дигар пул намепурсам. Ҳамагӣ сад рупия!

Ҷавонмарди ношинос ҳамёни калони пур аз пулро кушода, як коғази садрупиягиро баровард. Чашмони Даморy оташвор дурахшиданд ва ӯ чунон таъзим кард, ки қариб буд сараш ба замин расад. Ҷавонмарди ношинос ба мошинаш савор шуд ва гузари лӯлиёнро тарк кард.

* * *

Даморy бо лабони пуртабассум ба коғази пул бо диққат нигарист ва чашм аз он наканда ба сӯи хаймааш раҳсипар гашт; вале дар ҳамин асно, гӯё аз зери замин бошад, дар пешаш Ригӣ пайдо шуд. Чашмони ӯ маккорона медурахшиданд. Даморy пулро тез ба ҷайбаш андохта, хост роҳашро давом бидиҳад, аммо Ригӣ пеши роҳи ӯро гирифт.

— Чӣ гап? — дағалона пурсид Даморy.

— Ин одам кӣ буд?

— Чаман-бҳой. Соҳиби коргоҳи маснуоти пластмассаи Карл Роуд.

— Барои чӣ ӯ ба ту сад рупия дод?

— Ана инаш кори мо. Ба оши дигарон пашша нашав.

---

* Бо б у — ҷаноб.

— Ман ҳамаашро шунидам. Ку, ҳаққи маро деҳ. Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки духтари маро ба бозор андозӣ? — Ригӣ инро гуфт ва аз гиребони Дамору бигрифт.

— Чим-м! Мағал набардор! — фавран оҳанги гапзаниашро дигар кард Дамору. — Ту, албатта, ҳаққи худро мегирӣ.

— Пулро ни чо деҳ!

— Ту аввал гиребони маро сар деҳ!

Ригӣ гиребони ӯро раҳо кард. Сардор кисаашро палмосида-палмосида даҳ рупия баровард.

— Ана, бигир. Як кор ҳаст, агар онро иҷро кунӣ, боз даҳ рупияи дигар медиҳам.

— Чӣ кор будааст?

Дамору бо диққат ба чашмони Ригӣ нигарист.

— Ту меҳоҳӣ, ки духтарат дар қабилаи мо монад?

— Албатта, меҳоҳам.

— Ва меҳоҳӣ, ки ӯ на ба деҳа равад, на ба шаҳр ва ба як мард тааллуқ надошта бошад?

— Албатта, меҳоҳам.

— Пас, кореро, ки ман мефармоям, иҷро кун.

— Хӯш?

— Наздиктар биё.

Ригӣ наздиктар рафт. Дамору ба гӯши ӯ пичирос зад. Дар чеҳраи Ригӣ нахуст тарс ва ҳаяҷон падид омад ва пасон ҳолати пештарааш барқарор гашт.

— Барои ин кор ман аз ту аз сӣ рупия кам намегирам! — гуфт ӯ.

— Не, ин ниҳоят бисёр. Понздаҳ рупия!

Пас аз кашмакаши зиёд ба бисту панҷ мувофақат карданд.

— Ку, пулро бидеҳ! — талаб кард Ригӣ.

— Ҳозир не, азизам! — писханд зад Дамору. — Сараввал корро иҷро кун! Агар ба ман бовар надошта бошӣ, ман метавонам онро ба Момаи бидиҳам.

— Не, не! Ҳарчанд ки ту нобакорӣ, аз Момаи боинсофтарӣ!

Ригӣ сурудеро ғурунг-ғурунгкунон замзама карда ба роҳ афтод.

Лочӣ тамоми рӯз дувоздаҳ анна кор карда тавонисту бас. Гул ҳам як рупияю чаҳор анна овард. Якҷоя ҳамагӣ ду рупия. Бо ин аҳвол қарзро соф кардан мутлақо аз имкон берун аст! Лочӣ бо хавотирӣ ба дарахтон менигарист. Ранги пӯсти онҳо дигар шуда буд, дар шоххояшон муғчаҳои кабуд варам карда буданд. Чанд рӯзе пас ба баргчаҳои маҳину нозук мубаддал мегарданд ва пасон гулҳои суп-сурх мешукуфанд. Дили Лочӣ ба танг омад.

— Натарс, ҳамааш нағз мешавад, — хост ӯро осуда бикунад Гул. — Ман шабу рӯз кор мекунам. Ба студияи синамо посбон даркор будааст. Раисаш фармуд, ки пагоҳ наздаш биравам. Моҳона ҳафтод рупия, кор то соати шаши бегоҳ. Ҳамин ки корро тамом кардам, ҳавлӣ ба ҳавлӣ гашта чархгарӣ мекунам, ки аз ин ҳам камтарак даромад мешавад. Осуда бош, қарзро дар вақташ соф мекунем.

Лочӣ андаке хушҳол гашт.

— Баъд чӣ? — пурсид ӯ. — Баъд чӣ мешавад?

— Баъд ману ту ба як хоначаи дилкашакак мекӯчем. Абдуссамадхони Бондрай* ваъда дод, ки дар ҳавлии худ як хучрачаро ба ман медиҳад. Мо ҳарду дар он ҷо зиндагӣ мекунем!

— Ҳарду дар хонаи ҳақиқӣ! — хурсандона пичирос зад Лочӣ. — Хонаи ман!

— Рост аст, ки он хеле хурдакак аст...

— Фарқе надорад... Хонаи ман!

Ӯ сарашро ба сандуқи дили Гул ниҳод. Тапиши дили хурдакаки ӯро Гул баръалоина мешунид.

— Ана он вақт баҳор меояд, баҳори ҳақиқӣ!

— Хайр, ман меравам, — гуфт ҷавон Лочиро оҳиста аз худ дур карда. — Шабона дар болои пул вомехӯрем.

— Ту ҳар рӯз пои пиёда ба Бондра меравию шабона ба мулоқоти ман ба ин ҷо меоӣ. Ин хуб нест, — ғамгинона гуфт Лочӣ ва ба ӯ чаҳор анна дароз кард: — Ин барои автобус!

— Не, Лочӣ, — оромона эътироз кард Гул, — беҳтараш тангаҳоро ба Дамору бидеҳ ва қарзамон харчи ба чаҳор анна кам мешавад.

— Ту монда мешавӣ охир!

Гул ханда кард.

— Вақте ки якҷоя зиндагӣ мекунем, ту пойҳои маро мемолӣ ва тамоми кӯфтагиҳои ман фаромӯш мешавад!

— Ман поятро, дастатро, тахтапушту миёнатро, саратро, тамоми баданатро мемолам. Ва тамоми кӯфтагиҳои ту ба ман мегузарад... Гул! Гули азиз!

## Боби VIII

Вақтҳои охир Лочӣ бо модараш ва Моман қариб ки гап намезад. Бегоҳӣ ба хайма бозмегашт, барои ишон хӯрок мепухт, баъд дегу табақ мешуст, худ хӯрок мехӯрд ва ҳамин

* Яке аз мавзеъҳои атрофи Бомбай.

ки торикӣ мефуромад, ба хайма даромада, дароз мекашид ва агар хобаш набарад, чашмонашро пӯшида, дар фазои орзуву хаёл парвоз мекард. Расо дар соати ду чашмонаш худ аз худ кушода мешуданд ва ӯ ба сӯи пул мешитофт. Имшаб низ ҳамчунин буд. Лочӣ ҳанӯз аз дур суроби одамиро дид ва пойҳояш тезтар ҳаракат карданд. Лочӣ тозон ба болои пул баромад ва ногаҳон сари калобаашро гум карда, бозистод, — одаме, ки дар болои пул меистод, Гул набуд! Дар назди ӯ роҳбони роҳи оҳан Рому меистод. Ӯ одаме буд қадпаст, логар, рухсораҳояш чӯкида.

— Рому! Барои чӣ ту дар ин ҷо? Гул куҷост?

— Дар беморхона!

— Дар беморхона?

— Ӯ пои пиёда ба Бондра мерафтааст. Вақте ки ба Арло* расидааст, дар гузаргоҳе, ки дар ҳар ду тарафаш хонаҳои шахсӣ қомат рост кардаанд, аз миёни буттаҳо одаме баромада, ба тахтапушти ӯ корд задааст...

Лочӣ паст-паст нолиш кард.

— Гул хостааст ӯро дастгир бикунад, — идома дод суханашро Рому, — роҳзани нобакор дар торикӣ пинҳон шудааст. Ман, ки дар иморатҳои тахтагии идораи коршиносони барқ зиндагӣ мекунам, ҳамин вақт аз он ҷо роҳгузар будам. Ногаҳон ба гӯшам нолиши касе расид. Хам шуда бинам — Гул. Ман мошини боркаши роҳгузареро нигоҳ дошта, бо он Гулро ба беморхонаи Бондра бурдам. Вай аз ман хоҳиш кард, ки ба ин ҷо омада, ин хабарро ба ту расонам.

— Ҳолаташ чӣ тавр? — бо овози паст пурсид Лочӣ.

— Хунаш бисёр рафтааст, вале духтур гуфт, ки зинда мемонад. Ту ин пулро бигир.

— Барои чӣ? — шигифт монд духтар.

— Ман қиссаи туро шунидам. Номуси зан чӣ маънӣ дорад, нағз медонам. Ман мисли ту як духтар доштам. Боре Расак Лол ба номуси ӯ таҷовуз кард... — Рому лаб фурӯ баст ва муддате пас канда-канда нақлашро давом дод: — Ман чӣ кор ҳам карда метавонистам? Агар шӯру мағал мебардоштам, аз кор маҳрум мешудам... — Ва бори дигар бо овози паст такрор кард: — Ман чӣ будани номуси занро медонам.

— Не, не, ман ин пулро намегирам, — ҳаяҷономезона гуфт Лочӣ. — Духтарат ҳозир куҷост?

— Ӯ худро ба ҷоҳ партофт... — Рому рӯй гардонда, ба зулмот чашм дӯхт.

---

* Яке аз ноҳияҳои атрофи Бомбай.

Лочиро гиря гулӯгир кард. Ин дунё аҷаб бекарону мисли чоҳи сиёҳи бетаг ҳавлангез аст!

— Моҳи оянда, — гуфт Рому, — ман ба ту даҳ рупияи дигар медиҳам. Вале номуси худро эҳтиёт кун, духтарам!

Дар ниҳоли Лочӣ хоҳише тавлид ёфта, талкин мекард, ки сар ба китфи ин мард гузошта, зор-зор гиря кунад ва ӯро падари худ хонад. Духтар бо машаккати зиёд оби дидагонашро нигоҳ дошт ва бо овози паст хоҳиш кард:

— Маро тезтар ба беморхона бар!

* * *

Гул дар беморхона наздик якуним моҳ хобид. Захми тахтапушташ тадриҷан офият меёфт, вале захми дилаш ӯро бештар азият медод. Шабу рӯз дар бораи Лочӣ, дар бораи карзи ӯ, ки бояд соф бикунад, андеша меварзид. Рӯзҳо тез мегузаштанд, баҳор наздик меомад, вале вай, Гул, ҳамон дар бистари беморӣ мехобиду наметавонист ёрие расонад. Лочӣ ҳар рӯз ӯро хабаргирӣ меомад ва барояш мева меовард. Вай акнун ба хидматгории як пиразани сабзавотфурӯш ба кор даромада буд. Ин пиразан миҷозҳои бисёре дошт ва ба иллати пирӣ дигар ӯро мадор набуд, ки сабади пур аз сабзавотро бардошта, хона ба хона гардад. Лочӣ ба ӯ ёрӣ мерасонд ва дар ивази хидматаш аз се як ҳиссаи даромадро мегирифт, ки ин як ё якуним рупияро ташкил медод. Вай кариб ҳамаи пулро барои Гул сарф мекард ва ҳатто бас кам тасодуф меафтод, ки савори автобус ояд, ҳол он ки то беморхона хеле роҳ буд ва пойҳояш пас аз рӯзи дароз адо кардани кори гарон дард мекард, аммо андешаи он ки фурсати фароғати худро барои одами азиз, курбон мекунад, ба духтар ҳисси гуворо ва тасвирнопазире мебахшид. Агар шабу рӯзро дар сари болини Гул мегузаронд, бас шоду мамнун мегашт, вале дар беморхона коида ва конунхое ҷорӣ буд, ки ба эътибор нагирифтанашон мумкин набуд. Дуруст аст, ки пизишкон ва беҳиёрон нисбат ба Лочии соҳибҷамол бас илтифоткор буданд. Дар он соатҳое, ки Лочӣ дар беморхона мешуд, пизишки навбатдор чанд бор ба ҳуҷраҳо медаромад ва гоҳо ҳамроҳаш чанд нафар пизишки дигар медаромад ва ин танҳо ба он хотир буд, ки Лочиро, ҳусну ҷамоли ӯро тамошо кунанд. Ҳаройина, онҳо чунин вонамуд мекарданд, ки барои шинос шудан бо падидаи аҷибе дар таҷрибаи духтурӣ омадаанд, вале хоҳарони шафкат ба хубӣ мефаҳмиданд, ки мурод аз ин чист. Онҳо дар ҳузури пизишк ба Лочӣ гапи сахт намезаданд ва ҳатто иҷозат медоданд, ки аз мӯҳлати маъмулӣ бештар истад, вале ҳамин ки

пизишк мерафт, ба ӯ дағалона фармон медоданд, ки хуҷраро тарк кунад. Лочӣ ба хубӣ мефаҳмид, ки хоҳарони шафқат ба ҳусну ҷамоли ӯ ҳасад мебаранд, аммо бо онҳо баҳсу мунозара кардан суд надошт. Ӯ акнун метавонист чилави тундхӯияшро ба даст бигирад ва ба хоҳарони шафқат лабханд мезаду халос.

Боре пагоҳӣ, вақте ки Лочӣ ба бозор мерафт, аз пешаш падари Гул — Баллучӣ баромад.

— Ман ба ту як гапи ҷиддӣ дорам, — гуфт мӯйсафед.

Рости гап, Лочӣ тарсид.

— Ман ҳозир вақт надорам, бояд ба бозор биравам.

— Ҳеҷ гап не, дар роҳ гуфтугӯ мекунем.

Ва онҳо паҳлу ба паҳлу ба роҳ афтоданд. Вале Баллучӣ хомӯш буд. Ҳамин тариқ онҳо то нимн роҳ хомӯш рафтанд. Саранҷом худи Лочӣ гап сар кард.

— Шумо мехостед чизе ба ман бигӯед?

— Гулро ба ҳоли худ гузор! — гуфт Баллучӣ ба сӯи ҳамроҳаш нигоҳ накарда.

— Барои чӣ?

— Ӯ писари ман аст!

— Шумо нағз медонед, ки мо ҳамдигарро дӯст медорем! — эътироз кард духтар.

— Агар ӯ туро ба занӣ гирад, он гоҳ маро аз силк меронанд — ту охир лӯлидухтарӣ!

— Мо ҳам қабила дорем...

— Лӯлиён чӣ қабила доранд?! Имрӯз ин ҷо, фардо он ҷо. Ҳамин ки ту аз ин ҷо рафтӣ, писарам туро фаромӯш мекунад.

Лочӣ посухе накард. Баллучӣ аз ҷайбаш пул баровард.

— Ана ин сесаду панҷоҳ рупия, — гуфт ӯ. — Инро гиру писарамро ба ҳоли худ гузор!

— Не! — гуфт бо қатъият Лочӣ ва суръати қадаммонияшро тез кард.

— Хуб, ман боз панҷоҳ рупияи дигар илова мекунам, — гуфт Баллучӣ ва даст ба ҷайб бурд. Дастонаш меларзид.

Лочӣ ба пул нигоҳе ҳам накард ва дасти ӯро дур сохт ва хомӯшона роҳашро давом дод. Аммо Баллучӣ боз ба ӯ баробар шуд.

— Пас гӯш кун, ки ман чӣ мехостам ба ту бигӯям, — гуфт ӯ дар ҳоле ки нафасаш мегирифт. — Ба ман расӣ-чӣ?!

— Ба ту? — ҳайрон шуд Лочӣ.

— Ҳа, ба ман! Ман туро хушбахт мегардонам! Майлаш, ту ҳам бо Гул бошу ҳам бо ман. — Баллучӣ инро гуфт ва мӯйлабашро тоб дод. — Ту бо ман хушбахт хоҳӣ шуд. Ман пули би-

сёр дорам, ниҳоят бисёр. Аз бозе ки ман туро дар беморхона дидам, оромӣ надорам!

Лочӣ ногаҳон қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Барои чӣ механдӣ?— оташин шуд Баллучӣ.

— Барои он ки ман танҳо ба яке аз шумо — ё ба падар ё ба писар метавонам шавҳар кунам.

— Хеле хуб! Дар ин сурат ба ман шавҳар кун, — беқаророна гуфт мӯйсафед. — Ман омодаам, ки ба ту панҷ ҳазор рупия бидиҳам, — ӯ дасти Лочиро дошт.

Духтар тез дасташро раҳо кард ва бебокона хандид.

— Ман на танҳо ба ту, балки ба бобокалонат ҳам розиям, вале ба шарте ки писарат ба ман рухсат диҳад! — ӯ инро гуфт ва аз болои релсҳо ҳаллосзанон ба сӯи бозор рафт.

— Ҳу, нобакор! — фарёд зад Баллучӣ. — Агар ман сагҳоро ба ту киш-киш надиҳам, номам Аҳмад Ёрхон набошад!

Лочӣ вопас нигарист ва гуфт:

— Хон, аввал барои ин аз қабила рухсат гир!

Духтарро сӯҳбати Баллучӣ хушҳол гардонд — тамоми рӯз сабад бар сар табассум аз лабонаш канда намешуд. Мардон пир шаванд, чӣ хислатҳои хорикае пайдо мекунанд! Ана, масалан, Расак Лол ва ё Аҳмад Ёрхон — хоки ҳардуро аз як чо гирифтаанд! Дар забон панду насиҳату дар чашм хирсу шаҳват! «Афсӯс, ки савод надорам, — аз хаёл гузаронд Лочӣ, — вагарна китобе менавиштам бо номи «Мӯйсафедони маҳаллаи ман».

Бегоҳӣ, вақте ки ба назди Гул омад, аз хусуси вохӯрӣ бо Баллучӣ чизе нагуфт... Баллучӣ имрӯз барои дидани писараш наёмад. Рӯзҳои дигар низ аз ӯ дарак нашуд. Баъдтар маълум гашт, ки вай ба Пуна* рафта ва ба кори наве сар кардааст.

## Боби IX

Пас аз якуним моҳ, вақте ки Гулро аз беморхона рухсат доданд, дарахтони қариб барг бароварда, дар шохҳояшон муғчаҳои нозукак пайдо шуда буданд. Дамору ба онҳо ишора карда, ба Лочӣ гуфт:

— Ба наздикӣ ин муғчаҳо ба гул мубаддал мегарданд ва он вақт дар ҳаёти ман низ баҳор мерасад. Ҳамагӣ боз як ё ду шаби дигар нигарон бояд шуд!

---

* Пуна — шаҳрест воқеъ дар ҷануби Бомбай.

— Не, — гуфт Лочӣ хашмгинона, — он баҳоре, ки ту мегӯӣ, ҳаргиз намеёяд. Бигзор ин мурчаҳо шукуфанд — дар онҳо на гул, балки ангиштони сӯзон падид омада, рӯи туро месӯзанд!

Шабона Лочиву Гул дар болои пул ба ҳам вохӯрданд. Осмонро абрҳо пӯшонда буд, дили ин ду дилдода низ сиёҳ буд. Аз миёни абрҳо гоҳ-гоҳе барқ медурахшид, вале аз дили онҳо сиёҳӣ ҳамон бардошта намешуд.

— Акнун бояд чӣ кор кард? — пичирос зад Гул.

— Мо бой додем! Ваъдахилофӣ мумкин нест, — бо қатъият гуфт Лочӣ.

— Охир ин ваъдаи маҷбурӣ буд! Ту ҳаргиз маҷбур нестӣ, ки онро иҷро кунӣ!

Лочӣ сахт ноумед шуда, сар поин афканд.

— Лӯлиён ваъдахилофӣ намекунанд, — гуфт ӯ ва набиитвонист ашкашро боздорад.

— Гӯш кун, — ба оҳанги маслаҳат гап сар кард Гул. — Биё аз ин ҷо меравем! Дунё васеъ аст! Ба ягон шаҳри дигар рафта зиндагӣ мекунем! Мо якҷоя мешавем, хонаи худро соҳиб мешавем.

— Хонаи худ! — ногаҳон Лочӣ инони гиряву фиғонро раҳо кард. Гул ӯро ба оғӯш кашид.

— Ин аст хонаи ман, ин аст хонаи мо, — аз дил гузаронд Лочӣ ва рӯяшро ба сари синаи Гул ҷафс кард. — Ин аст хонае, ки маро шабу рӯз интизоранд!.. Дарего! Маро насиб нест, ки дар ин хона зиндагӣ кунам. Падруд, Гули азиз! Ман мемирам, вале дар қавлам мейстам!»

Вай, ки дигар бо овози паст гиря мекард, худро аз оғӯши ҷавон раҳонид ва ба болои панҷараи пул хам шуд. Оби дидагонаш аз баландӣ ба рӯи релс мечакид. Аммо оё оби дидагон тавон дорад, ки пӯлодро об бикунад?!

Гул банохост бо тамоми қувва ба панҷара мушт зад ва гуфт:

— Чӣ зарурат ба ин пуле, ки на ба ҷое мебарад ва на касеро бо касе мепайвандад? Чаро он нобуд намегардад?

Аз зарби мушт оҳан ҷарангос зад. Ба назар чунин менамуд, ки гӯё он ба ҳоли онҳо механдад.

— Ин пули кӯҳна ба муҳаббати мо, ки оянда надорад, монанд аст! — гуфт Лочӣ, ки оби дидагонаш шашқатор буд.

Гул дигар ӯро тасалло надод. Ӯ дастонашро партофта, рост мейстод, на маҷоли андеша варзидан дошт ва на ҳарф задан.

Саранҷом Лочӣ гиряро бас кард ва оби чашмонашро бо рӯймолча пок кард.

— Хайр, ман меравам, — гуфт ӯ.

— Ба кучо?
— Ба он чое, ки қонуни азалии мо мефармояд!
Гул бо овози канда-канда пурсид:
— Ман кучо равам? Бигӯ, ки ман кучо равам?
Аз синаи Лочӣ оҳу фиғоне пасте баромад. Барои он ки ӯ дар кавлаш истад, чӣ эҳсосоти зебо ва жарф, орзуву омоли начиброро фано месозад! Гирду атроф дар ҳукми шаби тираву тор буд. Чароғҳои фурӯзони алоим хунсардона ба ин ду дилдодаи ноком менигаристанд.
— Маро барои вопасин бор ба оғӯш каш, — гирякунон пичиррос зад Лочӣ.
Пайкари ҳарду ба ҳам пайвастанд. Ногаҳон дар кафои онҳо касе ғӯлӯ афшонд. Гул Лочиро аз оғӯшаш раҳо накарда, вопас нигарист ва бидид, ки Рому истодааст.
— Ҳар дуятонро ба истгоҳ мехонанд, — гуфт Рому.
Дар платформаи назди толори интизори мусофирони дарачаи савум одами бисёре гирд омада буд. Қаторҳо гузашта ва сардори истгоҳ кайҳо ба хонаш рафта ва навбатдор дар рӯи курсиҳое, ки ба ҳам чафс гузошта шудаанд, ба хоби сахт рафта буд. Ин одамон барои чӣ гирд омада бошанд?
Дар миёни онҳо мусофирон набуданд — ин ҳама коргарони роҳи оҳан: қулиҳо, коргарони анбор, ронандагони локомотив, роҳбонҳо, оғоҳсозон ва машкобҳо буданд.
— Онҳо аз мусибате, ки ба сари шумо омадааст, огоҳанд ва мехоҳанд ба шумо ёрӣ бикунанд! — гуфт Рому.
Машкоб Мото Дин нӯги миёнбандашро кушода, аз он чо пулҳояшро бароварда ва як панч рупиягӣ, дуто якрупиягӣ чудо кард ва пасон аз чайбаш боз ҳашт анна танга бароварда ва ҳамзаашро ба Лочӣ дод.
Довуд ном як марди миёнсол ба чайбаш даст андохт ва бисту панч рупия бароварда ва ба Лочӣ дод. Ва низ ҳарфе ба забон наёварда, худро пас гирифт.
Механики чун зангӣ сип-сиёҳ дандонҳои сап-сапедашро дурахшонда, ба духтар чиҳил рупия дод.
Огоҳсоз Десузо даҳ рупияву нӯҳ анна дод. Қулии мӯйсафед, ки ба сар дастори калоне баста, дар тан нимтанае дошт, ки дар рӯяш рақами «300» чило медод, гуфт:
— Мо, ҳаммолон, барои ту як саду сию панч рупия ғун кардем, — ва пулҳоро ба домани Лочӣ андохт. Ӯ ба аломати сипос ба ҳама таъзим кард. Рому пеш баромад ва гуфт:
— Мо камбағалем, аммо то он даме ки зиндаем, касе ба номуси ту тачовуз нахоҳад кард. Бирав ва ин пулҳоро ба Дамору бидеҳ!
Дар чашмони Лочӣ ашк чарх мезад, вале лаҳзае пас онҳо

аз шодӣ дурахшиданд. Ӯ ба Рому наздик шуда, дасти вайро, пасон дасти Довуд, ҳаммоли кӯҳансолро бибӯсид ва сипас ба рақс даромад. Дар чеҳраи ҳозирон табассум бозӣ мекард, онҳо бо камоли мамнуният ба Лочӣ менигаристанд. Аммо Гул мутаҳайирона ба онҳо чашм дӯхта буд. Ягон нафари онҳо фаришта не, балки одамони одие буда, хислати нек ва феъли бад ҳам доштанд. Вале ҳоло, дар ин вақт ин чӣ нурест, ки аз чеҳраи онҳо меборад? Кӣ мегӯяд, ки осмон тира аст? Кӣ мегӯяд, ки замин биёбонест? Кӣ мегӯяд, ки релсҳо чое намебаранд? Чароғҳои алоим чӣ бас баланд нурфишонӣ мекунанд? Ин чӣ накҳатест, ки дар фазо паҳн гаштааст? Ин чӣ оҳангест, ки дар гӯшҳо садо медиҳад? Ҳандед! Табассум кунед! Муғчаҳо даҳан во кунед! Баҳор меояд! Имрӯз одамӣ қарзи хешро адо кард!

Ҳаммоли кӯҳансол оби чашмашро пок кард ва ба Лочӣ наздик шуда, дасти ӯро ба дасти Гул гузошт ва гуфт:

— Писарам, ту ӯро то хонаашон гуселон!

Гул ва Лочӣ аз дасти ҳамдигар гирифта, паҳлуи ҳам ба роҳ афтоданд. Дар пеши чашмонашон хатҳои рости релсҳо чило медод. Чанде нагузашта ба теппа расиданд. Ба назарашон чунин намуд, ки гирду атрофро равшании оромбахше ба тасарруфи хеш даровардааст. Муғчаҳои дарахтон хомӯш, ғарқи хоб буданд.

Гул оҳи чуқуре кашид, дасташро ба осмон бардошт ва гуфт:

— Илоҳо аз пагоҳ баҳор сар шавад!

* * *

Лочӣ бо Гул хушбошӣ кард ва ба сӯи хаймаашон равона гашт, вале баногоҳ аз фикраш баргашта, бечуръатона ба хаймаи Дамору наздик шуд.

— Дамору! — фарёд кард ӯ.

Аммо касе чавоб надод. Духтар дарун нигарист — дар он чо танҳо Чомон мехобид. Лочӣ ӯро чунбонда бедор кард.

— Дамору кучост?

— Кӣ медонад, ки ӯ дар кучо мегардад? — хамёзакашон посух кард Чомон. — Чӣ кор доштӣ?

— Ба кучо рафт? — ба чон посух пурсиш кард Лочӣ.

— Бегоҳӣ ӯро соҳиби коргоҳи маснуоти пластмасса ба наздаш чеғ зада буд ва то ҳол барнагаштааст.

Лочӣ Даморуро лаънату нафринкунон, ба сӯи теппа, ки Гул ӯро нигарон буд, раҳсипар гашт.

— Додй? — бетоқатона пурсид ҷавон.

— Нест ин нобакор, — ҷавоб дод духтар ба бастаи пул ишора карда. — Хайр, боке не, пагоҳ медиҳем!

— Қай ба ҳам вомехӯрем?

— Ҳамин ки пулро додам, ман ба наздат меравам. Маро дар болои пули кӯҳна мунтазир шав.

— Хуб.

Онҳо бо ҳам хушбошй карданд. Лочй ғарқи хаёл оҳиста-оҳиста қадам монда ба сӯи хаймаашон рафт. Шарфаи пои ӯро шунида, Момаи сарашро андаке боло кард ва пасон зуд хобаш дубора бурд. Лочй ба хайма даромад, гирду атрофро аз назар гузаронид ва пулҳоро ба кӯзачаи гилин андохта, ба замин гӯронд ва аз болояш бӯрёи худро густурда, дароз кашид ва фавран хобаш бурд. Қайҳо боз ӯ бад-ин минвол бароҳат ва осуда хоб нарафта буд.

Саҳарй ӯро модараш бедор кард.

— Хез, танбал, нонушта тайёр кун! Офтоб дар болои сарат!

Лочй ба лаби толоб рафт, дасту рӯяшро шуст. Пасон, аз рӯи одат, камтар алафи хушк, пораҳа ва таппак ғун кард, бозгашт, оташ гиронд ва барои Момаю Қавлй чой ҷӯшонд.

Дар ҳамин асно дар гузари лӯлиён садои доира баланд шуд. Лочй сар аз хайма баровард ва бидид, ки лӯлиён бо сарулибоси идона ҷамъ меёянд. Осмон беғубор буд, дар шоххои дарахтон муғчаҳои навкушода ба назар метофтанд, гӯё ки садҳо офтобҳои хурдакак тулӯъ карда бошанд. Инак иди баҳор оғоз ёфт. Лочй ҳодисаҳои шабонаро як-як ба хотир овард ва дилаш аз шодй ба тапиш даромад.

Ӯ ба анбӯҳи одамон наздик шуд. Ин дам ногаҳон дасти сиёҳтобу дағале ба китфаш гузошта шуд.

— Ана иди баҳор омад! — нидо кард Дамору.

— Бале, иди баҳор мад, — такрор кард Лочй.

— Имрӯз тӯи туст! — идома дод суханашро сардор.

— Бале, тӯи ман! — тасдиқ кард духтар.

— Тӯи ман ҳам! — илова кард сардор.

— Не, — гуфт Лочй оромона, — тӯи ману Гул.

— Ҳоло ту ваъдахилофй мекунй, нобакор? — наъра кашид Дамору. — Ҳой мардум! Ҳуди ҳозир панчаятро даъват кунед. Ман шикоят дорам. Бигзор фавран панчаят ҷамъ шавад!

Чанд дақиқае пас панчаят ҷамъ омад. Ҳама дар рӯи замин нишастанд ва Дамору ба ибрози арзи хеш пардохт.

— Ин духтаракро, — оғоз кард ӯ, — падараш ба ман дар ивази сесаду панҷоҳ рупия фурӯхт. Ман ин маблағро пардох-

там ва хостам ӯро ба хаймаи худ бубарам. Лутфан бигӯед, ки оё ман ягон кори ғайришаръӣ кардаам?

— Не! Не! — ба якборагӣ ҷавоб доданд лӯлиён.

— Ӯ нахост ба хаймаи ман биравад. Онгоҳ ман талаб кардам, ки падараш пуламро бозгардонад. Ӯ рад кард. Аз модараш талаб кардам. Вай низ розӣ нашуд. Лутфан бигӯед, ки оё ман ягон кори ғайришаръӣ кардаам?

— Не! Не! — боз ҳам ба якборагӣ фарёд кашиданд лӯлиён.

— Онгоҳ духтарак ба ман гуфт, ки аз иди баҳор дер намонда, пуламро бозмегардонад. Вале то ин дам аз сесаду панҷоҳ рупия ҳамагӣ ҳаштод рупияашро доду халос. Ва ман акнун ба ӯ мегӯям, ки ту аз они манӣ! Лутфан бигӯед, ки оё ман ягон кори ғайришаръӣ кардаам?

— Не! Не! Ҳамааш қонунӣ! — Ба як овоз гуфтанд лӯлиён.

Дамору хомӯш шуд ва бо пирӯзмандӣ ба Лочӣ нигарист. Акнун ӯ ба гап даромад.

— Ман ба ӯ ваъда дода будам, ки аз иди баҳор дер намонда пулашро бозмегардонам ва ба ваъдаам вафо ҳам кардам — ман дирӯз шабона ба ӯ пул овардам. Аммо ӯ дар хаймааш набуд. Ӯ ба хонаи соҳиби коргоҳи маснуоти пластмасса рафта будааст, то зани ояндаи худро ба вай бифрӯшад!

— Бовар накунед ба ӯ! Ӯ дурӯғ мегӯяд! — фарёд кард Дамору.

— Чӣ ҳоҷат ба дод гуфтан? — оромона гуфт Лочӣ. — Ман худи ҳозир дар ҳузури панчаят пулро ба ту месупорам, вассалом.

Духтар инро гуфт ва тозон ба хайма рафт. Бӯрёе, ки ӯ дар рӯи он хобида буд, андак ғеҷонда шуда буд. Лочӣ онро ба як сӯ ҳаво дод ва заминро кофт. Ӯ ба хубӣ дар ёд дошт, ки кӯзачаи пулдорро дар куҷо гӯронда буд, аммо аз кӯзача ному нишон наёфт... Дилаш сахт ба тапиш даромад ва дар ҳамин ҳолат тозон аз хайма берун шуд ва фарёд кашид:

— Кӣ пулҳои маро гирифт?

Ҳама хомӯш буд. Лӯлиён чашм наканда ба ӯ менигаристанд.

Лочӣ дасти Қавлиро бигирифт ва гуфт:

— Модар! Кӣ пули маро гирифт?

— Боз чӣ хел пул? — дағалона посух кард ӯ.

Лочӣ ба Момаи дарафтод.

— Пулҳои маро деҳ, нобакор!

Момаи қоҳ-қоҳзанон хандид ва фарёд кард:

— Ӯ бо сафсатаҳои худ сари ҳамаи шуморо гаранг мекунад!

Лӯлиён ба шӯр омаданд.

— Каззоб! Дурӯғгӯ! — баланд шуд свозҳо. — Худи ҳамин рӯз ӯ бояд зани Дамору шавад! Ҳой, Ҷомен, Рушӣ, Сунён! Сарулибоси арӯсро ин ҷо оред!

Лӯлиён Лоҷиро печонида, ба рақс даромаданд.

Гул дар ҳамин вақт дар болои пул меистод. Ӯ чизеро сарфаҳм намерафт: Лоҷӣ бо сару либоси арӯсӣ рост истодаасту лӯлиён ӯро иҳота карда, суруд мехонанд, мерақсанд ва доира мезананд. Ӯ бидуни ихтиёр аз пул фуромад ва ба он сӯ раҳсипар гашт. Ҷавонро ягон кас надид ва ӯ ба анбӯҳи одамон даромад. Дар ҳамин вақт Қавлӣ аз хайма ханҷари дастааш устухони филро баровард ва онро ба Лоҷӣ дод ва гуфт:

— Хӯш, худат мебинӣ, ки бой додӣ. Акнун ту бояд рақси арӯсро иҷро кунӣ!

Вале дар ҳамин асно Гул ба Лоҷӣ тамоман наздик шуд. Издиҳоми лӯлиён ӯро дида, худро пас кашид ва роҳ дод. Ҳама нафас ба дарун гирифтанд.

— Лоҷӣ!

Духтар якбора дод гуфт, рӯй гардонд ва ҳамон лаҳза сар поин афканд.

— Лоҷӣ, ман барои бурдани ту омадам! Рафтем!

Вале аз ҷониби духтар ҳаракате дида нашуд.

— Сарулибоси арӯсӣ пӯшидаӣ, — давом дод суханашро ҷавон. — Магар ту ёд надорӣ, ки дирӯз ба ман чӣ ваъда дода будӣ?»

— Ёд дорам, Гул! Ёд дорам, — саранҷом ба гап сар кард Лоҷӣ. — Ман ба ту ваъда дода будам, ки арӯси ту мешавам.

— Пас рафтем!

— Гул, он пулҳоро дуздиданд ва ман натавонистам қарзамро бипардозам.

— Дуздиданд? — такроран пурсид Гул. — Ин чӣ сафсата? Маро масхара мекунӣ?

Лоҷӣ чашм ба замин дӯхта, беҳаракат меистод. Ҳастии ҷавонро қаҳру ғазаб фаро гирифт.

— Дурӯғ! — дод зад ӯ. — Ту пулҳоро ба Дамору додӣ ва акнун ба ӯ ба шавҳар мебароӣ! Падарам рост гуфта будааст, ки ба лӯлиён бовар кардан мумкин нест. Онҳо одамони софдилро ба доми худ мекашанд, то пули ишонро ситонда, пасон бигрезанд...

Лоҷӣ чашмони пурсиришкашро боло кард, ба Гул нигарист, аммо ҳарфе ба забон наёвард.

Гул даст бардошт, то кашидаву кушода, ба рӯи Лоҷӣ бизанад, аммо худдорӣ кард ва пасон базӯр-базӯр пой бардошта, аз издиҳом дур шуд. Лоҷӣ ӯро бо нигоҳи пурармон гуселонид ва пасон ба модараш рӯй овард:

— Модар, ханҷарро ба ман деҳ! Ман рақси арӯсро адо мекунам!

Садои доира баланд шуд, зангӯлачаҳо ба ҷирингосзанӣ даромаданд. Лӯлиён дубора ба ракс сар карданд. Суруд торафт баланд садо медод. Пойҳо ҳамон тезтар ба замин кӯфта мешуданд, дастон дар ҳаво мисли болҳо алвонҷ мехӯрданд. Доира садо медод, най нолиш мекард. Усули рақс ҳамвора тез мешуд. Лӯлиён рақскунон аз ҳисси шодиву сурур ва мамнуният дадсифатона ғирев мебардоштанд. Чунонки урфу одат тақозо дошт, Лочӣ ҳангоми ракс гоҳ ба Дамору наздик шуда, ханҷарро ба пойҳои ӯ мерасонд, гоҳ аз сари нав дур мешуд. Лочӣ ҳаргиз бад-ин минвол дилрабо, чусту чолок, хиромон ва бо шавку завқ нарақсида буд. Чунин ба назар мерасид, ки Лочӣ гӯё бо ин ракс бо тамоми орзуву хаёлоти ширинаш хушбошӣ мекунад, мехоҳад ба оғӯши қабилаи хеш бозгардад ва ба тақдираш тан бидиҳад. Аз рақсу суруд чангу ғубор бархоста, ба атроф паҳн шуда буд ва дар дуродур дар шохҳои каб-кабуд гулҳои сурх ҳуднамой доштанд.

Даври охирини рақс... Лочӣ дастонашро боло карда, дар муқобили Дамору таваққуф кард. Мувофиқи расму ойин Дамору бояд ӯро ба рӯи даст мебардошт. Ӯ кадаме пеш гузошт ва пайкари ларзони духтарро, ки аз таъсири рақс ҳарорат бароварда буд, ба оғӯш кашид. Аммо дар худи ҳамон лаҳзае, ки Дамору ӯро ба рӯи даст бардошт, Лочӣ ба синаи ӯ ханҷар зад...

* * *

Гул дар дами дар истода, чарх мегардонд. Дар паҳлуяш зани Довуд меистод. Корд дар рӯи фасонсанг баланд виззос мезад, оташпораҳо мепарид.

— Ба Лочӣ ҳукм бароварданд? — пурсид зан.

Гул ба болои чарх хам шуда, кордро бо диққат аз назар мегузаронид гӯё дар он нуқсе дида бошад.

— Бале, се сол доданд, — бо овози паст гуфт ӯ.

— Акнун ту чӣ кор мекунӣ? — раҳмдилона ба ӯ нигариста, пурсид зан.

— Интизор мешавам!

Гул дубора чархро ба ҳаракат даровард ва ба тез кардани дами дигари корд даромад.

— Ту чӣ кор мекунӣ? — шигифт монд зан. — Ту охир ҳамеша як дами кордро тез мекардӣ!

— Ох, холаҷон, чӣ чора! Дунё бас бераҳму шафқат будааст! Ҳарду дами кордҳоро чарх доштан рост меояд!

## Боби X

Ҳоҷӣ Абдуссалом ва Мир Чандонӣ бо ҳам дӯстони қарин буданд. Онҳо дар вақташ бонк кушода, ба воситаи он мардумро ғорат мекарданд, ҳарду дар як вақт фош шуда, ҳукм гирифтанд ва кунун дар зиндон муҳлати ҷазоро буд мекарданд. Вале ишон чунон найрангеро ба кор бурданд, ки полис дороиашонро, ки иборат аз як милёну ҳафтсад ҳазор рупия буд, натавонист мусодара бикунад. Ин миқдор пулро ёфтан кори осон нест ва дар ивази он чанд солро дар зиндон гузаронидан чандон аҳамият надорад. Ҳамин тариқ, ҳарду бидуни як сари мӯ ғаму ғусса, бидуни заррае ҳисси афсусу пушаймонӣ мӯҳлати ҷазоро мегузарониданд ва ҳар чӣ мехостанд, мекарданд. Ноиби сардори зиндон бо ишон риштаи дӯстӣ пайваст. Нозиронро низ хариданд — онҳо дар ивази пул гӯшашонро наҷунбонда, ба он ду дӯст итоат мекарданд. Аз ҳамин сабаб буд, ки онҳо дар зиндон чунон рӯз мегузарониданд, ки аз зиндагонии Майкл Роудиашон як сари мӯ тафовут надошт. Ба онон «хӯроки зиндон»-ро аз беҳтарин меҳмонсаройҳо меоварданд, онҳо танҳо сигареттаҳои «Стейт экспресс» мекашиданд. Ҳар гоҳ баногоҳ дар дилашон майли тарабкада рафтан пайдо шавад, пинҳонӣ, ҳамзамон бидуни мамониат метавонистанд биравanд. Ба назди рақкосаҳои Далдор Роуд низ чандин бор рафта буданд. Дар чунин ҳолатҳо ду нафар аз нозирони паҳлавонҷусса мушойиат мекарданд. Пулашон, ки дар ҷои боварбахш буд, фикри гурехтанро ба гӯшаи хотир ҳам намеёварданд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки ноиби сардор ба онҳо чунин озодӣ дода буд.

Ноиби сардор шахсе буд соҳибмаълумот. Дар ҷавонӣ дар коллеҷ аз иқтисод дарс мегуфт ва моҳе сесаду панҷоҳ рупия даромад дошт. Аммо ин сесаду панҷоҳ рупия ба оилаи калон кифоят намекард, нӯг ба нӯг мерасид. Донишҷӯён ӯро чандон дӯст намедоштанд, чаро ки ӯ бо ишэн на ҳамчун омӯзгор, балки ҳамчун муфаттиши полис муносабат мекард. Ва беҳуда алайҳи ӯ дар коллеч борҳо эътироз накарда буданд. Ин корҳо ҳанӯз дар замони инглисҳо буд ва сарвари коллеҷ низ инглис буд. Ва барои инглисҳо дар паси эътироз ва таҳримҳо шабаҳи инқилоб вонамуд мегашт. Қолӣ Чаран аз ин истифода бурда, мувофиқи тавсия ва маслаҳати сарвари коллеҷ пешаи худро дигар кард. Ӯ пешаи омӯзгориро тарк карда, ба идораи зиндон ба кор гузашт (маъмури зиндонҳои вилоят яке аз дӯстони сарвари коллеҷ буд). Ин кор ба омӯзгори собиқ табъи дил уфтод. Дар ин ҷо ҳама низ ба шавқу завқ ва майлу рағбати ӯ созгорӣ мекард. Гузашта аз ин, дар ин ҷо гӯшту шир, тухм, сабзавот ва ҳатто хидматгоронро муфт гирифтан мумкин буд.

Ба зиндониёни доро гузашт карда, аз онҳо маблағҳои калон меситонид. Аммо аз донишҷӯён чӣ ҳам ситонидан мумкин буд? Магар ин ки дарси иловагӣ медоду пули ночизе ба дасташ мерасид.

Акнун Қолӣ Чаран аз тақдири хеш розӣ буд. Рости гап, дар ин ҷо ҳам на ҳама кораш ба осонӣ ба ӯ даст медод. Гоҳе мешуд, ки ӯро ба кори роҳбарӣ пешбарӣ мекарданд ва гоҳо, баръакс, паст мефаровwarданд. Вале ин ҳама охир гардиши фалак буд. Одамизод гоҳо мавҷро савор шуда, хеле боло меравад ва гоҳе худи ҳамин мавҷ ӯро аз сари роҳаш рӯфта, ба соҳил меафканад. Ҳаёт — укёнусест, ки мо дар оғӯши он арзи ҳастӣ дорем ва он ногузир моро ба коми худ фуру мебарад. Оё меарзад, ки барои ин ғусса хӯрд? Қолӣ Чаран танҳо ғами онро мехӯрд, ки сардори зиндон ӯро одами поквиҷдон шуморад. Сардор низ одами соҳибмаълумот буд. Агар ӯ сардори зиндон намешуд, пас ҳатман нависанда ё шоир, хунёгар ё шахсияти ҷамъият мешуд. Ӯ марде буд нексиришт ва мехост барои мардум ва ҷомиа кори хайр ва дилписанде бикунад. Хаёлоташ мусаввараҳои рангорангеро тасвир мекард. Вай мехост барои мардум хидмат бикунад, олиҳиммат бошад, мехост сабаби ғаму ғусса ва нодорию бенавоии халқашро дарк созад. Сардор ҳанӯз аз айёми бачагӣ ба санъати тасвирӣ дилбастагӣ дошт ва дар ин боб басо қариҳаеро ҳам соҳиб буд. Вале падараш ройбаҳодур* Ганга Саҳай, ки муовини муфаттиши зиндонҳо буда, дар айёми ҳукмронии инглисҳо дар шумори амалдорони обруманд буд, қарор дод, ки писараш — Хуб Чандро ба зиндон ба кор дароварад. Агарчанде Хуб Чанд дар дил орзу мепарварид, ки ба Порис рафта, бо санъати тасвирӣ шуғл бипардозад, ба иродаи падар натавонист муқобалат бикунад ва бад-ин минвол сардори зиндон тайин шуд. Мутаассифона, ӯ одаме буд нармхӯ ва аз ҳамин сабаб Ван Гог* невуҳамагӣ сардори зиндон шуд.

Нексириштӣ, нозукдилӣ ва хислати ҳаётпарастонаи ӯ дар ин ҷо ҳам ҳувайдо мешуданд. Вай нисбат ба зиндониён ҳалим ва меҳрубон буд. Зердастонаш хешро бас озод ҳис мекарданд. Эътимод ба одамон аз хислатҳои асосии ишон буд. Хуб Чанд ҳоло ҳам нисбат ба рассомӣ дилбастагӣ дошт. Вале ӯ на санъати тасвирии муосир, муҷаррадро, ки занонро баднамо ва харобу лоғар ва мардонро мураббаъшакл тасвир мекард, меписандид, ба ӯ санъати тасвирии мардумӣ, ки дар он таъсири содагии деҳот эҳсос мешуд, ки маъқул набуд. Ӯ ба сабки

* Ройбаҳодур — унвонест, ки инглисҳо амалдорони ҳиндуро барои хидматҳои махсусашон дар назди давлат сарфароз мегардониданд.

* Ван-Гог Винсент (1858—1890) — рассоми ҳолландӣ.

ором у бекарру фарри санъати тасвирии мактаби қадимаи банголӣ муҳаббат дошт. Сукунат, табиати махмуру ором. Дар соҳили наҳр, дар наздикии деҳа соҳибчамоле ғарқи хаёл дар бамбукзор паноҳ бурдааст. Чунон дилкашу боназокат ва чашмони фаттон дорад, ки... Танҳо як нигоҳаш қодир аст мардонро обу адо созад. Зодбуми ин гуна соҳибҷамолон куҷост? Хӯрокашон чист? Умуман оё онҳо хӯрок мехӯранд? Балки онҳо танҳо бо он қаноат мекунанд, ки ҳусну ҷамоли худро метавонанд тамошо бикунанд? Ва умуман ҷунин офаридаҳои мукаммал ба хӯрду хӯрок ниёзе доранд? Чӣ зарурат аст, ки ӯ ҳаракат бикунад? Вай тасвир аст. Тасвирест, ки ба чаҳорчӯбаи зарҳалӣ андохта, бояд тамошо кард. Одамони бисёре ҳамин гуна андеша ба сар доранд, зеро аглаби занон дар орзуи чунин чаҳорчӯбаи зарҳаланд. Ҳуб Чанд дорои чунин чаҳорчӯбаи зарҳалӣ буд, вале занеро, ки сазовори он бошаду ӯ ба ин чаҳорчӯба гузорад, то имрӯз вонахӯрда ва бино бар ин сарфи назар аз он ки ба панҷоҳ даромадааст, ҳанӯз ҳам муҷаррад буд. Ҳуб Чанд ҳатто умедашро канда буд, ки бо чунин зан дучор меояд. Акнун ӯ танҳо тасвири занони боз ҳам боназокатгар, боз ҳам зеботар ва боз ҳам дилкаштарро мекашид. Гоҳо ба расмҳои кашидаи хеш менигарист ва бидуни хоҳиш ва ихтиёр гиря мекард. Наход ягоне аз онҳо зинда нагардад? Наход ин лабон ба забони ҳол наояд? Наход ин дастон, набитвонанд, ки ӯро ба огӯш бикашанд? Агар абрувони дароз-дарози ин духтари фаттон ба рӯи ӯ расад, чӣ мешуда бошад? Лутфан бигуед баъд чӣ мешавад? Қасе ба ӯ наметавонист бигӯяд, ки пас аз ин муъҷиза киссаи ишқ оғоз меёбад. Пасон, эҳтимол, тӯю сур мешуд, пас аз тӯй фарзандон таваллуд мешаванд ва дертар, аҷаб не, ҷанҷолу хархаша ҳам сар шавад. Пас аз таваллуди фарзандон, пас аз ҷанҷолу хархаша он зан, эҳтимол, харобу лоғар ва ё баръакс, фарбеҳу фаҳӯл шавад. Тамоми орзу ва хаёлоти рангаю ширини Ҳуб Чанд ба ин ҷо расида, қатъ мегаштанд. Шояд барои ҳамин ҳам ӯ то ҳол хонадор нашуда буд. Ба ӯ тамошои нилуфаре, ки дар об шино мекунад гуворост, на лойқаи зери об, ки решаҳои онро мемакад ва на оне, ки баргони нилуфарро пажмурда мегардонад.

Вақте ки Лочиро ба ҳуҷраи кори Ҳуб Чанд даровардаид, ӯ ба тамом маҳву мот гашт. Ба назараш чунин намуд, ки тимсоли зане, ки ӯ дар ниҳонхонаи қалбаш маҳфуз медошт, зинда гардидааст. Ҳамон ҳусну ҷамоли ҳузнангез, ҳамон фатонати чашмон ва айнан ҳамон хиромонӣ. Лочӣ ба он чӣ, ки дар ин ҷо мегузашт, як сари мӯ аҳамият надода, бебокона дар назди ӯ меистод. Ҳуб Чанд дақиқае чанд мутаҳайирона даҳонашро

кушода ба духтар нигарист. Сипас ба ёдаш расид, ки дар ҳуҷраи кор ӯ танҳо нест — дар ин ҷо тундиависи ӯ, чанд нафар аз кормандон ва нозирони зиндон низ ҳузур доштанд. Ҳуб Чанд нигоҳ аз Лочӣ бардошта, ба хондани ҳуҷҷатҳои вай пардохт. Ҳуҷҷатро аз назар мегузарониду сахт шигифт мемонд.

— Ту одам куштӣ? — нигоҳи пур аз таҳайюр ба духтар афканда, пурсид ӯ.

— Вагарна ман дар ин ҷо намебудам, бобу.

— Дуруст ҷавоб деҳ. Ин кас сардори зиндонанд! — гуфт яке аз нозирон.

— Хуб!

Лочӣ бо бепарвоии махсус, гӯё магаси ба пешонааш нашастаро киш мегуфта бошад, бо ишораи даст ба Ҳуб Чанд салом дод.

— Не, не, халал нарасон! Бигзор гап занад! — ҳалимона гуфт Ҳуб Чанд ва дубора ба хондани ҳуҷҷатҳо, ки дар наздаш мехобид, дода шуд. Ӯ хеле вақт ҷуръат накард, ки ба Лочӣ нигарад ва ҳуҷҷатҳоро пасу пеш гардонда, варақ зад.

— Ин расм гап зада метавонад, — ногаҳон аз хаёл гузаронд ӯ, — вай ҳаракат мекунад, вай зинда аст. Сардор аз чизе ба ҳаяҷон омада буд. Аз чӣ? Аз он ки сурат на он чизҳоеро ба забон меёвард, ки ӯ, Ҳуб Чанд мехост бишнавад. Он тасвире, ки ӯ дар хаёлоташ кашида буд, зоҳиран, бо ашъори Такур, рубоёти Хайём, достонҳои лирикии Китс* ҳарф мезад.

Вале дар ин тасвир чӣ самимият ва чӣ софдилӣ ниҳон аст. Дилаш аз дарду алам ба танг омад. Ва ба оҳанги ҷиддӣ пурсид:

— Сабад бофта, бӯрё бофта ва... — духтар инро гуфт ва лаб фуру баст.

— Боз чӣ?

— Рақс карда метавонам, дарбозӣ карда метавонам, аз миёни чархи фурӯзон даҳ бор халлос зада метавонам... Даҳ бор чаппа муаллақ зада метавонам...

Он тасвире, ки дар он хишир-хиширн бамбукзор, манзараи шоирона ва соҳибҷамоли маҳзуну ғарқи хаёл акс ёфтаанд, куҷо шуд? Охир ин айнан ҳамон сурат аст, вале ҳамзамон тамоман дигар аст. Ҳуб Чанд аз навҳаву фиғони ботинӣ меларзид. Ӯ панҷоҳ сол дар қалби худ хаёлотеро мепарварид ва он имрӯз дар як лаҳза барбод рафта, дар пеши пойҳояш пора-пора мехобид. Ӯ гӯё хоб буду хобу хоболуд овози Лочиро бишунид.

— ...бе ҳеҷ машаққат метавонам дастатонро қат би-

* Китс Ҷон (1795—1821) — шоири романтики инглис.

кунам. Мехоҳед нишон диҳам? — рӯй овард ба сардор Лочӣ ва дасташро дароз кард.

Ҳозирон ҳама қоҳ-қоҳзанон хандиданд. Нозир Далдорхон инро мавриди муносиб барои арзи садоқат ба сардораш пиндошта, дасти калону дағали худро ба Лочӣ дароз кард:

— Бобуро ором гузор, ана дасти маро қат кун!

Лочӣ харосон вопас нигарист ва гуфт:

— Дасти ту бас дағал менамояд. — Боз садои қоҳ-қоҳи ҳозирон баланд шуд. Далдорхон киноямез табассум кард.

— Тарсидӣ?

Лочӣ аз қаҳру ғазаб суп-сурх шуд, назди Далдорхон рафт, дасташро ба дасти ӯ ниҳод ва бо панҷаҳояш панҷаҳои ӯро фишурд. Далдорхон дасти духтарро чунон сахт фишурд, ки аз ғояти дард Лочӣ як печутоб хӯрд, вале дасташ ҳатто наларзид.

— Нобакор! Масхарабоз! — наъра кашид нозир ба ғазаб омада ва бори дигар дасти духтарро қат карданӣ шуд.

— Ту худат нобакор! Падарат нобакор! — оташин шуда ҷавоб дод Лочӣ.

Далдор дасти ӯро бо тамоми қувват мефишурд, вале Лочӣ усулҳои акробатҳои оворагардро беҳуда наомӯхта буд. Ӯ ҳам шуд ва бо тамоми ҳастияш ба Далдор муқобалат нишон дод. Дасташ ҳамон беҳаракат буд.

— Хушёр бош, ман ҳозир дастамро пас мекашам!

Лочӣ инро гуфт ва бо чолокӣ ва бо як ҳаракати ногамоён дасташро пас кашид.

Ҳозирон якбора хандаро бардоштанд.

Далдорхон даст бардошт ва хост Лочиро бизанад, вале чун чашмаш ба қиёфаи ҷиддии сардораш уфтод, ба ин кор ҷуръат накард.

— Далдор! Ин чӣ гап? — дағалона пурсид Хуб Чанд ва пасон ба мудирони бахши занҳо Ҷинон Бой рӯй овард ва гуфт:

— Ҷинон Бой, бар ӯро ва шаш моҳ дар яккахона нигаҳ дор. Маълум шуд, ки воқеан ӯ ҷинояткори бимнок будааст!

— Ман яккахонаро намехоҳам: Ман яккахонаро намехоҳам! — бо овози баланд фарёд кард Лочӣ.

Ҷинон Бой харосон худро ақиб кашид. Бо фармони Хуб Чанд чанд нафар аз ҳозирон Лочиро кашолакунон то бахши занона, ки дар қисмати ғарбии ҳавлии зиндон воқеъ гашта буд, бурданд.

Имшаб Хуб Чанд мижа таҳ накард. Ӯ дар равшании хираи шабчароғ он ҳама суратҳоеро, ки дар деворҳои хонаи дилкашаш овезон буданд, тамошо мекард. Ваҳ, чӣ сон ӯ тасвирҳоеро, ки худаш кашидааст, дӯст дошт. Пас аз муҳити зулму

истибдод, ки дар зиндон ҳукмрон аст, ин тасвирҳо ба ӯ чун паноҳгоҳе хидмат мекарданд. Барои ӯ ин тасвирҳо ҳам зану фарзанд буданду ҳам ёру дӯст. Ӯ ҳар як нишони мӯқалам ва ҳар як хатти борики расмҳояшро, ки шоҳиди танҳоии бисёрсолааш буданд, бас ба хубӣ медонист ва дилбастагӣ ҳам дошт. Аммо имрӯз онҳо ба назараш бегона метофтанд. Чунин менамуд, ки гӯё чизе сарнагун шуда, тағйир ёфтааст ва ӯ қабл аз ин ҳаргиз тасвирҳоро надидааст.

Ҳуб Чанд ин тасвирҳоро чӣ хел кашида буд? Охир онҳо беҷон, аз ҳаёт маҳруманд. На, ин на чакидаҳои хомаи ӯст, балки ин ҳамаро қадом як ҷунунсифат қашидааст. Онҳо чӣ мегӯянд? Солҳои бисёре ӯ кӯшиш ба харҷ медод, ки онҳоро зинда гардонад, вале оё тасвирҳо маҷоле доранд, ки ба забони одамӣ гап зананд? Онҳо ҷасадҳои мурдаи тасвирҳои мурдаю беҷонанду бас! Онҳо, ки ҷон надоранд, чӣ сон метавонанд ба забон оянд? Ҳуб Чанд якбора аз Лочӣ ранҷид, сахт ранҷид. Хаёле ба сараш зад, ки гӯё ӯ ҷавонияшро беҳуда гузаронидааст. Ҳоли ӯ ҳоли одамеро мемонд, ки аз ташнагӣ азоб кашида, дар ҷустуҷӯи об роҳгум зада, ба сари чоҳи беоб расидааст. Ҳуб Чанд аз девор суратҳоро бигирифт, аз чаҳорчӯба баровард ва бо ҷунон ҳиссиёте ба даррондани онҳо пардохт, ки гӯё авроқи ҳаёти хешро медаронида бошад. Аммо саҳифаҳои ҳаёт варақҳои коғазӣ нестанд ва онҳоро дубора навиштан номумкин аст.

— Хайр, тақдир ҳамин будааст, ки якумр сардори зиндон бошам! — аз дил гузаронд ӯ.

* * *

Ҷинон Бой дар ҷавонӣ фоҳиша гузашта буд ва ҳангоме ки тароватн рӯй ва ҳусну ҷамолашро гум кард, ба дуздӣ шуғл варзид. Ба миёнсолӣ расида, ба даллагӣ ном баровард ва духтарони соҳибҷамолро аз роҳ зада, онҳоро ба миёнаравҳо мефурӯхт. Аз ин кор даромадаш бад набуд, вале, рости гап, биму ҳарос ҳам басанда буд. Панҷ бор зиндон шуд. Бори охирин, ҳангоме ки Ҷинон Бой зани ҷавони гумонадореро аз роҳ зад, ӯро ба бачакӯшӣ гунаҳкор диниста, якумр ба зиндон ҳукм карданаш. Ҷинон Бой чашмони накукор, даҳони бедандон ва овози фораме дошт. Ҳар як ишорат ва ҳаракати ӯ баёнгари меҳру муҳаббати модарона буданд ва ин буд, ки занҳо низ нисбат ба вай сахт дилбастагӣ доштанд. Ҷинон Бой қонуну қоида ва тартиботи зиндонро ба ғояти хубӣ медонист — охир ӯ дар ин ҷо борӣ нахуст набуд! Зиндон дигар ба як ҳисоб хонаи ӯ шуда буд. Ӯ ҳам ба сардорон маъқул буду ҳам ба зин-

дониён. Ҳатто дуздони гузарон бахши мардона нисбат ба ин зан эҳтиром доштанд, чаро ки номбурда метавонист ҳама корро саришта бикунад. Вай ҳамчун бозаргонии софдилу поквиҷдон ҳар як корро метавонист ба оромӣ ва бехато ба ҷо биёварад. Дареғо, ки Ҷинон Бой дар хонадони нодоре ба дунё омад ва дар вақташ натавонист, ки соҳиби савод гардад. Ӯ инчунин ҳамаи хислатҳои барои бозаргонон зарурро доро буд. Агар ӯро якумрӣ ба зиндон намеандохтанд, як рӯз не, як рӯз як тавонгари номдор мешуд.

Ҷинон Бой он ҳама рӯйдодҳоеро, ки берун аз маҳбас сурат мегирифт, ба занон мерасонд. Ба воситаи ӯ бо бахши мардона робита ба амал меомад. Бо ёрии ӯ ба зиндониён нашъа ва пул мерасид.

Магар одамоне, ки ба паси панҷара меафтанд, чӣ будани ишқро фаромуш мекунанд? Магар мардон аз ҳастии занон бехабар мемонанд? Магар онҳо мард нестанд? Магар онҳо аз эҳсосот маҳруманд? Магар дар ниҳоди онҳо эҳтирос ҷӯш намезанад? Ҳаёт кураи ҳавоиро монад. Як тарафашро фишор диҳӣ, тарафи дигараш медамад ва агар сахттар фишор диҳӣ, мекафад — тамом вассалом! Ин як навъ эътирозест алайҳи зулму тааддӣ. Барои сарфаҳм рафтан ба ин шарт нест, ки донишманд бошӣ. Ҷинон Бой ба зиндониён ҳаргиз зулмро раво намедошт. Ӯ меъёрро, ҳаддро риоя мекард, чаро ки одамони соҳибхирад дар ин кор метавонанд худро чун одамоне вонамуд созанд дорои пешаҳои наҷиб. Метавонӣ қаллоби кунӣ, вале ҳаддашро бояд донист. Метавонӣ порахӯрӣ кунӣ, вале набояд ба худ маломату сарзаниш ба вуҷуд овард. Фиреб деҳ, аҳмақ кун, вале ҳама кор андоза дорад. Ғорат кун, вале ба дафъаи дигар ҳам монад. Миёни ҷиноят ва сиёсат тафовут бузург нест.

* * *

Шаш моҳи аввал ба осудагиву оромӣ бизгашт. Гул тез-тез хабаргирӣ меёмад. Акнун Лочиро лозим намеомад, ки ба хотири қути лоямут гадоӣ бикунад ва ё касеро фиреб бидиҳад. Кор ҳам чандон бароящ гаронӣ намекард. Эҳтимол, он барои дигарон гаронӣ мекард, вале Лочиро аз чунин корҳо пинакаш як сари мӯ вайрон намешуд. Тайи он муддате, ки ӯ дар яккахона зиндагӣ ба сар мебурд, аъсобаш ором ва худ бас батамкин шуд. Пас аз зиндагонии пур аз ташвиш, пур аз тараддуд зиндагонӣ дар зиндон бас ором ва осуда менамуд.

Як рӯз Ҷинон Бой ба назди Лочӣ омад ва гуфт:

— Рафтем! Туро сардор ба наздаш мехонад.

— Барои чӣ?

— Ман аз куҷо донам! — табассум кард Ҷинон. — Шояд ягон хушхабар нигарони ту бошад. Рафтем.

Лочӣ аз паси ӯ ба роҳ даромад. Хуб Чанд духтарро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт. Соат ҳафти бегоҳ буд ва рӯзи кор кайҳо ба поён расида буд. Хуб Чанд фармуда буд, ки як ҳуҷраро дар шафати ҳуҷраи кораш барои рӯзона фароғат кардан ва хӯрок хӯрдан холӣ нигоҳ доранд. Ӯ асбобу ускунаи расмкашияшро низ ба ҳамин ҷо оварда буд. Лочӣ чун ба ҳуҷра ворид гашт, чашмаш ба пораи калони карбоси сафеде уфтод, ки ба чаҳорчӯба кашида шуда буд.

— Ин чист? — тааҷҷуб кард ӯ.

— Ман мехоҳам сурати туро бикашам!

— Сурати моро?! — дар овози ӯ ҳам тааҷҷуб ва ҳам шодӣ эҳсос мешуд.

Сардор сар ҷунбонд ва ба бӯхчае, ки дар як гӯшаи хона буд, ишора кард ва гуфт:

— Дар он ҷо барои ту сарулибос ҳаст. Ин сарулибосатро бадар кун ва онро пӯш. Ман дар ҳуҷраи кори худ мешавам ва чун омода шудӣ, маро фарёд кун.

— Хуб, — гуфт Лочӣ ва шитобон ба гӯшае рафт, ки дар он ҷо бӯхча мехобид.

Хуб Чанд ва Ҷинон Бой аз хуҷра берун шуданд.

— Ту метавонӣ равӣ! — гуфт сардор ба ӯ.

Ҷинон Бой ҷозибанок лабханде зад, таъзим кард ва аз назди Хуб Чанд дур шуд. Муддати кӯтоҳе пас сардор «дароед» гуфтани Лочиро бишунид.

Сардор дубора ба ҳуҷра даромад. Лочӣ доира ба даст дар рӯи тахтасуфа менстод.

— Расмамро ана ҳамин хел гиред!

— Хуб! — Ӯ инро гуфт ва мӯқалам ба даст бигрифт ва ба маҳлул кардани рангҳо сар кард.

— Аммо як хоҳиш дорам: ба ҳеҷ кас магӯ, ки ман сурати туро мекашам.

— Хуб. Вале ин чӣ бадӣ дорад? Охир ҳама одамон расм мегиронанд. Як бор дар истгоҳи роҳи оҳан як марди инглис расми маро гирифт ва дар ивазаш ба ман панҷ рупия пул дод. Боз бисёр одамон расми маро гирифта буданд.

— Лочӣ, ин расм не!

— Пас чист?

— Ин сураткашӣ. Ман сурати туро дар рӯи матоъ мекашам!

— Барои ин чӣ қадр вақт лозим аст?

— Эҳтимол, даҳ рӯз ва ё даҳ моҳ ва ё даҳ сол!

Чӣ, ман бояд даҳ сол дар зиндон шинам?

— Не, ман ба хонаи ту меоям!

— Бобу, ман хона надорам, — гуфт Лочӣ ғамгинона ва пасон илова кард: — агар ман хона медоштам, ба Гул шӯ мекардам!

— Гул? Ин ҳамон патан нест, ки туро хабаргирӣ меёяд?

— Бале!

— Ту ӯро дӯст медорӣ?

— Аз ҷонам ҳам бештар дӯст медорам! Бобу, мехоҳам аз шумо як чизро бипурсам?

— Пурс, марҳамат!

— Гулро ҳам ба зиндон андозед. Ба ӯ ҳам як ҳуҷра бидиҳед — дар ин ҷо чӣ бисёр ҳуҷра бисёр! Мо дар ин ҷо бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекардем. Ин ҷо хонаи худамон мешуд!

Хуб Чанд аз таҳи дил қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Нодон! Ба зиндон ҷинояткоронро меандозанд. Ин ҷазо аст. Ту миёни озодӣ ва зиндон фарқе намебинӣ?

Лочӣ сар ҷунбонд.

— Не, бобу! Зиндагӣ дар паси ин деворҳо низ ба зиндагии ин ҷо монанд аст. Фарқ танҳо дар он аст, ки дар он ҷо панҷараҳои оҳанин нестанд.

Чашмони духтар андешамандона ба боло дӯхта шуданд. Хуб Чанд, гӯё сеҳру ҷоду шуда бошад, ба ӯ менигарист.

Лочӣ ба гирду пеш назар афканд. Сардор ҳаросон як қад парид ва мӯқаламро ба даст бигрифт.

— Ваҳ бобу! Шумо ҳоло ҳам сар накардаед-ку! Матоъатон то ҳол топ-тоза! — хандид духтар.

— Ман нахуст мехоҳам ботини туро дарк созам.

— Ин чӣ маънӣ дорад? Ман чӣ дорам, ки шумо мехоҳед дарк созед? Охир ман Лочиям у бас.

— Ана ҳамаи гап дар ҳамин аст.

— Чӣ?

— Ҳеҷ чиз, — андаке дағалона посух кард Хуб Чанд, — ором бист, наҷунб ва гап назан!

— Ин бас душвор аст.

— Дар акси ҳол ман наметавонам акси туро бикашам.

Лочӣ ангушташро болои лабонаш ниҳод. Хуб Чанд ӯро ба ҳолати лозима овард.

Духтар дақиқае чанд наҷунбида истод. Хуб Чанд гарҳҳои нахустинро кашид.

— Бобу! Ман ташна мондам! — гуфт Лочӣ ногаҳон.

Хуб Чанд об овард. Боз чанд дақиқаи дигар гузашт.

— Бобу! Агар Гул ягон касро кушад, шумо ӯро зиндон мекунед?

— Киро мекушад?

— Хайр, ягон касро. Магар каманд дар дунё одамони бадкору бадкирдор?

— Одамкушӣ гуноҳ аст, на ҷиноят. Ту худ як ба худ тасаввур кун, ки ӯро на ба ду ё се сол, балки метавонанд ҳукм бароранд, ки якумр зиндон шавад.

— Хайр, боке нест, ман низ тамоми умрамро дар зиндон мегузаронам!

— Агар ӯро ба дор овезанд-чӣ?

— Оҳ худоё! Ин ғояти бераҳмӣ мешуд! — Лочӣ ба андеша фуру рафт ва пасон гапашро давом дод: — Хайр, шумо коратонро давом диҳед. Ман дигар гап намезанам.

Вай инро гуфт ва дубора ба ҳолати барои сураткашӣ мувофиқ шуд. Хуб Чанд ба оҳанги ҷиддӣ гуфт:

— Наҷунбӣ!

Ним соат нагузашта буд, ки Лочӣ боз ба гап даромад:

— Бобу, шумо аз ҳама калони зиндонед?

— Бале, ман суперинтендантӣ* зиндонам!

— Суп-ри-ған? — ҳиҷокунон такрор кард Лочӣ.

— Ха, супритан! — хандид сардор.

— Аз супритан калонтар боз ягон кас ҳаст?

— Ҳаст. Муовини сармуфаттиш.

— Аз вай калонтар-чӣ?

— Аз вай калонтар генерал! — хандида посух кард сардор.

— Аз генерал ҳам калонтар ягон кас ҳаст?

— Худо! — гуфт сардор ва хост бо ин ба ин гуфтугузор нуқта гузорад. Лочӣ хомӯш шуд.

— Худо ҳам мард аст, — гуфт ӯ саранҷом ба овози паст, — дар ин дунё ҳама калонҳо марданд. Ман аз куҷо адлу инсофро метавонам биёбам?

Хуб Чанд як қад парид ва бодиққат ба ӯ дида дӯхт. Чеҳраи духтар ҳамон бетағйир буд. Ӯ ҳатто сарфаҳм нарафт, ки чӣ гуфт ва дигар хомӯш доираро дар болои сараш дошта, ҳамон рост менстод. Хуб Чанд хеле вақт мутаҳайирона ба духтар нигарист ва танҳо пасон корашро давом дод. Вале Лочӣ дар ҳамин лаҳза ногаҳон ҷаҳида аз болои тахтасуфа фуромад.

— Чӣ шуд? — ҳаросон пурсид Хуб Чанд.

— Ҳеҷ чиз! Буҷулаки поям мехорад, — ва бо нохунҳояш ба хоридани пояш даромад.

Дар лабони Хуб Чанд аз софдилии духтар табассум падид омад.

---

* Суперинтендант — сардор (англисӣ).

## Боби I

Мурофааи Лочӣ диққати тамоми маҳалли назди истгоҳро ба худ ҷалб кард. Пажуҳиш ва бозҷӯиҳои полис, мақолаҳои рӯзномаҳо, расмҳои қабилаи лӯлиён — ин ҳама шӯре бузург барангехта буд. Гурӯҳе Лочиро барои далерияш ситоиш мекарданд, вале аксарият бар зидди ӯ буданд. Духтар қонуну қоидаи ҷомиа ва ҷамоати хешро поймол кард ва аз ҳамин сабаб мардум наметавонистанд аз гуноҳи ӯ бигзаранд. Ҳангоми мурофаа номи соҳиби коргоҳи маснуоти пластмасса низ вирди забон гашт. Ӯ ҳатто шоҳид буд. Вале азбаски дар ин маҳал шахсе бонуфуз ба шумор мерафт, ҳар он чӣ аз дасташ омад, кард, то аз об хушк барояд ва тамоми гуноҳро ба гардани Лочӣ бор кунад. Ҳарчанд ки худи Лочӣ ба гуноҳаш иқрор шуда, ин айбномаҳо дигар як сари мӯ аҳамият надоштанд, соҳиби коргоҳ ҷидду ҷаҳди бисёре ба харҷ дод, то духтар ҳаддалимкон сахттар ҷазо бигирад. Мардон ҳамеша омодаанд, ки ҳар як гуноҳи занонро рӯпӯш кунанд, аммо тобу тоқат надоранд, ки нафаре аз ишон чун Лочӣ алайҳи онҳо хуруҷ кунад, барои ҳимояи номуси хеш ҷон рӯи каф бигирад. Охир ин ҳатман ба занони дигар таъсир мерасонад. Дарвоқиъ ҳамин хел шуд. Мурофааи Лочӣ аз ҳама бештар ба ҳамқавмони ӯ таъсир расонд. Лӯлизанҳои ҷавон яке паси дигар аз худфурӯшӣ даст мекашиданд. Шавҳарони онҳо ба ташвиш афтода ва сардори қабила ба хашм омада буданд. Пиразанҳо низ бесаранҷом шуданд. Рафтори бебоконаи Лочӣ он занчирҳоеро, ки асрҳои аср лӯлизанҳоро дар банду баст нигаҳ медошт, пора-пора кард. Лӯлизанҳои ҷавон дигар омода буданд, ки дуздӣ кунанд, сабад бофанд, резафурӯшӣ кунанд, вале... вале номуси хешро нафрӯшанд. Онҳо шавҳаронашонро ҷанг мекарданд, коҳиш мекарданд, шарм медоронданд ва бо ин мехостанд, ки ишон низ ба кор омӯхта шаванд, гардан фуроранд. Се духтар қабилаи лӯлиёнро ба тамом тарк гуфта, ба ҷавонони нодоре, ки дар шаҳр кор мекарданд, ба шавҳар баромаданд. Ҷамоати лӯлиён пароканда мешуд. Нахустин ҳамлаи туфон расму ойини азалии ишонро чун хаспорае бо худ бурд. Қабила бидуни хоҳишу ирода ҷаҳида якбора ба садаи бистум гузашт. Ин ходисае буд муқаррарӣ. Дар ҳама ҷо ва дар ҳар даврy замон ба ин монанд ходисаҳо рӯй медиҳад. Онҳо намехоҳанд пеш раванд, баръакс, намехоҳанд домани урфу одат, расму ойин, ақоиди динии иҷтимоии хешро раҳо бикунанд. Аммо нируҳои исёнгар онҳоро бардошта, пеш мебаранд. Ин нируҳо бад-он андоза тавоноянд, ки одами кӯҳнапараст наме-

тавонад ба он муқовамат бикунад ва ночор ба пеш гом мезанад.

Ошӯбе, ки дар қабилаи лӯлиён сурат бигрифт, гирду пешро саросар ба ташвиш андохт. Нирӯҳои гуногун ба набарди зидди қабилаи лӯлиён бархостанд. Ин ҳама тадриҷан, номуташаккилона ва бешуурона ба амал меомад. Лӯлизанон барои мардон лӯъбатаконе буданд бас гуворову арзон. Эътирози духтарон ба ҳамёни миёнаравҳо зарбаи калоне расонд, даромади таксиҳои шабгард, майфурӯшон кам шуд. Агар ба ҳамаи ин кинаю адоватеро, ки соҳиби коргоҳи маснуоти пластмасса — шахси дар ин маҳал соҳиби обру ва эътибори баландро илова кунем, ҳадду андозаи қувваи нафрати мардуми атрофу акноф ба доираи тасаввуроти инсонӣ намегунҷид.

Мардум тадриҷан ба андешаи он афтоданд, ки қабилаи лӯлиён, ки тайи муддатҳои дароз осойишу оромиши онҳо, зиндагии онҳоро халалпазир гардонидааст, барояшон чӣ зарурате дорад. Ин қазия на танҳо бадкирдоронро, ки аз рафтори дигаргуншудаи лӯлизанон ба хашм омада буданд, балки инчунин одамони соҳибэътибору иззатмандро ба худ банд карда буд. Занону арӯсони писандидаахлоқ шавҳарону шавҳаршавандагонашонро алайҳи қабилаи лӯлиён бармеангехтанд. Онҳо медонистанд, ки то даме ки лӯлиён дар маҳалли онҳо зиндагӣ мекунанд, наметавонанд аз ваҷҳи шавҳаронашон осуда бошанд. Акнун ҳар кас дар ҳаққи лӯлиён даҳанкаҷӣ карда бо нафрат гап мезад:

— Ҳамаи онҳо дузданд.

— Роҳзананд.

— Ҷинояткоранд.

— Оворагарду ғоратгаранд.

— Онҳо дар ҷомиаи мо доғи нанганд.

— Барои чӣ онҳо дар маҳалли мо ҷой гирифтаанд?

— Барои чӣ идораи шаҳрдорӣ ба онҳо иҷозат додааст, ки дар ин ҷо зиндагӣ кунанд?

— Онҳо на виҷдон доранд ва на дину диёнат. Онҳо дар ҳар лаҳза метавонанд ба меҳани худ, ба миллати худ хиёнат кунанд.

Ҳар кас андешаи хешро мегуфт. Мурофиаи Лочӣ ҳар андоза ба тамомшавӣ наздик мешуд, мардум ҳамон андоза бештар алайҳи лӯлиён овоз баланд мекарданд. Одамон фаромӯш карда буданд, ки дар паҳлуи ҳар як зани бадахлоқ марде меистад. Вале ин мард — мардест некахлоқ, оиладор, хидматгузор, корчаллон, алғараз, одами худист ва аз ҳамин сабаб ҳама аз як гиребон сар бароварда, ба ҳимояи онҳо, ба ҳимояи шаъну шарафи хеш бархоста, омодаи он мегаштанд, ки ба ҳа-

ма гуна айбномаҳо сахт муқобалат нишон диҳанд. Дар ҳар ҷомиае, ки ба синфҳои дороёну нодорон тақсим карда шудааст, омодаанд, ки барои рӯпӯш сохтани гуноҳи худ ягон унсури ба ин қабила, ҷомиа, кишвар, халқ ва дин бегонаро боми пастак карда, қурбон кунанд. Ба ин гуна ҷомиаҳо боми пастаки ногувор зарур аст. Чунин ҷомиаҳо унсурҳои — хоҳ вопасмонда бошад, хоҳ ба андозаи афзун пешқадам бидуни ҳамин гуна боми пастак наметавонад арзи вуҷуд дошта бошад. Чунин унсурҳои қурбоншаванда ба вижа дар давраи таназзулҳо заруранд. Ҷомиа онҳоро аз ҳаёт маҳрум сохта, хуни онҳоро макида, аз нав гӯё ҷон мегирад. Як тарафи таърихи ҷомиа сапед аст, чаро ки он бо хуни мазлумон шуста шудааст, аммо тарафи дигараш сиёҳ аст: дар он осори хуни бомҳои пастак нақш бастааст. Мардум азияткашидагонро бо тафохур ёд мекунанд. Аммо бомҳои пастакро касе ба ёд намеёрад. Ва агар гоҳ-гоҳе сухан аз онҳо равад, пас хиҷолатмандона сар поин афканда, бо овози нимшунаво гап мезананд. Ва ин аст, ки мардум азияткашидагони худро медонанду ситойиш мекунанд, аммо бомҳои пастакро ҳаргиз ба ёд намеоранд.

Дар он рӯзе, ки ба Лочӣ ҳукм бароварда шуд, дар он рӯзе, ки дар рӯзномаҳо аз хусуси мурофаа гузориши муфассал интишор гардид, қаҳру ғазаби сокинони маҳаллаи назди истгоҳ боз ҳам бештар ба ҷӯш омад. Тахминан пас аз даҳ рӯзи баромадани ҳукм Ҳамид ба Қамлокар ном ҳамкораш гуфт:

— Имшаб тамошо мешавад!

— Дар куҷо?

— Дар он тарафи анбор! — чашмак зад Ҳамид.

Қамлокар асли мақсадро нафаҳмид, вале он чӣ, ки пай бурд, басанда буд. Ӯ дигар суоле надод.

— Бо худ ягон чиз гирифтан даркор аст?

— Ҳа!

— Чӣ?

— Чӣ, мегӯӣ? Як шиша май, вагарна аз тамошо лаззате намебарӣ.

— Имшаб тамошо мешавад! — пичиррос зад понфурӯш ба Модху.

— Тамошо?! — пурсид мевафурӯш як қад парида.

— Ҳа!

— Кай?

— Нимишаб, Меравӣ?

— Албатта! — Модху хушҳолона дастонашро ба ҳам молиш дод ва муддате пас пурсид: — Танҳо равам?

— Агар касе наёбӣ, танҳо ва агар ягон касро ҳамроҳ барӣ, бад намешавад.

— Ман ягон даҳ — дувоздаҳ ошнои ширфурӯш дорам. Онҳоро барам?

— Албатта! Ҳамаашонро бар! Табъи дил мешавад.

Соҳиби коргоҳи маснуоти пластмасса ба воситаи телефон:

— Чанто Манӣ! Имрӯз одамони ту даркор мешаванд.

Чанто Манӣ ҳар чӣ рост ояд — ҳам бо нашъаву афюн, ҳам бо кокаину шароб ва ҳам бо занҳо савдо мекард, қимор мезад, дар дуздӣ ва торочгариҳо ширкат меварзид. Ӯ фиребгар буд, аммо бас дасткушоду саховатманд, муътабар ва боинсоф. Вайро борҳо аз шаҳр ронданд. Чанто Манӣ чи дар миёни бозаргонон ва чи дар миёни ҷинояткорон обрую эътибори беандоза калон дошт.

— Дар соати чанд, бобу? — пурсид ӯ.

— Дар соати даҳи бегоҳ. Одамонат рост ба назди коргоҳ оянд, чӣ кор карданашонро мегӯем.

— Хеле хуб! — Чанто Манӣ инро гуфт ва гӯшакро ба ҷояш ниҳод.

Соати тамошо наздик мешуд. Бегоҳӣ дар назди анбор одамони бисёре гирд омаданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ истода, ба ҳам сӯҳбат доштанд. Аз ҳаво бӯи амвочи тӯфоне, ки наздик мешуд, ба димоғ мезад. Ҳувайдо буд, ки чизе омода мегардад. Издиҳоми мардум ҳамон бештар, аммо шумораи полисҳо ҳамон камтар мешуд. Соатҳои ёздаҳ дигар ягон полис ба чашм наменамуд. Баробари фуромадани торикӣ фурӯшгоҳҳои гирду атроф баста шуда буданд, вале кас одамонро дида гумон мекард, ки онҳо ба муносабати кушода шудани бозори маккора (ярмарка) ғун шудаанд.

Миш-миши тамошо ба гӯши Гул ҳам расида буд. Вале ҳеҷ кас кушоду равшан гап намезад — ҳама нимғурма, бо имову ишора чизе мегуфтанду бас. Қасе равшан намедонист, ки чӣ ҳодиса дар пеш аст. Вале кай? Дар куҷо? Чӣ хел? Ҳеҷ як иттилооти боварбахш набуд. Ин кор махсус ҳамин хел карда мешавад. Одамонро бо асрори мавҳумият дучор гардонида, хаёлоташонро ба авҷи аъло расонида, пасон сели ҳаяҷону изтиробашонро ба ҷараёне равона месозанд, ки ба созмондеҳони ин кор зарур аст. Ҳодисаҳои минбаъда ба кайфият ва руҳияи издиҳом вобаста аст. Ҳеҷ кас дар он лаҳза андеша намекунад, ки рафтораш дуруст аст ё на. Созмондеҳон ҳамаашро пешакӣ андеша мекунанд, аммо издиҳом пас аз вуқуъ пайвастани воқиа. Ва оне, ки пешакӣ андеша кардааст, реҷа кашидааст, бас ба хубӣ медонад, ки ин андеша ба сари издиҳом дертар меёяд.

Чанто Манӣ наздики соати даҳ бо одамони худ дар назди даромадгоҳи коргоҳи маснуоти пластмасса ҳозир шуд ва дас-

тур гирифт, ки одамонашро нӯшонида, маст кунад. Пул бошад, ин кор як сари мӯ душворӣ надорад. Дар паҳлуи корғоҳ — дар миёни дарахтзор кулбаи хасине буд ва дар ҳамин кулба май дастӣ мефурӯхтанд. Коргарон пас аз кори пурмашаққат тез-тез ба он ҷо даромада, шабҳои дароз менишастанд, шароб менӯшиданд, моҳибирёну кабоб таматтуъ мекарданд. Май чун оби ҷӯй истеъмол мешуд. Сӯҳбати одамон мисли амвоҷи укёнус гоҳе ҳамвор ва ором мегашт ва гоҳе талотум мекард.

Ҳангоме ки ҳама маст шуд, Чанто Майӣ дастурҳои минбаъдаро гирифт... ва ҳамчунин як маблағи калон ба кисаи ӯ даромад. Вай аз одамонаш се нафарро ҷудо карда, ба ҷое рафт. Онҳо муддате пас чалакҳои пур аз нафт ва дигар лавозимоти оташзанӣ оварданд.

Наздики соати дувоздаҳ қатори боизпасин гузашт. Қатори дигар бояд пас аз се соат гузарад. Тақрибан дар ҳамин вақт аз тарафи анбор якбора забонаҳои оташ баланд гашт. Касе фарёд кашид:

— Хаймаҳои лӯлиён месӯзад!

— Ё Алӣ*! — нидо кард Ҳамид.

Модху бо гурӯҳи худ ба истгоҳ ворид гашт ва аз болои роҳҳои оҳан гузашта, ба сӯи гузари лӯлиён равон шуд. Модху ва ҳамроҳонаш чӯбдастҳояшонро дар ҳаво алвонҷ дода, «Ҳар ҳар Маҳодев»** — гӯён ғирев мебардоштанд.

Аз ҳар сӯ одамон дар даст корд, чӯбдаст ва калтак тозон меомаданд. Аз димоғи ҳама бӯи май меёмад, чашмонашон дарандавор медурахшиданд, пойҳояшон гургвор чолок буданд, сӯрохиҳои биниҳояшон аз эҳсоси пешакии сайд пир-пир мепариданд. Фарзанди одамӣ дар як он никоби тамаддунро аз худ дур афканда, ба сурати ҳайвон медароянд ва шитобон ба ҷустуҷӯи сайд меафтад. Кистанд онҳо? Чӣ бадӣ кардаанд? Боиси ин қадр кинаву адоват чист? Дар ин хусус касе андеша намекард. Мақсаду мароми ҳама як буд:

Сайд! Сайд! Сайд!

Ҳисси хунхории даҳсифат бедор шуда буд.

* * *

Гул дар болои пул истода, медид, ки чӣ сон гузари лӯлиёнро аз ҳар сӯ печонида, оташ мезаданд. Лӯлиён худро хашмгинона мудофаа мекарданд, вале қувваи онҳо нисбат ба душ-

---

* Ё Алӣ — даъвати ҷанговаронаи мусалмонони Ҳиндустон.

** Ҳар ҳар Маҳодев — даъвати ҷанговаронаи ҳиндуён.

ман бас кам буд. Илова бар он ҳуҷум ногаҳонӣ буд ва онҳо дар ғафлат монданд. Бачаҳо доду фарёд бардошта ва занҳо то қадри имкон хешро ҳимоякунон чун мурғи пойсӯхта аз як тараф ба тарафи дигар медавиданд. Гул ҳамон дар болои пул истода, ин манзараи мудҳишро муроқаба мекард. дар ниҳодаш эҳсосоте бас мухталиф ва мутазод мубораза мебурд.

Онҳо душман буданд, аммо ҳамқабилаҳои Лочиянд — ҳамон Лочӣ, ки ба хотири ӯ гирифтори зиндон шудааст. Дар он чо модари Лочӣ, падари Лочӣ. Рост аст, ки онҳо зишткоранд, манфуранд, аммо дар ҳар сурат волидони ӯянд.

Ҳастии Гулро ларза фаро гирифт. Ӯ тозон пойин фуромад. Аммо тани танҳо чӣ кор ҳам карда метавонад? Қасе бо чӯбдаст ба пойи Гул зад. Ӯ ба замин афтид. Ӯро зери по карда мегузаштанд, вале бечора чизеро ҳис намекард — дарди пояш сахттар буд. Гул бо машаққати зиёд аз чой бархоста, лангонлангон ба сӯи пули кӯҳна раҳсипар гашт. Ӯ мехост ба полис сим занад, вале аздусар аз ин суде набуд. Аз боло ба ӯ ҳама чиз баръалонна намоён буд. Хаймаҳо месӯхтанд. Одамон машъал ба даст дар ҷустуҷӯи лӯлиён давутоз доштанд. аммо лӯлиён аз баҳри ҳама чиз гузашта, фирор мекарданд. Бачаҳо ҳаросон мегиристанд ва дар ҷустуҷӯи падарону модаронашон худро ба ҳар сӯ мезаданд.

Яке аз роҳзанҳо лӯлизанеро ба даст афтонд, сарулибосеро, ки дар тан дошт, бо корд чоқ кард. Ӯ метавонист ин корро бо даст ҳам бикунад, вале аз он ки бо корд чок мекунад, лаззати бештар мебардошт. Роҳзан лӯлизанро тамоман лучи медарзод кард. Дар атрофи онҳо гурӯҳи ҳамакидаҳояш ғун шуд. Онҳо аз ғояти шодиву сурур арғушт мерафтанд ва гоҳ-гоҳе аз шиша ба даҳон май мерехтанд.

Гул чашмонашро бо даст руст кард ва шитобон ба идораи полис рафт. Лекин роҳзанҳо сари вақт огоҳонида шуданд ва то омадани полис ғайб заданд. Майдон холӣ, хаймаҳо ба тамом сӯхта буданд. Чанд нафар лӯлии сахт захмдор дар рӯи замин хобида, нолиш мекарданд. Дар ҳама чо сафолпораҳои кӯзаву пиёлаҳо, косаву табақҳои тунукагину алюминӣ мехобиданд. Бачагон, ки аз тарс дар ҳар гӯша руст шуда буданд, фикфик мегиристанд. Дар пеши чашмони онҳо модаронашон беномус ва падаронашон маъюбу маълул карда шуда буданд. Нӯкарони шайтон рақси даддсифати хешро адо карда, ғайб задаанд ва акнун дар ин чо танҳо чафодидагон монда буданду бас. Аз роҳзанҳо на пай буду на хайдар. Полис дар хусуси воқиа суратҳол (протокол) тартиб дод. Посбонҳо ҳамаи кӯчаю паскӯчаҳои назди майдонро давр зада, чанд касро дастгир карданд, вале аксарияти онон ба ин ҳодиса алоқае надоштанд.

Онҳо аз ин ҳодиса тамоман хабар надоштанд ва оромона дар хонаҳои худ хоб буданд.

Бомҳои пастак! Баробари дамидани субҳ лӯлиён гузари худро тарк карданд. Майдон холӣ шуд, танҳо чанд хаймаи нимсӯхта, чукуриҳо ва изҳои пойи бокӣ монданду халос. Даҳ-дувоздаҳ рӯз мегузараду онҳо низ нопадид мегарданд. Аз ин ҳодисаи хунин нишонае нахоҳад монд.

Лӯлиён ин ҷойҳоро ба ҳамешагӣ тарк карданд, ба ин ҷо дигар ҳаргиз бознамегарданд. Кӣ медонад, ки онҳо дар куҷо маскан гузида, хайма мезананд? Аммо равшан аст, ки ба ин ҷо бознамегарданд. Сокинони маҳаллаи назди истгоҳ аз ин до-ғи нанг ба ҳамешагӣ халос шуданд. Акнун чизе осудагии он-ҳоро халалдор нахоҳад кард.

Субҳ фурӯшгоҳҳо дар вақти муқаррарӣ дарҳои худро боз карданд. Одамон аз пайи ташвишу тараддуди худ буданд. Попфурӯшон, мевафурӯшон, ронандагони таксӣ — ҳар яке аз паси кори хеш буд. Оташдиҳандагон бо сабадҳои пур аз ма-води хӯрока дар навбати истгоҳи автобус меистоданд. Онҳое, ки дирӯз лӯлизанеро беномус карда буданд, имрӯз ба завҷа-ҳои хеш гулдаста мебурданд. Зиндагӣ чун ҳаррӯза мӯътади-лона, мутаносиб, мавзун ҷорӣ буд.

Бале, он ҳамон тавре буд, ки бояд бошад. Аммо он ба на-зари Гул шигифт намуд. Ва ҳангоме ки рӯзи мулоқот ӯ ба Лоҷӣ ин ҳодисаро нақл кард, дили духтар ба танг омад. Ӯ он роҳи беинтиҳои номаълумеро пеши назар овард, ки дар дашту дамани ва водию биёбонҳо тул кашида, дар он қофилаи лӯлиён дар ҷустуҷӯи сарнавишти номаълуми хеш меравад.

Ин манзара дили духтарро реш-реш кард. Ӯ сарашро ба сандуқи дили Гул ниҳода, тамоми овозашро сар дода, гиря кард.

## Боби XII

Агарчанде ки Хуб Чанд манъ карда буд, сурати Лоҷиро кашидани ӯ дар сар то сари зиндон овоза шуд. Табиист, ки дар миёни зиндониён майлу рағбате барангехта буд ва зан-ни дар миёни зиндониён майлу рағбате барангехта буд ва зан-ҳо яке паси дигар ба тамошои Лоҷӣ меёмаданд. Рӯзе ҳунар-пешаи номдор — ситораи синамо Дилоро низ омад, ки барои қаллобияш ба сеюним сол маҳкум шуда буд. Ин духтаре буд, ки чеҳрааш гулро мемонд, чашмонаш мисли нилуфар беғубор, ранги пӯсташ ойнавор ҷило медод. Вайро дида ҳеҷ кас гумон ҳам намекард, ки аз дасташ қаллобӣ меояд. Ва маҳз аз ҳамин сабаб Лоҷӣ низ бо чӣ гуноҳ зиндон шудани Дилороро фаҳмида, сахт шигифт монд.

— Ман наметавонам ба худ тасаввур бикунам, ки ту ка-

серо фиреб дода метавониста бошӣ. Хеҷ аклам намегирад! — бо табассум гуфт Лочӣ.

— Не, ин рост аст! Оҳ, Синдҳи Сетҳ чунон ҳилагар буд, ки гуфтан надорад, вале ман бо вуҷуди ин сӣ ҳазор рупияашро гирифтам, — хандида-хандида гуфт Дилоро.

— Барои чӣ?

— Ба ман пул лозим буд!

Лочӣ вазъияти худро ба ёд овард. Пул чизест, ки ба одам ҳамеша даркор, баъзан маблағи калон лозим мешавад. Ҷои шигифтӣ нест, ки Дилоро сӣ ҳазорро бо роҳи фиреб гирифтааст. Эҳтимол, ин маблағ ба вай хеле зарур шудааст, ки ночор монда роҳи каллобиро пеш гирифтааст. Дили Лочӣ бухс кард.

— Дар кино чӣ кадр даромад доштӣ?

— Моҳе понздах. — бист ҳазор.

— Пас чаро барои сӣ ҳазор ба роҳи ҷиноят даромадӣ?

— Ман мехостам мошин бихарам. Як маҳароҷа ба ҳаштод ҳазор мошин мефурӯхт. Барои чунин мошин ҳаштод ҳазор ҳеҷ гап не, аммо ман ин кадр пул надоштам. Синдҳи Сетҳ кайҳо боз аз пасам шилқин мегашт. Ана барои ҳамин ман ӯро аҳмақ кардам.

— Ба хотири мошин? Чӣ, аз ин пеш мошин надоштӣ магар?

— Доштам, ду мошин доштам, аммо дилам хост навашро харам. Медонӣ-чӣ, онро дида ҳама аз ҳасад торс мекафанд. Худаш ҳам олиҷаноб! Хокистарранги нукратоб!

Лочӣ хеле вакт сокит монд. Андешамандона сар хам карда алаф мекand.

Ӯ хоҳарон дошт. Онҳо қурбони расму таомули кӯҳна, кашшоқию нодорӣ ва гуруснагиву ваҳшоният шуданд. Лочӣ дуздии онҳоро, фиребгарии онҳоро мефаҳмид, вале ҳеҷ аклаш намегирифт, ки ба хотири мошини нав ва бар замми ин ду мошин дошта, чӣ хел метавон фиребгарӣ кард. Лочӣ сар боло кард ва ба Дилоро нигарист. Чӣ духтари дилкашу ҷозибанокест! Ҳеҷ як мошин наметавонад аз ӯ зебо бошад. Барои чӣ одамизод ҳусну ҷамоли хешро фурӯхта, дар ивазаш ҳусну ҷамоли бебақоро мехарад? Ин чӣ муомалаест?!

Ӯ қомат рост кард ва борони сарзанишу накуҳишро бар сари Дилоро фурӯ рехт.

— Ту шарм надоштӣ, ки ба хотири мошин фиребгарӣ кунӣ?

Дилоро оромона ба мусоҳибаш нигарист, лабонаш андаке ба табассум майл карданд. Аммо дар чашмони Лочӣ ифодаи қаҳру ғазаби ҳақиқиро хонда, хиҷолат кашид, рӯй ҷониби дигар гардонд ва гуфт:

— Вақте ки ман ҳафтсола будам, падару модарам маро ба ҳаштод рупия фурӯхтанд. Ту ба ин бовар мекунӣ?

— Чаро бовар накунам? Ин дар зиндагонии мо ҳодисаест муқаррарӣ. Қиссаи ман ҳам айнан ҳамин хел аст.

— Дар бадали даҳ сол маро қамаш даҳ бор фурӯхтанд. Ҳар сол падари ман нав мешуд, ҳар сол ман ба дасти дигаре меафтодам. Нархам сол аз сол меафзуд. Охир ман хеле зебоям, ҳамин тавр не?

— Ваҳ, ту ниҳоят забоӣ, таппа-тайёр лӯхтак!

— Вақте ки хурдсол будам, хочаҳоям худро падари ман метарошиданд. Вақте ки ба балоғат расидам, худи онҳо ба ман шавҳар шуданд. Вақте ки ба кори кино даромадам, дигар на падар доштам, на модар ва на шавҳар — ҳамаи онҳо миёнарав шуданд. Магар ин фиреб нест? Ман намедонам, ки ахлоқ, одоб чист?

— Ман медонам! — бо қатъият гуфт Лочӣ.

Муддате чанд ҳар ду андармони каландзанӣ шуда, хомуш монданд. Саранҷом Лочӣ хомуширо вайрон кард:

— Ба фикри ту аз ман ҳунарпешаи синамо мебарояд?

— Қу, як қомататро рост кун!

Лочӣ каландро як сӯ ҳаво дода, қоматашро рост кард. Дилоро ба сар то пои ӯ нигоҳи озмоишкорона афканд.

— Ваҳ, чӣ ҳунарпешаи олиҷанобе мешавӣ!

Лочӣ ханда кард.

— Ҳамид ҳам ҳамин хел мегуфт.

— Кадом Ҳамид?

— Ронандаи таксӣ.

— Э, монӣ-чӣ, магар аз дасти ронанда ҳам ин кор меояд? Ман метавонам туро ҳунарпешаи машҳур, ситораи синамо кунам.

— Рост? Барои ин чӣ лозим аст? — беқаророна пурсид Лочӣ.

— Пеш аз ҳама бояд маъшуқаи таҳиягар шуд!

Қиёфаи Лочӣ маҳзун гашт ва ӯ зери дарахт нишаст.

— Дилоро! Ту ҳам ҳаминро мегӯӣ? Не, беҳтараш зиндон, — бо қатъият гуфт Лочӣ ва дубора каланд ба даст бигрифт.

Дар ҳамин аспо барои бурдани Дилоро тозон Чинон Бой омад.

— Зуд бош, туро Қолӣ Чаран чег дорад.

— Чи гап?

— Кадом як продюсер мехоҳад туро бубинад.

Дилоро каландро партофт, аз милаи об дастонашро шуст ва дар мушоияти Ҷинон Бой ба сӯи идора раҳсипар гашт.

* * *

Дар дафтари кори Колӣ Чаран Ҳоҷӣ Абдуссалом ва Мир Чандонӣ менишастанд. Дилоро вориди дафтар гашт ва дарҳол ба сари зонуи Мир Чандонӣ биншаст ва аз сигаретдони вай сигареттае бароварда, хост даргиронад. Ҳар ду мард баробар фандакҳояшонро чиркқосзанон гиронда, ба сӯи духтар дароз шуданд. Дар назди Дилоро ду фандак буд. Вай ба ҳардуи онҳо нигарист ва сипас ба болои фандаки Мир Чандонӣ хам шуд. Духтар аз даҳони зебо ва нозукаш кубба занонда-кубба занонда дуд мебаровард.

Ҳоҷӣ Абдуссалом бо хотири ранҷида фандакашро хомуш кард. Ӯ ошиқи шайдои Дилоро буд, шабу рӯз ҳушу хаёлаш ба вай банд ва омода буд, ки барояш ҳатто бист ҳазор рупия сарф кунад. Вале духтар аз сад ҳазор кам намехост. Охир ин муҳаббат аст, на тиҷорате, ки одам сад ҳазор харҷ карда, милён даромад кунад... Агар кас бо тиҷорат сари кор дошта бошад, он гоҳ лозим меёяд, ки пулро дареғ надорад, вале ба хотири муҳаббат чунин маблағи калонро харҷ кардан дар ягон қолаб намегунҷад. Агар понздаҳ-бист ҳазор мебуд, бало ба пасаш. Барои Дилоро ӯ ин миқдор пулро як зарра дудила нашуда харҷ мекард. Вале ин нобакор мехоҳад, муҳаббатро ба тиҷорат табдил бидиҳад. Ба ӯ чӣ хел бояд фаҳмонд, ки муҳаббат муҳаббат асту тиҷорат тиҷорат. Ба тиҷорат муносабати ҷиддӣ лозим аст, аммо муҳаббат воситаи дилхушиесту бас. Хайр, бало ба пасаш. Нахоҳад, лозим нест — сари савдои ту набошад, сари савдои дигаре». Тухми зан аз Бағдод омадааст магар?

Аммо Мир Чандонӣ баръакси Ҳоҷӣ ниҳоят эҳтиёткор буд ва дар дилаш нисбат ба Дилоро ҳеҷ ҳиссиёт надошт. Ӯ духтарро ҳамчун воситаи дилхушӣ, ҳамчун рафиқаи чандлаҳзаина мепиндошт. Ҳарду бриҷбозӣ*, сигаретҳои олиҷаноб, сарӯлибоси бокарру фар ва мошинҳоро дӯст медоштанд, чӣ будани нӯшокиро медонистанд. Мир Чандонӣ алоқаи миёни марду занро як чизи дуюмдараҷа ва иловагӣ мешумурд. Занҳо ба вай барои он мавриди писандаш қарор доштанд, ки сарчашмаи айшу ишрат ва кайфу лаззат буданд. Чеҳраҳои содалавҳонаи онҳо, пайкарҳои бо сариҳои** дурахшон печонидашудаашон, сафсатаҳои бемазаашон чӣ сон дилкашанд. Вақте ки кас ба меҳмонхонаи онҳо медароянд, фавран аз муҳити бозори сиёҳу ҳангомӣ, аз олами мунофиқиву каллобӣ ба дунёи осоишта, назокат ва

---

* Бриҷ — як намуди картабозӣ.
** Сарӣ — як навъ либоси занонаест иборат аз порчаи матоъ ва ҳиндузанон худро ба он мепечонанд.

зебой меафтад. Пас аз кори серҷанҷол зан барои савдогар ҳамчун дорун дарди сари ба коғази нафису зебо печонидашуда лозим аст. Миёни зан ва доруи дарди сар фарқ чандон калон нест. Дар ҳар хол Мир Чандонӣ ҳамин тавр ақида дошт. Аҷобати кор дар он буд, ки Дилоро бо ин ақидаи ӯ сад дар сад розӣ буд. Духтари бечора чӣ хел фурӯхтаву харида шудан, чӣ хел дар бозори сиёҳ савдо шудани худро ба хотир оварда, ҳақ будани Мир Чандониро ночор эътироф мекард. Вай дуди сигаретро ба дарун фурӯ бурда, дасти нозукашро болои китфи Чандонӣ ниҳода, маъсумона табассум кард.

— Ҳоҷӣ-амак! Канӣ, гап занед, мо чӣ кор мекунем? Сиёҳчеҳра!* Ту моро барои чӣ ҷеғ задӣ? — Ва тири нигоҳашро ба Колӣ Чаран паронд. Дар маҳфили мардон занон ҳамеша бо камону ҳаданг мусаллаҳанд. Охир дигар чӣ кор ҳам кунанд? Агар ба дили мард тири нигоҳи зан нахалад, вай магар ба зан эътиборе медиҳад?

Дили Колӣ Чаран баробари дидани Дилоро ҳамеша сахт ба тапиш медаромад. Духтар нағз медонист, ки дили ӯ барои чӣ метападу чӣ мехоҳад. Ҳамин ки вай хоҳиши сиёҳчеҳраро қонеъ гардонд, дилаш муътадил кор мекунад ва аз он пас фукаш ба осмон хоҳад шуд, ба олам бо кибру ғурур ва ба Дилоро бо танаффур нигоҳ хоҳад кард. Аз ҳамин сабаб ин нобакорро сиёҳчеҳра ном бурдан беҳтар аст ва агар ранҷад, панҷоҳ — сад рупия ришва додан басанда аст — охир ӯ беандоза чашмгуруснa аст. Модомки ҳирси шаҳвонияшро қонеъ намегардонӣ, пас ақаллан ҳирси чашмгуруснагияшро қонеъ кард. Эҳсосоти Колӣ Чаран бас ноустувор буд. Вале саранҷом ҳамааш — ҳам муҳаббати зан, модар, ҳам бемории падар ва ҳам мураххасии зиндониён ба пул мерасонд. Вай ба ҳама чиз як хел муносибат мекард, гӯё ба даст гирифта, андоза карда, арзиши эҳсосоташро муайян сохта ва танҳо пасон саранҷом ба он нархнома меҷаспонд. Ана барои ин ҳиссиёт ва фалон пуштибонияш фалон миқдор пул диҳед, вассалом, — Колӣ Чаран ба нақоран шумо бозӣ мекунад!

— Хостем як ба Даддор Роуд биравем — ба назди раққосаҳо. Ман кайҳо боз дар он ҷо набудам. Мусиқӣ гӯш мекунем. Меравем? — ба оҳанги пешниҳод гуфт Ҳоҷӣ.

Дилоро ба ин гуна сайругаштҳо устухон надошт.

— Ваҳ! Чӣ пешниҳоди олиҷаноб! Ман ҳам дар вақташ дар Лакҳнав ба ин касб машғул будам. Оҳ! Чӣ рӯзҳое буданд! Ман ҳам суруд хоҳам хонд.

---

* Колӣ — дар забони урду маънои сиёҳчеҳраро дорад.

— Хӯш, ту ҳамроҳи мо меравӣ? — ба дӯсташ суол дод Ҳоҷӣ.

— Чӣ, магар ту намеравӣ? — ба Мир Чандонӣ рӯй овард Дилоро.

— Ман бегоҳ мехоҳам холаи зани бародарамро хабар бигирам.

— Ҳамон нимиигпису нимҳиндузани* бадбахти Дарлинг Роудиро? Не, ту ба он ҷо намеравӣ. Агар ту ин корро кунӣ, гузориш менависам. Ман як ҳафтаи тамом аст, ки аз зиндон набаромадаам. Ту чӣ, мехоҳӣ, ки ман дар ин ҷо пажмурда шавам?!

— Хеле хуб, бону! Имрӯз мусиқӣ шунидан меравем! Ба ҳамон ҷое меравем, ки дили шумо мехоҳад, — гуфт Мир Чандонӣ сарашро ба пеши Дилоро хам карда.

Кайфи Ҳоҷӣ парид. Вай бо Мир Чандонӣ паймон баста буд, ки Чандонӣ ба Дарлинг Роуд мераваду ӯ ҳамроҳи Дилоро мусиқӣ шунидан. Вале ин духтари нобакор ҳамаи нақшаҳои вайро барбод дод. Акнун ҳар ҷо, ки раванд, Дилоро дар сари зонуи Мир Чандонӣ. Ҳоҷӣ аз ин чӣ лаззат мебарад? Ҳеҷ! Вай бо чӣ машаққате Қолӣ Чаранро ба гап даровард, ки имрӯз ба ҳар дуи онҳо рухсат диҳад. Дар ивази танҳо ҳамин як иҷозат вай панҷсад рупия дод.

— Ман чӣ кор мекунам? — пурсид бечора Ҳоҷӣ.

— Хотирҷамъ бошед, амак! Мо барои шумо ҳам яктоашро ҳамроҳ мегирем!

— Киро?

— Лоҷиро!

— Лоҷӣ! Кист вай? Зан аст?

— Зан не, оташ! — посух кард Мир Чандонӣ.

— Ман гумон карда будам, ки шумо се нафар меравед, — гулӯ афшонд Қолӣ Чаран. — Акнун, ки як нафари дигар изофа шуд, ман бояд ба шумо боз як нозири дигар ҳамроҳ кунам. Барои ин боз дусад рупияи дигар лозим аст.

— Дӯстам, ту ҳамон қадр пул талаб мекунӣ, ки фоҳиша онро дар як шаб намегирад, — бо ин суханон Мир Чандонӣ ба ӯ дусад рупияи дигар дароз кард.

Қолӣ Чаран пулро ба ҷалб андохт ва ба воситаи телефон ба қосид фармуд, ки Ҷинои Бойро ҷеғ занад.

Қарор карда шуд, ки аз зиндон рафтани Дилоро гӯё бо хоҳиши продюсери номаълум барои ба наворгирии санҷишӣ расмӣ гардонда мешавад. Вай аз зиндон дар соати нӯҳ меравад.

---

* Нимиигпису нимҳиндувон — дунажодагон аз никоҳи омехтаи инглисҳову ҳиндуҳо.

Дар соати даҳи шаб, пас аз ивазшавии посбонҳо дар паси дарвоза Мир Чандонӣ, Ҳочӣ ва Лочиро мошин мунтазир мешавад. Онҳоро се нозир ва Дилороро ду нозир мушойяат мекунанд. Ҳама бояд то соати панҷи бомдод — то навбати дигари ивазшавии посбонҳо ба зиндон баргарданд, то ки касе чизе пай набарад.

Дилоро Лочиро ба гап даровард. Азбаски Лочӣ дар умраш ягон бор ба хонаи раққосаҳо нарафта буд, ба ин таклиф розӣ шуд.

Дилоро ба Лочӣ ҳазор маслаҳат ва панду андарз дода, пасон худ дар соати нуҳ аз зиндон рафт. Дар паси дарвоза ӯро мошини сабз нигарон буд. Вай фармуд, ки мошинро аз дарвоза дуртар баранд ва худ интизори дигарон шуд.

Соати даҳ «кадиллак»-и сиёҳранги Ҳочӣ омад, ки дар он худи Ҳочӣ, Мир Чандонӣ, Лочӣ ва се нозир нишаста буданд. Дилоро ҷаҳида аз мошини худ баромад. Дар «кадиллак» шаш нафар нишаста буданд, ҷои холӣ набуд ва аз ҳамин сабаб бепарвоёна ба сари зонуи Чандонӣ нишаст. Ҳамроҳи вай ду нозир буд. Якеро ба нишемангоҳи пеш нишонданд ва барои он ки барои дигаре низ ҷой шавад, Дилоро ба Лочӣ таклиф кард, ки ба сари зонуи Ҳочӣ биншинад.

— Ман ба сари зонуи ҳеҷ кас намешинам! — бо итоб нидо кард Лочӣ.

— Оҳ, худоё! Охир ҳамагӣ ба якчанд дақиқа! — хост ӯро розӣ кунад Дилоро. — Худат мебинӣ, ки ҷой нест.

— Бигзор ба сари зонуи Ҳочии ришу фашдор нозиратон биншинад, — бо қатъият посух кард Лочӣ.

Алғараз, натавонистанд вайро ба гап дароранд. Бечора нозир бо чӣ азоб худро ба мошин андохт ва ҳама ба сӯи Даллор Роуд раҳсипар гаштанд.

## Боби XIII

Даллор Роуд ҷоест, ки бозори ба худ хосеро мемонад. Дар як тарафи он хонаҳои фоҳишаҳо тул кашида, дар тарафи дигараш ғарамҳои ҳезум ва дуконҷаҳои аз оҳанпора сохташуда ҷой гирифтаанд. Дар ин ҷо метавон занҳои гуногун ва дарахтҳои нестандарҷаҳонро пайдо кард. Ғарам-ғарам чӯбҳои бамбуку ақақ, тику шишим*, ки мағз андар мағзашонро мӯрчаҳои сафед хӯрда буданд, мехобиданд.

* Шишим — дарахтест мағзи чӯбаш сахт, дар киштисозӣ ва мебел корбаст мешавад.

Дар дами дари худ занone, ки аз таъсири беморихои таносулӣ бадафт шудаанд, дар интизори мизоҷҳо нишастаанд. Аз ҷӯй бӯи бавлу қай меёяд, дар рӯи оби он ёсуманҳои пажмурдашуда шино доранд. Садои нақораву ғижжак, най ва сурудҳои фаҷ аз кинофилмҳо ба гӯш мерасанд. Бар болои ин ҳама зулмоте шабеҳ ба зулмоти қаъри ҷаҳаннам чодар густурдааст. Кистанд ин занҳо? Одамизоданд ё ҳезумпора? Даллоҳо-чӣ? Одамизоданд ё оҳанпора? Чӣ садо медиҳад? Таронаҳои олами зинда ва ё доду фарёди ҷаҳаннаму аҷал? Ин бозори олами зиндагон аст ва ё издиҳоми арвоҳи роҳгумзадагон?! Кас агар тасодуфан ба ин ҷо ояд, дақиқае фаромуш мекунад, ки ин худи ҳамон оламест, ки дар он кӯдакони маъсум синаи модар мемаканд, оламест, ки дар он занони покдомани дар фарқи сарашон хати сурх* бо як лаби сарӣ рӯяшонро руст карда ва шармгинона сар ҳам карда ба назди шавҳарҳои хастаашон хӯрок мегузоранд.

* * *

Банохост ба назари Лочӣ чунин намуд, ки дар ҳар хона дигарон не, маҳз ӯ суруд мехонад, маҳз ӯ арғушт меравад ва маҳз ӯ савдо мекунад. Вай хашмгинона туф кард:

— Маро бозгашт баред!

— Шаб акнун сар шудааст, азизам! — дасти ӯро ба дасти худ гирифта, гуфт Ҳоҷӣ. Вай аллакай чор қадаҳ виски нӯшида, ширакайф шуда буд.

Лочӣ хост дасташро бираҳонад, вале Ҳоҷӣ бо тамоми қувва ӯро кашида, назди худ нишонд.

— Ма, нӯш!

Лочӣ қадаҳро гирифт ва нӯшокиро ба сару рӯи вай пошид:

— Хукбача! Нобакор!

Мир Чандонӣ аз ин рафтори духтар дарғазаб шуда, ба рӯи ӯ торсакие зад. Хуни Лочӣ ба ҷӯш омад ва инони ихтиёрро аз даст дода, ба Мир Чандонӣ дарафтод, ӯро ба замин ғалтонд ва ҳангоме ки Ҳоҷӣ ба ёрии дӯсташ шитофт, вайро низ ба замин ғалтонда, овози нақораро тақлидкунон даранг-дурунг ба сари онҳо зада, бо овози баланд ба он чӯр мешуд:

— Ток дҳано, дҳан тҳайя! Ток дҳано дҳан, ток дҳано дҳан!!! Ток... Ток!!!

Мир Чандониву Ҳоҷӣ Абдуссалом доду фарёд бардоштанд. Шӯре бархост. Лочӣ, нозирон, мизоҷҳо, навозандагон, фурӯ-

---

* Мувофиқи расму ойини ҳиндувон занҳои шавҳардор фарқи сарашонро бо ранги сурх ранг мекунанд.

шандан равғани хушбӯй — хуллас, ҳама дод мегуфтанд, якдигарро мезаданд. Лочӣ чун модабабри дамон ба ҳамаи онҳо ҳуҷум мекард — якеро мезад, дигареро тела медод, сеюмиро мӯй меканд ва ба рӯяш ханҷол мезад ва дар айни вақт тамоми овозашро сар дода, фарёд мекашид ва ағрушт мерафт.

Дар ҳамин вақт полис омад. Дар як он хомӯшӣ ҳукмфармо гардид. Ҳама ба ҳабс гирифта шуданд. Нозирон мекӯшиданд, ки бо полисҳо гуфтугӯ кунанд, вале муроде ҳосил намешуд.

— Дар калонтарӣ (участка) гапзанон мекунем, — гуфт сержант.

Ҳамаро дар як ҳуҷраи тираю тор ҷой доданд. Яке аз нозирон рухсат гирифт, ки ба Қолӣ Чаран сим занад ва дере нагузашта номбурда нафаскашон, сару рӯяш аракшор бо дастони ларзон ба калонтарӣ ҳозир шуд. Агар полис ин корро хапхап накунад, он гоҳ ӯро аз кор меронанд ва эҳтимол, ҳатто ба ҳабс бигирандаш.

Муфаттиш ва ноиби сардори зиндон якка ба якка гуфтугӯ карданд. Ба Қолӣ Чаран рухсат доданд, ки бо Ҳоҷӣ ва Мир Чандонӣ мулоқот кунад. Аз ҷайби яке ба ҷайби дигаре ва аз он ба ҷайби савумӣ чизе интиқол ёфт. Ҳама кор тахт шуд. Мир Чандонӣ ва Ҳоҷӣ Абдуссалом парвое ҳам надоштанд: онҳо нағз медонистанд, ки дар дунё чизе тавонотар аз пул нест.

Ҳангоме ки гурӯҳи шабгардҳо ба зиндон баргашт, Қолӣ Чаран оҳи сабуке кашид. Охир қариб буд, ки вай аз кор маҳрум шавад!

## Боби XIV

Агар Қолӣ Чаран ихтиёр медошт, ба дасту пои Лочӣ занлона мезад, зеро ин ҳама ҷанҷолу хархаша маҳз дар натиҷаи якравии вай сар зада буд. Худо ногуфта агар муфаттиши полис ӯро дастгирӣ намекард, рӯзномаҳо ва рӯзномангорони хариси ҳар гуна ҳангомаҳо аз ин шӯру ғавғо ва ҳаёҳуй ҳақ доштанд суоли зайлро бидиҳанд: «Ба чӣ роҳе зиндониён ба калонтарӣ афтодаанд?» Дар дили ноиби сардор нисбат ба Лочӣ хашму ғазаб тавлид ёфта буд. Лӯлидухтари нобакор! Як пули сиёҳ арзиш надораду карру фаррашро намегӯй! Ноиб мехост дасту пойҳои ӯро бубандад ва лату кӯб бикунад. Вай хаёлан ин корро мекард ва лаззат ҳам мегирифт. Аммо дар асл... Хуб Чанд тасвири Лочиро мекашид ва духтар ҳама рӯз дар назди вай буд. Задан он тараф истад, агар ҳатто Қолӣ Чаран ба духтар муомалаи бад мекард, вай ҳамаи гапро

начакондаю нарезонда ба сардор мерасонд ва он гох вой бар холи Колӣ Чаран! Аз хамин сабаб ноиб ба Лочӣ кордор на мешуд. Ҷинон Бой Лочиро ба гап даровард, ки аз хусуси он воқеа ба касе даҳон накушояд, зеро дар акси ҳол ба сари вай — Ҷинон метавонад нохушиҳо ояд. Лочӣ ҳам намехост ба ӯ бадӣ кунад ва аз хамин сабаб ба касе чизе нагуфт. Пас аз ин ходиса Лочиву Дилоро бо ҳам ноган шуданд. Онҳо миёни худ ҷанҷол накарда буданд ва ҳатто наметавон гуфт, ки нисбат ба якдигар нафрат доштанд. Ин муборазаи ақида ва нуқтаи назари онҳо буду бас. Ба пиндори Дилоро Лочӣ ба номуси худ, ки ба ақидаи худи вай, яъне Лочӣ, он бо дилу ҷон ва ҳастии зан сахт марбут аст, беандоза эътибор медиҳад.

Ба ақидаи Дилоро номус — хосса силоҳест дар дасти зан. Вай бояд аз он моҳирона истифода барад. Онро бо кадом як эҳсосот хамбаста донистан нашояд.

Кӣ медонад, ки дар дили Лочӣ чӣ гапҳо ниҳон буд. Вай охир духтаре буд нохонда, бесавод ва он чиро, ки дар ниҳодаш рӯй медод, наметавонист чун Дилоро баён бикунад.

Вай танҳо як чизро гаштаву баргашта мегуфт:

— Ман фурӯхта намешавам! Ба ҳеҷ ваҷҳ ва ба ҳеҷ чиз фурӯхта намешавам! Дилоро зани зебост, вале фосиқу расвошуда. Ман ҳаргиз бо ӯ дӯстӣ намекунам!

Агар Лочиро соҳиби ақида гуфтан мумкин бошад, пас ҳамин ақидаи ӯ буд. Аммо дунёе, ки мо дар он зиндагӣ ба сар мебарем, дӯст надорад, ки нафаре аз роҳ барояд. Агар банохост мисли Лочӣ гумроҳшудае пайдо шавад, ҳама бо як мақсад амал мекунанд, — бо мақсаде, ки гумроҳро ба роҳи ба пиндори худашон рост ҳидоят кунанд. Ва ин кор, маҳз ба хотири ҳамон шахс карда мешавад. Вагарна зане, ки чунин ақидаҳои бемаънӣ ва аҳмақона дорад, дар ин дунё наметавонад як рӯз ҳам зиндагӣ бикунад.

Ана аз ҳамин сабаб Ҷинон Бой ва занҳои дигар хостанд ақидаи Лочиро тағйир бидиҳанд. Тарбия якуним-ду сол тул кашид. Ҳоҷӣ ва Мир Чандонӣ дар ин кор аз ваҷҳи пул ёрӣ мерасонданд. Пас аз он шаби бимноку пурталотум онон қасд карда буданд, ки бо зӯрӣ сари Лочиро хам кунанд, ӯро бадном созанд. Ин ду бонкдор маҳз барои ҳамин мақсад панҷоҳ ҳазор рупия ҷудо карда буданд. Онҳое, ки барои Дилоро понздаҳ-бист ҳазор сарф карданро камоли беақлӣ мешумурданд, акнун омода буданд, ки панҷоҳ ҳазор рупия қурбон бикунанд. Ҳатто қаҳру ғазаби ишон дар намуди пул ифода мегашт. Агар ин тоифа динпараст мешуд, барои бунёди масҷиду ибодатгоҳ ҳазор андар ҳазор рупия қурбон мекард. Агар хост аз касе интиқом бигирад, барои забун сохтани рақиби худ ҳеҷ маб-

лағро дареғ намедорад. Ва агар гирифтори ишқ шуд, аз сари маъшуқаи худ тилло мерезад. Магар як одами бечора бо онҳо метавонад баробар шавад? Чунин духтаре бечораву беёвар чун Лочӣ метавонад аз тилло рӯй гардонад? Онҳо нақша кашида, ба иҷрои он сар карданд. Вале ҳама саъю кӯшиши онҳо баробар буд бо об дар ҳован кӯфтан.

Лочӣ чун пештара истодагарӣ мекард:

— Ман фурӯхта намешавам! Бехтараш мемирам, вале фурӯхта намешавам!

— Панҷоҳ ҳазор —, ин пули каму ғам не. Аҳмакӣ накун. Розӣ шав. Ту солҳои сол худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин мекунӣ, — розӣ карданӣ мешуд Ҷинон.

— Гулро фиреб диҳам?

— Хе, вай ҳеҷ чизро пай намебарад!

— Чӣ, ба фикри ту фиреб танҳо ҳамон вақт фиреб аст, ки онро пай мебаранд. Охир худи ман медонам. Ман ҳаргиз касеро фиреб надодаам.

— Чӣ хел фиреб? Ҳамаи ин муваққатӣ, дар зиндон. Аз зиндон ки баромадӣ, метавонӣ ба ин пул зиндагии нав сар кунӣ.

— Ба Гул чӣ мегӯям?

— Хоҳӣ мегӯӣ, ки бахтат омад карду ба бахтозмоӣ бурдай, хоҳӣ, ҳақиқатро мегӯӣ. Оҳ, ин қадр пулро дида чашмакони ошиқат аз косахонааш мебароянд ва аз бевафоии ту огоҳ шуда, ҳатто ба дил намегирад.

— Не, вай ин хел одам не!

— Биё гарав мебандем!

— Не, ман намехоҳам гарав бубандам! На барои он ки ба Гул бовар надорам. Ман ба Гул бовар дорам ва ҳамеша бовар мекунам. Гули ман... Чаро ман ба хотири кадом як гарави бемаъниӣ ба чунин як кори ифлос сар фарорам?!

— Хайр, ин чӣ бадӣ дорад? Худи ту соҳиби пайкари худ ҳастӣ. Он аз они туст, на каси дигар. Муҳаббат, садоқат — суханони зебоянду бас. Медонӣ, ки дар зиндагӣ чӣ ҳодисаҳое метавонад рӯй диҳад: даҳ бор дӯст медорӣ, бист бор дилхунук мешавӣ ва баъд боз ишқ мебозӣ. Медонӣ вақте ки ман ҷавон будам, чанд бор ошиқ шудаам. Яке ба дил мезанад, аз баҳраш мебароиву ба дигараш дил мебандӣ.

— Худоё худовандо! — бо хашму ғазаб нидо кард Лочӣ. — Ин ишқу муҳаббат не, широб аст! Хоҳӣ — мекушоиву ташнагиатро мешиканӣ, хоҳӣ — бозгашт руст мекунӣ.

Ҷинон Бой лаб аз сухан баст, вале баъдтар ба сари ин мавзӯъ бо ҳар баҳона бармегашт. Лочӣ дар ҷавоб ҳамеша ҳамон як фикри худро такрор мекард ва ин якравӣ набуд. Вай ҷуз

ин ҷавобе дигар ҳам наметавонист бидиҳад. Гоҳо ӯ хомӯширо афзал медонист ва дар чунин лаҳзаҳо ба назар мерасид, ки вай розӣ аст, вале дақиқае пас хунаш аз ғояти ҳаяҷон, қаҳру ғазаб ва оташинӣ ба ҷӯш меёмад ва по бар замин зада, тамоми овозашро сар медод:

— Не, не! Ягон кас ба ман даст расонаду бинад, ман гулӯяшро бо дандонҳоям медаронам!

Ҷон гап не, ки Лочӣ гулӯи касеро наметавонист бидаронад. Ҷинон Бой нағз медонист, ки гардани вайро бо корд хоридан басанда аст ва дар як он аз ғурураш ному нишон намемонад. Вале — чӣ чора! — касе наметавонист ба ин кор ҷуръат бикунад — ҳама аз Хуб Чанд метарсиданд. То даме ки ӯ сардори зиндон аст, касе ҳад надорад, ки гурбаи Лочиро пишт гӯяд.

* * *

Лочӣ дар зиндон аз бисёр чизҳои аҷоибу ғароиб огаҳӣ меёфт. Боре вай бо Ганга Бой ном духтари соҳибҷамоле ҳамсӯҳбат шуд. Ганга Бойро дар даҳҳо дуздӣ айбдор карда, ба зиндон андохта буданд.

— Ту мурғдуздӣ мекардӣ?

Ганга Бой дар ҷавоб қоҳ-қоҳзанон хандид. Акси садои хандаи ба ҷирингоси зангӯлачаҳои симин монанди вай дар ҷойҳои дур паҳн шуд. Ганга Бой хуб хандид ва пасон гуфт:

— Не, ман сарулибос медуздидам.

— Чӣ хел?

— Мо се нафар якҷоя кор мекардем: ман ва ду нафар мард. Онҳо нимишабиҳо оҳиста шишаи ҷаъбаоинаро мебуриданд ва ман ба даруни фурӯшгоҳ медаромадам ва сарулибоси монекенҳоро бадар мекардам. Дигар чизҳоеро, ки барои зебу зинати ҷаъбаоина гузошта мешаванд, низ мегирифтам. Мардон маро дар поён нигарон мешуданд.

— Агар полис меёмад, чӣ кор мекардӣ?

— Онҳо ба ҳар сӯ мегурехтанд ва ман дар ҷаъбаоина ҳамчун монекен рост меистодам. Полис низ маро лӯхтаки пластмассӣ пиндошта, аз наздам мегузашт.

Акнун хандидан навбати Лочӣ буд. Ин найранг бас писандаш уфтод.

— Олиҷаноб! Чӣ найранги хубе ихтироъ кардаед!

— Дуруст, аммо полис ба ҳар ҳол моро дастгир кард.

— Пас аз озод шудан чӣ кор мекунӣ?

— Ҳамон кори пештараамро давом медиҳам!

— Пас фоидаи ҷазо чист?

— Ҷазо — як навъ мӯҳлатест барои содир кардани ҷино-

яти нав, — андешамандона посух кард Ганга, — Илоҷи дигаре нест!

— Ту шавҳар дорӣ?

— Метавон гуфт, ки он ду ҳамкорам шавҳарони мананд.

— Ҳар ду? — шигифт монд Лоҷӣ.

— Бале, ҳар ду, — посух кард Ганга. Дар овозаш оҳанги ғамгинӣ эҳсос мешуд. Чеҳрааш андешаманд, ҳатто маҳзун буд. Аммо дақиқае пас ӯ дубора хушҳол гашт.

— Онҳо аз ман ҷонашонро ҳам дареғ намедоранд.

Лоҷӣ то ин дам аз дил мегузаронд, ки пас аз озод шудан балки ба ин кор шуғл мепардозад. Вай сахт мехост найранги Гангаро такрор кунад, зеро ҳар кори таваккалро дӯст медошт. Лекин қиссаи душавҳарӣ ба вай мутлақо писанд наафтод. Ӯ омода аст, ки баробари онҳо худро ба хатар андозад, кор кунад, вале барои чӣ вай бояд ҳама чизро медодааст? Охир ин бадахлокӣ аст, на иттифоки баробарҳуқуқ.

Қавшалия ҳам ба Лоҷӣ духтари ғалатӣ намуд. Ӯ чанд ном дошт: Иқболбону, Мари Десуза, Сурҷат Кор ва боз худо медонад чӣ номҳои дигар. Ӯ духтаре буд ҳозиразамон, соҳибмаълумот, ғайр аз забонҳои инглисиву фаронсавӣ кам-кам забонҳои урду, ҳинду, панҷобӣ, маратҳӣ, банғолӣ, томилӣ ва малаялиро медонист. То зиндон шуданаш бо фиреби ҷавонону духтарон машғул буд. — «Ман бо вазирон ва амалдорони олимансаб алоқа дорам» — мегуфт ва онҳоро мефирефт ва бо ҷормағзи пуч домани ишонро пур карда, пул меситонд. Пул меситонд ва ғайб мезад. Бо ин роҳ садҳо одамро фиреб дода, даҳҳо ҳазор рупияро соҳиб шудааст.

— Қавшалия, ту духтари маълумотнокӣ! Ту метавонистӣ бо меҳнати ҳалол моҳе дусад-сесад рупия кор кунӣ, — гуфт ба ӯ Лоҷӣ.

— Магар ин мерасид?

— Қамтар харҷ кардан лозим!

— Оҳо, ин мумкин нест!

— Барои чӣ?

— Ман айшу ишратро дӯст медорам.

— Яъне чӣ хел?

— Агар кас пироявони гиронбаҳо ва пули бисёр дошта бошӣ, дар он сурат ҳаёт пурмазмун мешавад.

— Пул! Пул! Пул!!! Наход бахтро дар ин дунё танҳо дар ивази пул ба даст овардан мумкин бошад?

— Хайр, лутфан бигӯй, ки зан бо кадом роҳ метавонад ба даст бахт биёварад? — хашмгинона пурсид Қавшалия. — Падару модарам ба пулаш чашми тамаъ дӯхта, маро ба пирамарде ба шавҳар доданд. Пас аз он ки вай вафот кард, зани

нахустинаш ва фарзандони ӯ маро аз хона ронданд. Маро падару модари худам фиреб доданд. Чӣ ҷон айб, ки ман бегонагонро фиреб медиҳам? Ман хеле мехостам, ки ба одаме ҷиддӣ, поквиҷдон шавҳар кунам, худро ба ӯ фурӯшам, зани ӯ шавам ва осуда зиндагӣ ба сар барам. Вале ягон одами дуруст намехоҳад маро ба занӣ бигирад.

— Ту ҷунон гап мезанӣ, ки гӯё шавҳар кардан ҳам савдо бошад?

— Зане, ки шавҳар мекунад, пайкари хешро мефурӯшад. Гӯй, ки иро дигар чӣ хел метавон номид?

— Пас ба ақидаи ту муҳаббат ҳам вуҷуд надорад?

— Эҳтимол, вуҷуд дошта бошад, — ба оҳанги дурушт посух кард Қавшалия, — вале он ба ман дучор наёмадааст.

— Ман ҳамин хел хулоса баровардам, ки ту духтари бад нестӣ ва ҳар як одами дуруст бо хушӣ туро ба занӣ мегирад, аммо лозим нест, ки ба ӯ гузаштаатро бигӯӣ, — андешамандона гуфт Лочӣ.

— Аз одаме, ки ман ба ӯ шавҳар мекунам, чӣ хел метавонам сир пинҳон дорам? Не, ба вай бояд ҳамаашро гуфт. Ҳар дафъае, ки ман аз зиндон мебароям, ба худ тасмим мегирам, ки бо меҳнати ҳалол машғул мешавам, ба одами муътабаре, некукоре шавҳар мекунам. Ин хел одам ёфт мешавад, вале чун аз гузаштаам огоҳ мегардад, аз ман рӯй мегардонад.

— Ту киро одами некукор мешуморӣ?

— Заб саволҳое медиҳӣ! Ҳамонеро, ки моҳе аз ҳазор рупия кам кор накунад.

— Оҳо, ҳоло ҳамту гӯй! — беихтиёр бонг зад Лочӣ.

— Дар ин сурат дарвоқеъ ба ту касе наметавонад ёрӣ бидиҳад.

Қавшалия дар айни замон Иқбол-бонуву Сурҷат Кор, гӯё ин дунё барояш дупула арзиш надошта бошад, мӯйҳои кӯтоҳ буридаашро ҷунбонда-ҷунбонда, мардонро ҳақорати обдоре кард ва ба сӯи ҳуҷраи худ равон шуд.

Лочиро тамоми рӯз фикре ором намегузошт. Вақте ки ӯ дар назди Ҳуб Чанд менишаст, чеҳрааш мисли ҳарвақта кушодаву хандон набуд. Ҳуб Чанд саргарми кори худ буд.

— Супритан! — баногоҳ рӯй овард ба ӯ Лочӣ.

— Чӣ мегӯӣ, Лочӣ?

— Агар пул бахту иқбол меёварда бошад, як рупияаш ҳам, ҳазор рупияаш ҳам баробар аст?

— Бале!

Лочӣ лаҳзае хомӯш монд ва пасон дубора ба гап даромад.

— Супритан!

— Хӯш?

— Шумо одами накукоред?
— Ту чиро дар назар дорӣ?
— Моҳонаи шумо чӣ қадр аст?
— Шашсад рупия.
— Шашсад? Пас шумо одами некукор набудаед!

Мӯқалам дар дасти Ҳуб Чанд бехаракат монд. Вай чашм ба сӯи Лочӣ дӯхт ва гуфт:

— Барои чӣ? Магар ман туро ягон вақт ранчондам?

— Не, вале Қавшалия мегӯяд, ки ҳамон одам некукор аст, ки аз хазор рупия кам моҳона нагирад.

Ҳуб Чанд қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Бале, бидуни шакку шубҳа! Ҳама хамин тавр гумон доранд ва аз ҳамин сабаб дар зиндагии мо фиребу найранг бас бисёр аст.

Лочӣ ин дафъа дуру дароз ғарқи хаёл нишаст.

— Супритан!

— Хӯш, Лочӣ?

— Одаме, ки ҳазор рупия моҳона дорад, магар фиреб намедиҳад?

— Фиреб медиҳад, хатман фиреб медиҳад, ҳатто аз дигарон бештар фиребгар аст.

— Лутфан бигӯед, ки накукорӣ чист?

— Ин суолат ниҳоят душвор аст, — гуфт сардор ба духтар наздик шуда ва аз чайбаш номае баровард. — Ҷавоби ин суолат ана дар ин нома аст...

— Ин аз Гул аст?

— Бале.

Духтар чаҳида аз болои суфача фуромад ва ба сӯи сардор шитофт. Аммо Ҳуб Чанд аз вай гурехт. Саранчом Лочӣ ба ӯ расид, номаро аз дасташ бигрифт ва онро боз кард ва дар дасташ бозӣ дошта, пасон ба Ҳуб Чанд дароз кард ва худ ба назди сепояи рассомӣ рафта, мӯқаламро ба даст бигрифт ва мисли рассомҳо ба андеша фурӯ рафт.

— Акнун хатро барои ман хонед, вагарна ман ҳамаи рангҳоро меравонам.

— Аз барои худо ин корро накун! Ман худи ҳозир мехонам!

Ҳуб Чанд ба лаби суфа нишаст ва ба хондан сар кард. Лочӣ тозон рафт ва назди пойҳои ӯ бинишаст ва манаҳашро ба даст такя дод.

— «Лочии аз чон азизам!»

Лочӣ кулоч кашид, то ки вайро занад.

— Девона! — дасти ӯро дошт сардор. — Инро ба ту на ман мегӯям, балки Гул ҳамин хел навиштааст...

— Хайр, майлаш. Ҳар чӣ бошад, ҳамонро хонед, аз худатон илова накунед, вагарна...

— «Ман ҳамеша туро фикр мекунам. Ту ҳамеша дар пеши манӣ. Дақиқаеро бе ёди Лочии азизам намегузаронам. Ман туро то дами марг, то нафаси вопасинам дӯст медорам».

Лочӣ бо чашмони пӯшида гӯш мекард. Ба назараш чунин намуд, ки ин на сухан, балки шаҳду шакарест, ки пайкараш-ро моломол мекунад. Ба назараш чунин намуд, ки ӯ пару боли нарму мулоим ва нозуку ҳарирӣ баровардааст ва дар баландиҳо парвоз дорад.

Гул... Гул... Гул... Гулаки ман!

## Боби XV

Моҳи дигар ҳангоме ки Гул барои хабаргирии Лочӣ омад, духтар ӯро аз дасташ бигрифт ва ба назди Ҳуб Чанд бурд ва ифтихормандона гуфт:

— Ин аст Гули ман!

Ҳуб Чанд сар то пои ҷавонро аз кафш то кулоҳи пешовариаш аз назар гузаронид. Гули хушқадду қомат, Гули зебо намунаи мардӣ ва зебоӣ буд. Ҳуб Чанд вайро бо худ муқоиса кард ва дар чеҳрааш табассуми оҷизонае падид омад.

— Гузар, биншин! — бо меҳрубонӣ гуфт ӯ ба Гул.

— Гул, ин кас супритани мананд... Хеле одами хубанд. Ана ҳамин кас ба мо рухсат доданд, ки дар ин ҷо вохурем, вагарна аз паси панҷара истода, мулоқот мекардем.

Гул бо чашмони саршор аз сипос ба Ҳуб Чанд нигарист, вале ҳарфе ба забон наёвард. Аз ғояти ҳаяҷон ҳатто намедонист, ки дастонашро куҷо кунад.

Ҳуб Чанд мӯқаламро ба оҳистагӣ ба об ғӯтонда, чашм ба замин дӯхта, аз хона баромад.

Лочӣ Гулро сахт ба оғӯш кашид, аз сараш кулоҳашро, ки аз болои он салла баста шуда буд, гирифта, бо кафҳояш рӯяшро молид ва пасон ба рӯи худ ҷафс карда, бо овози кандаканда гуфт:

— Гул! Барои чӣ моҳи гузашта наёмадӣ?

Гул хомӯш буд. Вай аз ғояти ҳаяҷон муштҳояшро гоҳ мефишурду гоҳ мекушуд. Лочӣ тапиши дили ӯро мешунид. Дасти Гул дар пайкари духтар мелағжид ва якбора ба сӯи худ кашида, сахт ба канор гирифт ва худи ҳамон лаҳза аз худ дур кард.

— Гул! Чӣ гап? — ба чашмони ӯ нигоҳ карда, пурсид Лочӣ. — Ягон воқиа рӯй дод? Бигӯ!

— Ба ман рад карданд. Хоҳиши маро қонеъ нагардониданд, — ба овози паст гуфт Гул.

— Кадом хоҳишатро?

— Дар хусуси ба фуқарони ҳинду қабул кардан.

Лочӣ оҳи сабуке кашид ва баланд хандид.

— Хайр, чӣ шудааст? Магар барои ҳамин кори беҳуда ланҷ бу лунчатро овезон мекунӣ? Мо, лӯлиёнро бин. Мо ягон хел фуқароию пуқарой надорем. Ҳар чо ки хоҳем, зиндагӣ мекунем.

— Шумо гапи дигар. Аммо ман ватанам. Кишвари ман Покистон аст.

— Кишвараш чист?

— Кишвар? — Гул хомуш шуд ва худ аз худ суол кард: «Дар воқиъ кишвар чӣ маънӣ дорад?» ...Ва ба суолаш ҷавоби мувофиқ наёфт. — Кишвар — кишвар аст. Масалан, дар рӯи замин Покистон, Ҳиндустон, Хитой, Жопун гуфтанӣ кишварҳо ҳастанд ва онҳо як ҳиссаи муайяни тамоми заминро ташкил мекунанд.

— Барои мо ҳама ҷои замин баробар аст.

— Вале барои дигарон не, — бо алам гуфт Гул. — Онҳое, ки худро фарҳангӣ, мутамаддин мешуморанд, заминро ба ҳиссаҳо тақсим кардаанд: ин аз они ман, он аз они ту ва они дигар аз они дигаре!

— Вале ту аз они манӣ! — гуфт Лочӣ ва Гулро ба оғӯш кашид. — Ту танҳо аз они манӣ! Ба кишварҳои гуногун кори ман чӣ?! Ман як духтари бечораям ва ба фаҳми ин хел масъалаҳо намеравам. Чӣ, агар хоҳишатро қонеъ нагардонда бошанд, осмон омада ба замин мечаспад магар? Охир ишқи мо, муҳаббати мо хости худованд аст!

— Ба ту чӣ хел фаҳмонам, Лочӣ, — бо ҳаяҷон сухани худро идома дод Гул. — Акнун дигар ба ман иҷозат намедиҳанд, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ кунам ва ман дигар наметавонам, ки туро ҳар моҳ хабар гирам ва наметавонам, ки туро вақти аз зиндон баромадан истиқбол кунам.

— Не, не! — фарёд кард Лочӣ. — Ту ин тавр нахоҳӣ кард! Онҳо ба ин ҳақ надоранд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки маро аз Гулам ҷудо кунад!

Вай Гулро боз ҳам сахттар оғӯш кард, ба ӯ ҷафстар шуд. Чашмонаш пур аз сиришк шуда буданд.

— Не, не! Ту дурӯғ мегӯӣ, шӯхӣ мекунӣ, мехоҳӣ маро битарсонӣ! Ҳамин тавр не, Гул? Ин шӯхӣ аст, а?

Гул сархам ва хомӯш буд ва ҳангоме ки саранҷом сар бардошт, Лочӣ чашмони вайро пур аз об бидид.

— Мо, патанхо, аз қадимулайём бо судхӯрӣ машғул будем. То ин вақт касе мамониате намерасонд. Табааии ҳиндуро қабул кардан на-ба хаёли ман омадааст ва на ба хаёли падарам. Ҳар як сол, ду сол пас мо ба ватанамон мерафтем ва муддате дар он ҷо зиндагӣ карда, бозгашт ба ин ҷо меёмадем. Дар ин ҷо мо судхӯрӣ мекардем, луқмаи нонамонро ёфта мехӯрдем, вале ватанамон он ҷо буд. Акнун ҳамааш дигар шуд. То ин вақт ин як давлат буд, акнун онро ба ду — Покистон ва Ҳиндустон ҷудо карданд. Қонунҳо ҳам тағйир ёфтанд. Судхӯрӣ манъ карда шудааст. Кори падарам таназзул кард. Вай ба Покистон меравад. Вай ҳам, ман ҳам ҳаргиз якумр дар ин ҷо мондани набудем. Вале пеш ман аз ҳастии ту бехабар будам ва акнун, ки барои ман ту вуҷуд дорӣ, доимо мехоҳам дар паҳлуи ту бошам, — ана аз ҳамин сабаб хостам фуқарони ҳиндуро қабул кунам, лек — ҳайҳот! — рад карданд. Дигар ба ман иҷозат намедиҳанд, ки дар ин ҷо зиндагӣ кунам.

— Ту охир ба онҳо нагуфтӣ, ки дар ин ҷо Лочии ту ҳаст ва ту ба ҳеч куҷо рафта наметавонӣ.

— Ин мардум чӣ будани ишқ, чӣ будани муҳаббатро намедонанд. Онҳо танҳо кинаву адоватро медонанду бас.

— Ту ба онҳо нагуфтӣ, ки замин аз они худост?

— Дар рӯи замин масчиду калисову ибодатхона ҳаст, вале маълум мешавад, ки ягон ваҷаб замин ба худо тааллуқ надоштааст.

— Ту ба ҳеч куҷо намеравӣ! Ман намемонам, ки ту равӣ! — бо катъият гуфт Лочӣ, вале дилаш аз дарду алам ба танг омада, рӯяшро бо кафҳои даст руст карда, нноии гиряро сар дод.

Барои чӣ Лочӣ мегиряд? Аҳли Башар якумр ҳамин хел гирён аст. Одамон дар бораи инсонпарварӣ ва бародарӣ, зебоӣ ва ишқу муҳаббат, некукорӣ ва валинеъматӣ бисёр гап мезананд. Сиёсатмадорон зимни суханрониҳои хеш пиромуни ин масоил ибрози назар мекунанд, нависандагон сафҳаҳои китоби худро аз он пур мекунанд, файласуфон якумр дар боби инсондӯстӣ, ишқу муҳаббат ва бародарӣ андеша ба сар доранд. Вале оби дидагони муҳаббатро кӣ хушконидааст? Инсонпарвариро кӣ ҳимоя кардааст? Кӣ некуиро гиромӣ доштааст? Кӣ зебоиро ситудааст? Ҳаман онҳо ба ҷои ишқу муҳаббат кинаву адоватро ситойиш мекунанд, ба ҷои инсонпарварӣ бешафқатиро тараннум мекунанд, зебоиро монда безебиро васф мекунанд, накукорон шарро афзал медонанд ва «ливо»-и

тамаддуни хешро боло мебардоранд. Тамаддун! Аз ин ҷанобон дида, баҳмутҳо мутамаддинтаранд!

— Ман бояд дар муддати ҳафт рӯз Ҳиндустонро тарк бикунам, — гуфт ба овози паст Гул.

Лочӣ тамоми овозашро сар дода гиря кард. Гул ӯро ба сӯи худ кашид, аввал оби дидагони ӯро ва баъд бо мушт ашки худро пок кард. Манаҳаш меларзид. Вай муштҳояшро сахт фишурд ва аз ҷой хест.

— Ман меравам, Лочӣ!

— Нарав, азизам, нарав! — Лочӣ пойҳои ӯро оғӯш кард.

Гул бо қатъият як қадам монд, сипас қадами дувум... ва савум...

Лочӣ бо гиряву зорӣ ӯро илтиҷокунон аз пасаш мехазид.

— Нарав, Гулам, нарав!

Гул пойҳояшро аз оғӯши духтар вораҳонида, тозон аз ҳуҷра бадар рафт.

Лочӣ ҳамон дар рӯи фарш хобида, гиряву фиғон дошт.

Муддате гузашт ва ба ҳуҷра Хуб Чанд даромад. Лочиро аз ҷой бархезонд, оби чашмонашро пок кард ва сарашро ба китфи худ гузошт.

— Гул рафт? — пурсид ӯ.

— Ҳа! — ба овози саршор аз ғаму ғусса садо баровард Лочӣ. — Вай дигар ҳаргиз намеёяд.

— Вай ба ман ҳамаашро нақл кард, — сари духтарро сила карда — сила карда гуфт Хуб Чанд. — Бечора гуноҳе надорад. Вазъият ва замона ҳамин хел аст. Ту ғам нахӯр, Лочӣ. Агар Гул рафт, чӣ шудааст? Ман охир бо ту ҳастам. Ман дар ҳаққи ту ғамхорӣ мекунам. Дар зиндон туро ҳеҷ кас намеранҷонад. Вақте ки мӯҳлатат соф мешавад, ман ба истеъфо мебароям ва ба ту хонадор мешавам. Туро ба Порис мебарам, ба тамоми ҷаҳон ин шоҳкорро — тасвири кашидаамро ва шоҳкори ҳусну зебоӣ ва латофатро, ки маро дар офаридани ин тасвир илҳом бахшидааст, намойиш медиҳам.

Лочӣ бо шаст сарашро аз китфи Хуб Чанд бардошт. Пайкараш шабеҳи камони таранг кашидашуда гашта буд. Вай худро аз Хуб Чанд дур гирифт, оби дидагонашро пок кард ва чашмони оташборашро дурахшонида гуфт:

— Супритан!

— Чӣ мегӯй, Лочӣ?

— Шумо наметавонед, ки маро тамоми умр дар зиндон монед?

— Не, Лочӣ! Одамон дар зиндон мувофиқи гуноҳашон менишинанд.

— Чӣ кор кунам, ки маро якумр зиндон кунанд?

— Агар ту бори дувум касеро кушӣ, чунин ҷазо мегирӣ.
— Дар ин сурат ҳамин ки озод шудам, ҳатман ягон касро мекушам. Ман то ҳукми зиндони якумрӣ ва ё ҳукми дор надиҳанд, одамкушӣ мекунам.
— Лочӣ! Барои чӣ ту ин хел фикру хаёлҳо дорӣ?
— Барои он ки сазои ҳамаи шумо куштан аст.
Лочӣ ба сепояи рассомӣ наздик шуд, сурати нотамомро ба даст бигрифт ва онро пора-пора даронд.
— Шумо чӣ ҳақ доред, ки сурати занро кашед? Шумо ягон вақт ба ботини ӯ нигоҳ кардаед? Шумо, мардон, ҳама дар сар танҳо як фикр доред, ки бо кадом роҳ занро ба кафас андозед. Вале шумо Лочиро намедонед. Ман лӯлидухтари озодам. Ман на ватан дорам, на миллат ва на дину диёнат! Ман ба ҳамааш тоб меёрам. Ман дуздӣ мекунам, одам мекушам, толону тороҷ мекунам, вале ба ҷуз Гул дигар ба касе иҷозат намедиҳам, ки ба ман даст расонад.
Лочӣ бо танаффур сӯи Ҳуб Чанд нигарист ва якта-якта қадам монда, бо кибру ғурур ва салобати хоси ашхоси воломақом аз хона бадар рафт. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё ӯ аз осмон ба замин вопасин ваҳйи илоҳиро оварда бошад.
Ҳуб Чанд аз паси ӯ нигарист ва аз дил гузаронд: «Лочӣ! Чӣ кор кунам, ки туро аз дилам берун кунам? Нодонаки азизам! Охир ман чашмамро пӯшида, метавонам сурати туро кашам».
Вай ба духтар чизе нагуфт, танҳо ба порчаҳои сурат менигаристу бас.

## Боби XVI

Ҳуб Чанд пас аз кӯшиши афзун ва заҳмати дуру дароз дубора сурати Лочиро кашид.
— Ба ман як сари мӯ монанд нест, — гуфт Лочӣ суратро аз назар гузаронида.
— Барои чӣ?
— Ман то ин дараҷа хушрӯй нестам. Қурта — қуртаи ман, чеҳраам ҳам, ранги мӯй, чашмонам, қадду қоматам ҳам, — хуллас, ҳамааш айнан аз они ман, вале бо вуҷуди ин ман нестам. Барои чӣ ин хел сурпитан?
Ранги рӯи сардор канд. Лаҳзае фаро расид, ки ӯ кайҳо боз нигаронаш буд. Дар рӯи сурат паси ҳам хат давонда-хат давонда, аз дил мегузаронид: «Гӯям ё на? Охир забони сукут ҳам вуҷуд дорад. Чашмон ҳам ангуштони ларзон ҳам тавони гап задан доранд. Он чӣ онҳо мегӯянд, магар фаҳмо нест? Лочӣ, ман дар ин сурат фикру андешаи худро дар бораи ту

чой додам. Барои чӣ онҳоро фаҳмидан наметавонӣ? Магар дар сурат ту танҳо худро, танҳо акси худро мебинӣ? Магар дар он дарду алами дили ман ифода наёфтааст? Дар ҳар як хатти он чӣ қадр орзуҳои ногуфта ниҳон аст! Ман ба суоли ту чӣ ҷавоб ҳам метавонам бидиҳам?»

Ҳуб Чанд хомушона ба сурат менигарист. Вай ба Лочӣ чизе нагуфт, ҳатто оҳе накашид, дар чашмонаш донае ашк падид наёмад. Ӯ муштҳояшро фишурда, лабонашро газида, ҳамвора дар назди сурат меистод.

Лочӣ ба сардор наздик шуд ва даст ба китфи ӯ ниҳод.

— Супритан, агар ман Гулро дӯст намедоштам, ба шумо мерасидам! — гуфт ҳалимона духтар.

Ҳуб Чанд як қад парид, муштҳояшро кушод, аъзои баданаш мисли барге, ки шамол бозӣ медорад, дир-дир меларзид. Пасон гӯё барг аз шохча канда шуд, ба замин уфтод ва шамол бо худ бурд ва дар ҷойҳои дуродури водии марг нопадид гашта бошад, ларзиши пайкари Ҳуб Чанд низ тадриҷан басанда шуд.

— Охир Гул тамоман рафт. Вай дигар ҳаргиз барнамегардад, — гӯё бо Лочӣ неву бо тасвири ӯ гап мезада бошад, рӯяшро нагардонда гуфт Ҳуб.

— Хайр... Охир ман метавонам ба назди вай биравам. Ман лӯлидухтарам, супритан! Ман на хонаю ҷо дорам, на диёр, ҳар ҷо ки дилам хоҳад, метавонам биравам, меравам, танҳо меравам, пойи пиёда меравам, вале ҳар ҷо ки набошад, Гулро пайдо мекунам.

— Ман фикр мекардам, ки... — Ҳуб Чанд тааммул варзид ва як муддат пас дубора ба гап даромад: — Ман фикр мекардам, ки аз баҳри кор баромада, туро бо худ ба Порис барам. Мехостам дар он ҷо коргоҳи рассомӣ кушоям ва танҳо расмҳои туро бикашам.

— Барои чӣ танҳо расмҳои маро?

— Медонӣ, Лочӣ... Гоҳо одамизод ба укёнуси нопайдоканор монанд мегардад.

— Ман мақсади шуморо нафаҳмидам.

Ҳуб Чанд рӯяшро ба духтар гардонд.

— Ту ҳамаашро шунидӣ, ҳамаашро фаҳмидӣ. Ҳарчанд ки ман ба ту чизе намегуфтам, вале ту бисёр чизро фаҳмидаӣ. Барои чӣ ту то охир фаҳмидан намехоҳӣ? Ва агар ту қудрати фаҳмидан надошта бошӣ, магар ман ба ту фаҳмонда метавонам? Аз ин ду хулоса метавон баровард: як дил дили дигареро метавонад фаҳмад, вале он як ба ҳеҷ ваҷҳ ба умқи дили дигар наметавонад бирасад, то ки ғаму ғуссаи онро мисли ғаму ғуссаи худ шуморад. Оҳ, танҳоӣ чӣ сон мудҳиш аст!

— Шумо ҳамеша ягон чизро исбот мекунед ва ё сурат мекашед, аммо ман ишқ дорам. Магар ин кам аст?

Хуб Чанд қадаме сӯи духтар ниҳод. Дар дилаш хоҳише тавлид ёфта, талқин мекард, ки Лочиро ба оғӯш кашад, вале худдорӣ кард ва дасташро болои сандуки дилаш гузошт.

— Баъзан на танҳо ишқ, ҳатто барои он ҷон супурдан кам аст.

— Аҷаб гапи бамаънӣ задед. Дар дили ман нисбат ба Гул ҳамеша чунин ҳиссиёт буд, вале ҳаргиз наметавонистам онро бо сухан ифода созам.

Хуб Чанд ғарқи андеша хомӯш буд.

— Суратро чӣ кор мекунед? — пурсид Лочӣ.

— Ба Порис мебарам.

Хуб Чанд баногоҳ ҳис кард, ки бояд ба як қарор ояд: ё ӯро ҳақорат дода, аз ин ҷо ронад, ё ба муқобалати ӯ нигоҳ накарда, ба оғӯш кашад ва ё мӯйҳои худро канад, вагарна ҳаяҷону изтироби торафт афзунаш вайро ба девонагӣ мерасонад.

Хуб Чанд ғалладони ҷевонҷаро кашид, чанд шишачаи равғанҳои хушбӯйро гирифта, аз онҳо ба сурат пошид: ба мӯйҳояш «соҳибҷамоли шабонгоҳ», ба гарданаш ёсуман, ба сандуқи дилаш равғани гулҳои насрин зад.

— Ин кор барои чист? — ба шигифт омад Лочӣ. — Шумо аҷаб одамед, охир то ба Порис бурдани шумо бӯяш намемонад.

— Вале хотираи он боқӣ мемонад. Лочӣ, дар дунё ҳеҷ чиз бе асар, бе ному нишон намешавад. Яке ба дигаре мубаддал мегардад: зебоӣ ба хотирот, хотирот ба мусиқӣ, мусиқӣ ба акси садо, акси садо ба фазо ва фазо ба мавҷ ва магар мавҷро маҳв сохтан мумкин аст?

Лочӣ оҳе кашид бадард.

— Кӣ метавонад аз дасти сарнавишт наҷот биёбад? Гули бечораи ман!

— Гул! Гул! Гул!!! — ногаҳон овозашро баланд кард Хуб Чанд. — Ҳамеша Гул! Дафъ шав!

— Супритан! Ба шумо чӣ шуд? — ба тарс афтода, дармонда-дармонда пурсид Лочӣ.

— Дафъ шав! — бо даст ба сӯи дар ишора кард сардор.

Лочӣ тозон аз ҳуҷра баромад. Аз рӯ ба рӯяш кормандони ба ҳарос афтодаи зиндон шитобон меёмаданд.

— Чӣ шуд? — рӯй овард ба духтар яке аз онҳо.

— Худоё! Мард занро дӯст дораду зан мардро дӯст надорад, чӣ ҳам мешавад?

— Худаш чӣ гап? — пурсид Дилоро аз Лочӣ.

— Ӯ мехоҳад маро ба Порис барад. Барои чӣ мо ҳар як хоҳиши онҳоро бе чуну чаро иҷро мекардаем? Мо чӣ мехоҳем, онҳо парвое надоранд!

— Бо Порис? — чашмони Қавшалия дурахшиданд. — Ба вай бигӯ, ки маро барад.

Занҳо қаҳқаҳаро бардоштанд, вале Лочӣ ҳолати хандидан надошт. Вай сар хам карда, ба сӯи ҳуҷраи худ рафт.

Ӯ табъ бароварда се рӯз аз болин сар набардошт. Пизишк дору таъйин кард, вале он фоидае нарасонд. Бемории шиддат мегирифт. Рӯзи панҷум пизишк аз назди бемор бо хотири паришон баромад ва ба нигоҳҳои суоломези Хуб Чанд, Колӣ Чаран ва Ҷинон гуфт:

— Ҳолаташ вазнин аст. Ӯро ҳатман бояд ба беморхона фиристод.

— Ба беморхонаи зиндон? — пурсид Хуб Чанд.

— Не! — гӯшии тиббияшро ҷунбонда-ҷунбонда посух кард пизишк. — Ба беморхонаи сироятӣ!

— Ба беморхонаи сироятӣ? — ҳаросон такрор кард Хуб Чанд.

— Бале! Вай обила баровардааст!

* * *

Беморхонаи тиравү тор ва даҳшатангез. Дар ин ҷо рӯз бо ҳазёнгӯиву шаб бо беҳушӣ мегузарад. Мағзи сар варам, захмҳо пур аз фасод... Ба назари Лочӣ чунин мерасад, ки гӯё ӯ дар гирдоби чирку фасод, хун ва вулқони кӯҳиву хокистари бадбӯй ғӯтида, гирдашро зулмоти ҳавлангез печонидааст. Духтари бечора тамоми овозашро сар дода Гулро чеғ мезад. Аз доду фарёди ӯ ҷо-ҷо чароғакҳо милт-милт дармегирифтанд ва дар уфуқи ифлос гоҳ қиёфаи Гулу гоҳ қиёфаи Колӣ Чаран ва гоҳ қиёфаи Хуб Чанд пеши назараш меёмад. Ин қиёфаҳо тез аз назар ғоиб мешуданд ва пардаи хиширрособу ифлос аз сари нав пеши чашмонашро мегирифт. Лочӣ бо чашмони нобиноёш мижа мезад ва падару модарашро даъват мекард. Вай бо тамоми ҳастияш ба сӯи қабилаи лӯлиён майл мекард, худовандро, ки аз макони номаълуми хеш дар миёни ҳафт қабат замину ҳафт қабат осмон ба ҳоли вай механдид, илтиҷо мекард, имдод мехост. Вале худованд даъвати ӯро намешунид ва гоҳ-гоҳ духтари бечора аз хашму ғазаб лаб мегазид ва даҳонаш пур аз чирку фасод ва хун мегашт. Сипас вайро сурфа мегирифту аз ҳуш мерафт.

Лочӣ танҳо гоҳ-гоҳе ба худ меёмад. Гоҳе тамоман беҳуш

мехобид. Обила ва варача дар пайкари вай ҳамчунон осоре гузошта буд, ки одатан тӯфон ҷангу тӯфаланг карда, дарахтонро шикаста, бомҳои хасини хонаҳоро бурда, деҳаҳоро сар то сар маҳв сохта, аз худ мемонад. Ин изҳо ӯро бадрӯй ва ҳусну ҷамолашро помол карда буданд. Ба назараш чунин менамуд, ки гӯё ба ҷари бетаге уфтодааст. Вай мисли кохрезае дар оғӯши гирдоб чарх мезад, осмон тамоман дар болои сараш овезон буд. Замин дар зери пойҳояш мекафид. Чароғакҳои сурх, қаҳваранг, норанҷӣ, тарфу мушакпаронихои ахтарон. Ахтарон, ахтарон, ахтарон... Гул... лойка... гиёҳҳо... Кӯл... Кӯл... Шуллукҳо ба бадан мечаспанд... Кирмҳо мехазанд.

— Маро наҷот деҳ, Гул! Наҷот деҳ! Бубин, моддаҳои тафсони кӯҳӣ чашмони маро пахш мекунанд, оташ устухонҳоямро месӯзонад, кирмҳо бо дандонҳои сӯзанвор тези худ баданамро мехоянд. Ман меафтам, ман ғарқ мешавам... наҷот диҳед... Наҷот диҳед...

Вакте ки пас аз сафтасаву ҳазёни бистуҳафтрӯза бӯрон ором шуд, тӯфон қатъ гардид, моддаҳои тафсон шах шуданду Лоҷӣ чашмонашро боз кард, вайро зулмот печонид. Ӯ аз қувваи босира маҳрум гашта буд. Чеҳраи дар гузашта зебо, пайкари басо дилрабои духтари бечора аз таъсири обила ҳамчунон безеб ва бадшакл гашта буд, ки гумон мекардӣ касе дар мағз андар мағзи ҳусну ҷамоли вай борут ниҳода тарконда бошад.

Се моҳи дигар гузашт ва Лоҷиро аз беморхона ҷавоб доданд ва бозгашт ба зиндон фиристоданд. Вай дар назди Ҳуб Чанд ҳозир шуд. Вайро ба ҳамон ҳуҷрае даровардаид, ки то бемориаш ҳар рӯз ба он ҷо меёмад.

Дар зиндон аксарият: Ҳоҷӣ Абдуссалом, Мир Чандоӣ, Қавшалия ва Ҷинои, Колӣ Чаран ва дигарон тоқати дидори Лоҷиро надоштанд. Аммо онҳо иштиёкманд буданд бубинанд, ки обила зебоии Лоҷиро ба чӣ ҳолат овардааст. Онҳо ба он хабарҳое, ки аз беморхона мерасид, чандон бовар надоштанд, чаро ки Лоҷиро то бемориаш ба хубӣ дар ёд доштанд. Манзарае, ки одамӣ як замонҳо дидааст, то бори дувум дидан дар тасаввуроташ дар ҳамон ҳолат мемонад. Ба ғайр аз Ҳуб Чанд дигар ҳама иштиёкманди дидори Лоҷӣ буд. Вале қатъи назар аз ин сардор мехост бо духтар танҳо ба танҳо монад. Вай намехост, ки одамони бегона шоҳиди ҳаяҷону изтиробаш гарданд. Нозироне, ки Лоҷиро ба ҳуҷраи кор оварда буданд, бо ишораи сардор рафтанд.

Ҳуб Чанд ба духтар як назар афканд ва бидуни ихтиёр чашмонашро бо дастонаш пӯшонд. Вай наметавонист, ки ба Лоҷӣ нигарад, вале ҳамзамон бо чашмони пӯшида ҳам сӯҳбат

кардан мумкин набуд ва ӯро лозим меёмад, ки ҳар сари чанд вақт чашм кушода ба духтар нигарад. Бадшаклии Лочӣ чун нӯги найза қалби Хуб Чандро захмдор карда буд. Кучост он соҳибҷамоли беҳамтое, ки ӯ мехост ба Порис бубарад? Кучост он соҳибчамоле, ки мисли гул нозук ва мисли ҳаёт ботаровате, ки Хуб Чанд пас аз меҳнати пурмашаққат ва дуру дароз тасвирашро офарида буд? Магар ин ҳамон Лочиест, ки зиндагонии ӯро барошуфта буд? Танҳо як хотира дар бораи ин духтар хобашро ҳаром кардаву ӯ омода буд, ки танҳо бараи пеши пои духтар сар ниҳодан ҳама чизро қурбон кунад. Худоё худовандо! Наход ин ҳамон Лочӣ бошад?! Наход ин пайкари бадшакл, чеҳраи даҳшатнок, лабони чок-чок кафида, манаҳи кач, бинии пучук, нури хираи чашмони нобино ба Лочии соҳибҷамол тааллуқ дошта бошад?

— Супритан! — хастаҳолона садо баровард Лочӣ. — Шумо бо ман ҳатто гап задан намехоҳед?

— Ту чиҳо мегӯӣ, Лочӣ?! — бо тарс ҷавоб дод сардор. — Не, ман моту мабҳут шудам...

— Ман сахт безеб шудаам?

— Не, не, Лочӣ! Ин чо бишин! — Ӯ хост духтарро шинонад, вале эътироз шунид:

— На, супритан, ман зиндонӣ ҳастам! Ман чӣ ҳад дорам, ки дар ҳузури шумо биншинам?

— Туро дар беморхона касе наранчонд? — саросемавор ба гап даромад Хуб Чанд. — Ман мехостам ба аёдатат равам, вале кор чунон бисёр буд, ки... Туро ҳамеша ба ёд меёвардам. Дар ин чо — дар зиндон аз боадабию накукории ту ба ваҷд меёмаданд.

— Супритан! — сухани тумтароқу бемаънии ӯро қатъ кард Лочӣ.

— Чӣ?

— Шумо маро ба Порис мебаред?

— Ба Порис? Ҳа-ҳа, Порис? Ҳа-ҳа-ҳа, — хичолатмандона хандид Хуб Чанд.

— Ҳа, ба Порис! Ва дар он чо танҳо суратҳои маро мекашед, ҳамин тавр не? Гоҳо одамизод ба укёнус монанд мегардад. Ман ҳам укёнусам, агар безеб шудаам, ҳеч қисса не. Охир дар укёнус ҳам ҳазор андар ҳазор тонна ифлосиҳое махлул мешаванд, ки дарёҳо меёваранд, — дар овози ӯ дарду алам садо дод.

— Медонӣ, Лочӣ? Ман барои ту хушхабар дорам!

Дили духтар аз задан бозмонд. Гул баргаштааст! Пойҳояш ба ларза даромаданд, вай дигар маҷоли рост истодан надошт

ва бидуни ихтиёр ба курсӣ нишаст ва ба овози ба зӯр шунаво пурсид:

— Гул бозомад? Ё хаташ омад?

— Не, — Хуб Чанд аз ғалладон коғазеро баровард.

Лочӣ ҷавоби инкорро шунида, ба худ омад. Нафасгириаш боз мӯътадил гашт, гулӯяш кушода шуд.

— Ҳукумат хоҳиши маро ба эътибор гирифта, туро барои рафтори бенуқсонат пеш аз муҳлат озод кард. Ту акнун озодӣ. Ҳар ҷо ки хоҳӣ, рафта метавонӣ.

«Ҳар ҷо ки хоҳӣ, рафта метавонӣ!» — Ин суханон ба қалби духтар тирвор халид. Як вақтҳо ӯ орзу дошт, ки аз зиндон баромада, дар ҷустуҷӯи Гул ба Покистон меравад. Орзу дошт, ки пойи пиёда меравад ва маҳбубашро дармеёбад. Он вақт Лочӣ чашмони бино дошт. Он вақт ӯ Гулашро дар миёни милён-милён одамон фарқ карда метавонист. Аммо акнун дар қаъри зулмоти бекарон ғарқ гаштааст. Акнун вай Гулашро чӣ хел ёбад? Кош худованд ӯро аз ҳар чиз маҳрум кунад ҳам, ақаллан ба қувваи босираash кордор намешуд!

— Лочӣ, ту акнун ба куҷо меравӣ? — миёни андешаҳои аламангези ӯро бурида, пурсид Хуб Чанд.

Лочӣ низ ба худ он суолро медод: «Ту акнун ба куҷо меравӣ? Одамон туро ҳатто аз ҳамин паноҳгоҳат, ки дар он метавонистӣ боз чанд моҳи дигар зиндагӣ кунӣ, маҳрум кардаанд. Акнун ту куҷо меравӣ: оне, ки ту ба хотири ӯ қабилаи лӯлиёнро тарк кардаӣ, аз ин ҷо дур аст. Рӯи замин васеъ аст. Дар ягон ҷояш барои ту низ ҳатман гӯшае ёфт мешавад. Ба ёд ор! Шояд ошное дорӣ?»

— Маро аз зиндон бароранд. Ҳар ҷо ки лозим аст, худам меравам! — канда-канда гуфт духтар.

Хуб Чанд саросемавор телефон кард:

— Лочиро ба назди Қолӣ Чаран баред. Вай ҳуҷҷатҳоро тахт мекунад.

Лочиро burданд. Хуб Чанд арақи пешониашро пок кард. Худоро шукр, ки ҷанҷоли зиёдатӣ нашуд.

Ҳуҷраи кори Қолӣ Чаран пур аз одам буд. Дар ин ҷо Мир Чандонӣ, Хоҷӣ Абдуссалом, Ҷинон Бой, инчунин чанд зани дигар менишастанд. Хозирон ду чашм аз Лочӣ намеканданд. Дар нигоҳи онҳо ҳисси таҳайюр, таассуф дилсӯзиву ҳамдардӣ ба ҳам омезиш ёфта буд. Қасе ҳарфе ба забон намеёвард. Ҳусну ҷамоли Лочӣ дар гузашта ҳар андоза онҳоро мафтун карда бошад, кунуи безебии нафратовараш ба ҳамон андоза шигифт монанда буд. Агар дар гузашта чунин зебой аз ақл беруи намояд, кунуи ҳар яке аз ишон аз дил мегузаронид, ки наход одам то ин андоза бадафт шавад.

Қолӣ Чаран ба рӯи ҳаман қоғазҳо ангушти Лочиро пахш кард. Акнун вай озод буд.

— Ҳоҷӣ дар ҳамин ҷо? — ногаҳон пурсид Лочӣ.

— Ҳа, дар ҳамин ҷо! — посух кард ноиби сардор.

— Мир Чандонӣ — чӣ?

— Мир Чандонӣ ҳам дар ҳамин ҷо! Чӣ мехостӣ?

— Як вақтҳо ин ҷанобон ба Ҷинон Бой гуфта буданд, ки омодаанд маро ба панҷоҳ ҳазор рупия бихаранд. Ман акнун безеб, бадафт шудаам, вале номуси худро нигоҳ доштаам!

Хомӯшии гароне ҳукмфармо буд. Лочӣ бо чашмони нобинояш мижа зада, ба Ҳоҷӣ ва Мир Чандонӣ рӯй гардонд.

— Ҳоҷӣ, Мир Чандонӣ, бифармоед, маро беномус гардонед! Шумо, ки як вақтҳо панҷоҳ ҳазор рупия пешниҳод карда будед, акнун аз панҷ рупия сар кунед. Панҷ рупия — як, панҷ рупия — ду... Барои чӣ нафасатон намебарояд? — Вай қоҳ-қоҳ зада аламангезона ханидид. Тамоми пайкараш меларзид.

Чун пештара касе ҳарфе ба забон намеёвард. Бо ишораи Қолӣ Чаран ду нозир Лочиро аз зиндон берун карданд.

Ин ҷо низ тип-торик буд, аз зиндон тафовут надошт. Лочӣ ҳанӯз ба нобиноии худ хӯ нагирифта буд. Вай ба осмон нигарист. Ба назараш чунин тофт, ки осмони софу бегубори нилуфартоб, хуршеди тобон, абрҳои барфосо сап-сафед, одамон, мошинҳо, симчӯбҳои кӯча, сариҳои зебо ва бачагони шоду масруреро, ки маҳалкунон яке аз паси дигаре медаванд ва ба фарзо пуфакҳои рангоранг сар медиҳанд, мебинад. Ин ҳама лаҳзае дар пеши назараш намоён шуда, фавран нопадид гашт. Ҳар ҷо, ки нигарад, — зулмот. Сар то сари замину осмонро аз уфуқ то ба уфуқ чодари сиёҳ пӯшонида буд... Лочӣ дигар натавонист худдорӣ кунад: ба рӯи роҳи пиёдагард афтид ва зор-зор гарист. Гарду ғубор ба чашмонаш даромад, ба лабонаш нишаст. Дарди дили захминаш ба оби дидагоне табдил меёфт, ки ба рӯи замин мерехт. Аммо бадбахтӣ дар он аст, ки оби дидагон — оби дидагон асту бас, на оби ҳаётбахш. Аз об донаҳое, ки дар замин анд, месабзанд, аммо аз оби дидагон суде нест, он ҳатто наметавонад дилро таскин бидиҳад. Агар он қудрати об медошт, пас имрӯз дар рӯи замин қаламчаҳои ғаму андуҳ нашъунамо мекарданд.

## Боби XVII

Дар истгоҳи роҳи оҳан шӯру маҳал. Расак Лол дасторашро, ки ҳилпирос мезад, бо даст дошта, ба ҳар сӯ медавид. Андаке дуртар роҳи оҳан вайрон шудааст ва бино бар ин қатори

«Франтиер мейл», ки аз Деҳлӣ меомад, чанд соат дар истгоҳ нигоҳ дошта мешавад. Ин гуна каторҳо аз ин қабл ҳеҷ вакт дар ин ҷо наменстод.

Расак Лол бас мамнун ва андаке музтариб менамуд. Вай аз як сар ҳамаро: ҳам ҳаммолону роҳбонон ва ҳам огоҳсозону навбатдоронро ҳақорат медод. Одамон чунон ба тараддуд афтода буданд, ки гӯё волиро нигарон бошанд.

Модху ва Ҳамид аз хурсандӣ ба курта намегунчиданд. Имрӯз миҷозхо ҳам аз шумор беруи ва нархи наво ҳам, бешубҳа, боло мешавад. Имрӯз ҳатто таксиронҳои хусусӣ метавонанд нағзакак пул кор кунанд. Аздусар мусофирон чанд соат дар ин ҷо нишаста, таъмири роҳро нигарон намешаванд. Онҳо таксӣ киро мекунанд, ба фарзандонашон мева мехаранд ва мошинсавор ба шаҳр мераванд. Модху бо рӯймолчаи чиркинаш меваҳоро саросемавор пок мекунад ва дар рафҳои дуконаш мечинад. Таксиҳо дар майдони назди истгоҳ саф мекашанд. Андаке дуртар ғулғулакунон ва дуд бароварда, ғалтак кор мекунад — саросемавор роҳро соз мекарданд. Чашмони понфурӯш Сукҳия аз шодӣ медурахшиданд. Имрӯз вай кусури зинҳои гузаштаро мебарорад.

«Франтиер мейл» омада, дар платформаи чаҳорум қарор гирифт, вале аз он мусофирон кам фуромаданд, зеро баробари омадани қатор эълон карда шуд, ки таъмири роҳ ба охир расидааст ва чанд дақикае пас метавонад роҳашро давом бидиҳад. Мусофирон чун ин хабарро шуниданд, дигар аз қатор нафуромаданд. Ҳаммолон, понфурӯшу мевафурӯш ва ронандагони таксӣ — ҳама ду даст дар бинӣ монданд.

— Хе, бало занад! Имрӯз кор омад накард! — понеро, ки мехоид, ба рӯи релсҳо афканда, гуфт Ҳамид.

Ӯ ногаҳон дар миёни мусофироне, ки аз қатор фуромада буданд, Гулро бидид. Гул тозон омад ва дастони ӯро сахт фишурд.

— Ман гумон карда будам, ки ту ба Покистон рафтаӣ. Муддатхост, ки дар ин ҷо наменамоӣ?

— Падарам рафт, ман дар Деҳлӣ мондам. Бо чӣ машаққате ниҳоят фуқарони Ҳиндустонро гирифтам.

— Хайр... Тахт шуд охир?

— Бале! — хурсандона посух кард Гул.

— Аз Лочӣ чӣ хабар?

— Хабаре надорам. Ман аз Деҳлӣ ба зиндон якчанд нома навиштам, вале ҷавобе нагирифтам. Пагоҳ наздаш меравам ва гуфтугӯ мекунам.

— Вақти озод шуданаш бояд наздик расида бошад?

— Бале, аз рӯи ҳисоби ман чор моҳи дигар монд!

Онҳо гап зада-гап зада номаълум то тарабкадаи марди эроний, ки он ду даромадгоҳ — яке рост аз истгоҳ ва дигаре аз майдони назди истгоҳ — дошт, расиданд.

— Биё, чой менӯшем! — пешниҳод кард Гул.

— Не, ман меравам. Шояд ягон мичоз ёбам!

Гул ба тарабкада даромад, чой фармуд ва пардохт ба бозрасии ҳуҷҷатҳояш.

Дар ҳамин асно ногаҳон аз тарафи майдони назди истгоҳ шӯре, доду фарёде баланд гашт. Одамони ҳангоматалаб майдонро пур карда буданд. Онҳо, ки аз қатори «Франтиер мейл» дасту дил шуста буданд, филфавр ба ин ҳодиса рағбат зоҳир карданд. Як гадозани нобино ба як ҷаноб бархӯрдааст. Ҷаноб ӯро ҳақорати обдор додааст. Гадозан ба ҷойи он ки лаънату нафрини ҷанобро бо сари хам пазироед, магал бардошта, вайро аз гиребонаш гирифта, ба рӯяш чанд торсакӣ задааст. Ин ҳодисае буд касношунид! Ҷангараҳоро издиҳоми мардум пешонида буд, эроду эътироз шунида мешуд, ҳама барошуфта буданд, зидди Лочӣ буданд. Чеҳраи вай аз таъсири обила чӯтур ва бадшакл гашта, жандапираҳане дар тан дошт. Ӯ чолугарзани даҳшатангези афсонавиро ба ёд меёвард.

— Нобакор! Ба ӯ пул надиҳанд, магал мебардорад!

— Барои чӣ ту маро ҳақорат додӣ? — бо овози баланд дод мезад гадозан.

Худо медонад, ки имрӯз бо Лочӣ чӣ ҳодиса рӯй дод. Пас аз озод шудан вай ҳанӯз ягон бор ба ин ҷо наёмада буд, зеро дар бахши дигари шаҳр гадоӣ мекард. Вай наметавонист ба он ҷое биравад, ки дар гузашта қабилаашон ва пули маъшуқаш ҷой гирифта буд, наметавонист ба он ҷое биравад, ки дар бораи ҳусну ҷамолаш қиссаву афсонаҳо бофта шуда буд. Вай ҳазорон бор ба дилаш амр кард, ки ба ин ҷо омадан мумкин нест, вале, яқин, ҷои барои азиз сӯяш мехонд... Бале, ин ҷо меҳани ӯ буд. Зоҳиран, ӯро ба ин ҷо ҳасрати орзуву умедҳои беохираш, ки ҷомаи амал напӯшида буд, овард. Ҳар чӣ набошад вай имрӯз аз роҳгузарон роҳро пурсида-пурсида ва дар кӯчаҳои бешафқати сангзор палмосида-палмосида роҳ рафта, ба истиқболи гузаштаи худ ба ин ҷо омад. Эҳтимол, ин кӯю гузар ӯро бишносад? Мумкин аст, ӯ айёми хуши зиндагониашро ба ёд оварад? Эҳтимол? Шояд?.. Маҳз аз ҳамин сабаб вақте ки ҳақорати ҷаноби роҳгузарро шунид, бад-ин сон дарғазаб шуд. Охир як вақтҳо ӯ ҳокимаи ин кӯю гузар, рониӣ* он буд. Дар кӯча гардад, мафтунаш шуда, даҳонашонро боз карда, аз пасаш менигаристанд. Лочӣ роҳгузареро, ки ба иззати нафси

* Ронӣ — малика.

ӯ расида буд, зада, исбот кард, ки вай ҳамон Лочии пештара аст. Аз ғояти хашму ғазаб тамоми пайкараш — аз нӯги по то фарқи сар дарақ-дарақ меларзид. Қасе асои Лочиро аз дасташ гирифт ва бо он худи ӯро зад.

— Нобакор! Гадой карданаш кам буд, ки ба одамони иззатманд даст ҳам мебардорад.

Лочӣ овози Ҳамидро шинохт. Ӯ дар ҷояш шах шуд ва сипас қаҳру ғазаб ҳастияшро фаро бигрифт ва дод зад:

— Шарм намедоред, ки як оҷизаи нобиноро меранҷонед? Ку, наздиктар биё, ман адабатро диҳам! Ту медонӣ, ки ман кистам?

— Ту? Аҷнаи таги обчин! Шайтони бекафшу маҳсӣ! Ҷодугар! Боз кӣ мешудӣ? Дар ин ҷо чун ту гадоҳо пур-пур! — ҷавоб гардонд Ҳамид.

Вай инро гуфт ва Лочиро бори дигар бо асои худи ӯ зад. Гадозан дасташро пеш карда, дар ҷустуҷӯи Ҳамид худро ба ҳар сӯ андохт. Писарбачагоне, ки аз мактаб бармегаштанд, ҳаракатҳои нотавони ӯро дида, қоҳ-қоҳ занон хандиданд. Пасон аз замин санг бардошта, ба сӯи оҷизаи нобино ҳаво доданд.

— Зан ӯро! Зан! — дод мегуфтанд онҳо.

Роҳгузаре, ки Лочӣ вайро зада буд, низ ба сӯи ӯ санг ҳаво дод. Аз лабони Лочӣ хун мешорид.

Лочӣ пешпо хӯрда-пешпо хӯрда рӯ ба гурез ниҳод. Вале одамон ба ӯ баробар шуда, ақиб гардонданд.

— Зан ӯро! Зан! — аррос зад Модҳу ва ба сӯяш санг ҳаво дод. Санг ба китфи Лочӣ зад.

Лочӣ овози Модҳуро бишнохт.

— Зан ӯро! Зан! — фарёд кашид понфурӯш ва низ санг ҳаво дод.

— Ин Сукҳияи понфурӯш, — гуфт худ ба худ Лочӣ ва бемадорона ба рӯи замин ғалтид. Аз ҳар сӯ ба вай санг мерасид. Вай рӯяшро бо дастонаш пӯшонда, ба замин часпид. Ногаҳон издиҳом пароканда шуд, одамон ба чор тараф гурехтанд, садои қадаммонии полисҳо ба гӯш расид. Қасе ӯро ба рӯи дастони боқувваташ бардошта, ба сӯи тарабкадаи марди эронӣ тохт. Лочиро ба рӯи мизҳои чидашуда гузоштанд.

— Об диҳед! — шунида шуд овозе.

Лочӣ як қад парид. Ин овози Гул буд. Он ба ҳар як рагу пайяш раҳ ёфт. Ин дастони Гул буданд, ки захмҳои ӯро мешустанд. Ин марҳаме буд, ки ба вай қувваи босираашро бармегардонд.

Полис омад.

— Чӣ ҳодиса рӯй дод? — рӯй овард ӯ ба Гул.

— Ман аз чизе хабар надорам. Дар ин ҷо менишастам ва чой менӯшидам, ногаҳон ба гӯшам шӯру могал расид. Баромадам ва дидам, ки ӯро сангсор мекунанд ва ман аз миёни надихом баровардамаш ва ба ин ҷо овардамаш.

— Ақсант!

— Ҷаноби полис, вай ба хуш ояд, баёнотащро бинвисед.

Полис қоҳ-қоҳзанон ханлид ва гуфт:

— Агар мо баёноти ҳамаи гадоҳоро бинвисем, идораи мо наметавонад бо дигар кор машғул шавад, — ва хандон-хандон берун рафт.

Марди эронӣ йоду бинт доштааст. Гул захмҳои Лоҷиро шуст, ҷароҳатбандӣ кард, вале қатъи назар аз ин ҳама вай ба ёрии пизишкӣ ниёзмандӣ дошт. Андаке дуртар, дар паҳлуи дӯкони поифурӯш коргоҳи пизишк воқеъ гашта буд.

— Худи ту метавонӣ то он ҷо биравӣ? — пурсид аз Лоҷӣ Гул.

Духтар ба ишораи сар инкор кард. Ин рост буд. Лоҷӣ сустие хис мекард тасвирнопазир. Эҳтимол, сарфи назар аз он ки захмҳояш сахт озор медоданд, худ танҳо мерафт, вале ҳузури Гул мадорашро хушконида буд. Гул духтарро аз зери дасташ гирифта, ба соҳиби тарабхона гуфт:

— Ман ӯро назди пизишк мебарам ва бозмегардам.

Лоҷӣ сарашро ба китфи Гул ниҳода, икони назҳову фиғонро сар дод: Вай ҳаргиз бад-ин минвол пурсӯзу гудоз гиря накарда буд. Ҷумла маҳрумиятҳо, яъсу ноумедӣ, ғаму андух, хотирот аз ботин ба зоҳир фаввораҳор мезад.

«Оҳ, кош ман дар дасти ӯ ҷон медодам! Чӣ марги гуворое мешуд! Оҳ, худои меҳрубон! Ҳозир, дар ҳамин лаҳза ҷони маро бистон! Ҷони маро бистон, то ки ман ба ҳамешагӣ сари худро болои ин китфҳо гузошта, бихусбам. Ҷуз ин ман аз ту тамаъе надорам».

Гул ба коргоҳи пизишк ворид гашта, Лоҷиро ба курсии роҳат биншонд. Пизишк захмҳои вайро муоина кард ва гуфт:

— Захмҳо чандон хавфнок нестанд. Тахминан пас аз як ҳафта дуруст мешавад. Ҳар рӯз бароӣ аз нав бастани захмҳояш бояд биёяд. Номаш чист?

— Номат чист? — такрор кард Гул суоли пизишкро.

Лоҷӣ хомуш буд. Дар қалбаш тӯфон қиём мекард. Гӯшҳояш ҷарангос мезад. Ин овози Гул аст ё даъвати марг? Номат чист? Номат чист? Номат чист? Замину осмон гӯё кӯҳи оташфишонро фаввора заноанд, гулдурроси даҳшатангези раъду барқ ин суолро такрор мекард.

— Пизишк номи туро мепурсад, — боз ҳалимона такрор кард Гул.

— Ман ном надорам, — бо машаққат гуфт Лочӣ.

— Рост! Гадозани нобино ҳам ном дорад магар? — гуфт пизишк. Ӯ дар дафтари худ чизе навишт.

— Ҷаноби пизишк! Шумо ҳақ нестед! — табассум кард Гул. — Гадоҳои нобино ҳам ном ва паноҳгоҳе доранд, ки одатан дар он ҷо шабро мегузаронанд.

«Ҳо, гапат маъқул, — аз дил гузаронд Лочӣ. — Як вақтҳо ман низ ном доштам, хонаву ҷой доштам, ки ҳар рӯз — рӯз ва шаб, субҳ ва бегоҳ хаёлан ба он ҷо бармегаштам. Вале акнун якумр дар оғӯши шаби беохир мондаам. Ман ба куҷо метавонам биравам? Киро назди худ хонам? Дари киро бикӯбам? Ҷаноби пизишк! Барои чӣ шумо захмҳои маро бо наштари худ меҳарошед? Онро ба синаам халонед, то ки қалбам аз задан бозмонад».

Пизишк аз дафтарчааш варақеро канда, онро ба Гул дароз кард.

— Панҷ рупия! Ва агар барои аз нав бастани захмҳояш ояд, дар он сурат боз ҳафт рупияи дигар.

Гул аз ҷайбаш дувоздаҳ рупия баровард.

— Ин бечора аз куҷо ҳафт рупия меёбад? Ҳамаашро ман медиҳам. — Пасон ба Лочӣ рӯй оварда:

— Ту ҳар рӯз ба ин ҷо омада, захмҳоятро аз нав бандон.

— Хуб.

Гул гадозанро ба кӯча баровард.

— Хонаат куҷост? Ман туро мебарам.

— Не, худам меравам.

Гул сукут варзид ва пасон дубора пурсид:

— Бигӯ, ки дар куҷо шабро мегузаронӣ?

— Ҳар ҷо ки рост ояд, бобу! Шумо барои ман бас заҳмат кашидед. Акнун равед, ба хонаатон равед! — овози вай қатъ гашт. Гул бо диққат ба ӯ нигарист ва баъд шитоб нокарда вопас гашт ва бо сари хам ба роҳаш рафт.

Гул меравад! Гул меравад! Гул меравад! Гул меравад! Ту ӯро дигар ҳаргиз дучор намеёӣ, дигар ҳаргиз ӯро намебинӣ! Ту ӯро ба оғӯш кашида наметавонӣ! Бо хаёли ӯ мемирӣ, вале дар борааш чизе нахоҳӣ донист.

Вай пешпо хӯрда-пешпо хӯрда аз паси садои қадамҳои Гул афтод ва ӯро бо ду даст сахт дошта, сар ба синааш ниҳод.

— Гул! Гул!! Гул!!! Маро нашнохтӣ? Ман Лочиям!

## Боби XVIII

Шаб — шаби мулоқот, шаби висол расид. Он барои яке бас гарон, аммо барои дагаре шодиовар буд. Ин шаб низ яке аз шабҳои одии моломол аз нақҳати Бомбай буд. Вале ҳис-

сиёти онҳо як сари мӯ ба ҳамдигар шабоҳат надошт. Лочӣ сар ба китфи Гул ниҳода, оромона мехобид. Аммо Гул аз хусуси як шудани ду шаб ба сар андеша дошт. Яке тираю тор ва шум, дигаре саршор аз эҳсосоти поку беолоиш ва маъсум. Роҳи Каҳкашони хандон, нури моҳ, ки ба дарёи ором шабоҳат дорад, ахтарон, ки мисли гулҳои дарахтон мешукуфанд. Оғӯшҳои муҳаббат кушода мешавад. Касе ихтиёри худро ба каси дигаре дода, оромона нафас мекашад. Онҷунон ки хайр аз шарр тафовут дорад, ин шабҳо низ ба ҳам монанд нестанд.

Хоби Лочӣ сахт бурда буд. Дар торикӣ чеҳраи ӯ, ки ба он салибвор марҳам часпонда шуда буд, ба қабристон шабоҳат дошт. Гул аз ҷой бархост ва ба пешайвон баромад.

Шаб — шаби тиреву бром, дар осмон на моҳ менамояду на ситорае. Абрҳои сиёҳ осмонро печонидаанд. Гул ба осмон чашм дӯхт, вале имдод наметалабид. Ӯ мехост дар ниҳоди худ майдатарин партави муҳаббатеро, ки нисбат ба Лочӣ дошт, дарёбад, вале ҳама кӯшишаш беҳуда буданд. Эҳсоси муҳаббат нопадид гашта, қалбаш тиҳӣ мондааст. Вай мехост қалбашро бовар кунонад, ки ин ҳамон Лочии пештара аст, аммо ин суде намебахшид.

Ин Лочӣ на он Лочие буд, ки ӯ дӯсташ медошт, мепарастид, на он Лочие буд, ки Гул ба хотири ӯ бо тамоми олам ҷанг кардан аз дил мехост... ки ин Лочӣ аз ҷой хест... Кузълом дошта, ҳазору як мушкилотро паси сар карда буд. Кунуи Лочӣ дар оғӯшаш буд, вале ӯ наметавонист, ки вайро навозиш кунад, ба дилаш пахш кунад. Куҷо шуд он ҳиссиёти бузурге, ки дили ӯро ба сахт ва баланд тапидан вомедошт? Ҳама ҷо яксара ях, танҳо ях. Харчанд ки ин ҳамон Лочии орзупарвар ва боваформ буд, эҳсосоти ҷавон сард гаштааст, ба хоку туроб табдил ёфтааст. Лочӣ Гулро дид ва чунон шоду масрур буд, ки гӯё тамоми шодкомиҳои зиндагиро ба даст оварда бошад. Аммо худи Гул гӯё дар биёбони хушку холӣ ва махсус истода, мехост ҳиссиёти пештараашро бозгардонад. Вале ишқ даъвати ӯро намешунид.

Шаби тор! Ҳиссиёти гумгашта! Яъсу навмедӣ!

Гул сарашро бо дастонаш фишурда, маъюсу ноумед менетод. Дар ниҳодаш заррае аз он ҳиссиёти сӯзон намондааст.

Пас аз ҳафт рӯз пизишк захмҳои ӯро кушод. Боз се рӯзи дигар гузашт ва Лочӣ аз ҷой хест.

— Лочӣ! Ман дар шаҳри Пуна кор пайдо кардам. Ман бояд ба он ҷо равам, — гуфт рӯзе ба ӯ Гул.

— Ман ҳамроҳи ту меравам, — хурсанд шуд духтар.

— Бале, албатта, меравӣ! Вале аввал танҳо рафта, барои ту хоначае меёбам. Ягон паноҳгоҳ бояд дошт.

— Оҳ, ман соҳиби хонаву дар мешавам! — дастонашро ба

сандуқи дилаш ниҳода, хурсандӣ мекард Лочӣ. Сипас дар чеҳрааш нишони ғаму ғусса падидор гашт.

— Ту дар он чо чанд рӯз менстӣ?

— Қариб як моҳ.

— Як моҳ? Ва ман дар ин чо танҳо мемонам? — ҳаросон пурсид Лочӣ. — Ин муддатро ман бе ту чӣ хел мегузаронам?

— Ҳеҷ гап не, як моҳ халос. Баъд ман барои бурдани ту меёям. Балки пештар меёям. Ҳозир ҳам туро ҳамроҳ гирифтан мумкин буд, вале ман дар андешаи онам, ки ту дар кучо зиндагӣ мекунӣ. Дар ин чо хоначае дорӣ. Ман хоҳиш мекунам, ки ба ту ёрӣ расонанд. Ваъда медиҳам, ки ҳар ҳафта ба ту хат менависам.

Лочӣ розӣ шуд. Гул барои ӯ панчоҳ рупия пул гузошт ва хушбошӣ кард. Лочӣ бас мамнун буд.

Ҳафтае гузашт, ҳафтаи дигар, ҳафтаи савум... Аз Гул хеч хату хабар набуд. Хаткашон ҳар рӯз аз теги тирезаи Лочӣ мегузашт. Духтар ӯро нигарон менишаст ва мепурсид, ки ба вай хат нест. Хаткашон чавоби инкор медод, вале духтар ҳама рӯз суоли худро такрор мекард. Ҳафтаҳо паси ҳам мегузаштанд. На худи Гул меёмад ва на хаташ. Лочӣ пулеро, ки Гул монда буд, эҳтиёткорона харч мекард, вале сарфи назар аз ин пас аз ду моҳ-он тамом шуд. Чанд рӯзи дигар ба қарз биринч ва сабзавот мегирифт, аммо рӯзҳои охир дукондорон дигар ба ӯ бовар намекарданд. Инак рӯзи савум буд, ки Лочӣ ба даҳон ҳатто об нагирифтааст. Мардум ба ҳоли ӯ механдиданд, бархе аз пасаш мегуфтанд: «Аҳмаки нобино! Гулро мунтазир аст. Интизор бош, меёяд, ҳатман меёяд! Дар кучо зеботар аз ӯ духтар меёбад?» Лочӣ ин ҳамаро мешунид, вале чавобе намедод. Ӯ ба Гул бовар дошт. Дуруст аст, ки гоҳо ба дилаш млашкари шубҳа ҳамла меёвард, вале ӯ ҳучуми онро пас мегардонд ва худро бовар мекунонд, ки Гул ҳатман меёяд. Шояд ҳодисае рӯй додааст. Ё тобаш гурехта ва ё кор наёфта. Ба ҳар ҳол бояд паёме мефиристод. Хуб нест, ки ин қадр дуру дароз бедарак аст.

Расо пас аз ду моҳу даҳ рӯз хаткашон дар назди дари Лочӣ таваққуф кард. Рӯзҳои охир Лочӣ дигар дар назди тиреза роҳи хаткашонро намепоид, балки дар гӯшае бо диққат, мижа назада, бо чашмони нобинояш ба осмон нигариста, оромона мехобид.

— Лочӣ! Ба номи ту пул омадааст! — бо овози баланд гуфт хаткашон.

Духтар сароғоз дасту по гум кард ва пасон ба сӯи дар шитофт.

— Аз Гул?
— Бале, аз Гул. Сӣ рупия.
— Аз кадом шаҳр?
— Аз Пуна.
— Боз чӣ навиштааст?
— Дигар чизе нанавиштааст.
— Пойинтарашро, он ҷоеро, ки дар он хат менависанд, бинед. Вай бояд ҳатман ба ман ягон чиз навишта бошад. Вай меёяд? Ё маро назди худ мехоҳад? Гул ба ман бояд ягон чиз менавишт. Ҷаноби Субхон! Дурустакак бинед.

Хаткашон когазпораро дар дасташ чарх занонда, бо диққат аз назар гузаронд.

— Не, Лочӣ, дар ин ҷо ҳеч чиз навишта нашудааст.

Лочӣ як муддат хомӯш истод ва пасон навмедона пурсид:

— Нишонии Гул сабт шудааст?
— Истгоҳи Пуна, почта.
— Барои чӣ почта? Ин чӣ маънӣ дорад?
— Одатан одамон агар нишонии муайян надоранд ва ё намехоҳанд нишонияшонро маълум кунанд, ҳамин хел менависанд.

Лочӣ хомӯш шуд. Қалбаш онҷунон метапид, ки гӯё худи ҳозиракак аз сина мебаромада бошад. Дасту пойҳояш меларзиданд.

— Ҷаноби Субхон! Ин пул на ба ман, балки ба гадодухтари нобиное фиристода шудааст. Онро бозгашт фиристед.

— Лочӣ! Ман хабар дорам, ки ту чанд рӯз инҷониб ба дахон ҳатто об нагирифтай. Ин пулро гир, ақаллан барои ягон мох мерасад!

— Не, ҷаноби Субхон! — бо қатъият гуфт Лочӣ. — Онро бозгашт фиристед!

Ӯ дарро пӯшид ва бемадорона худро ба он такя дод. Қадамҳои хаткашон дур мешуданд. Духтар ба он гӯш медод. Ин гӯё умеди охирин, сояи Гул буд ва абадан ба ҷойҳои дуродур мерафт. Ӯ бори охирин таъзим карда, ба сояи маҳбуби худ падруд гуфт. Даруни хона тип-торик буд. Чашмонаш нобино ва чизеро намедиданд, вале онҳо барои нахустин бор ҳама чизро возеҳу равшан мисли зулмоти шаб, тихигӣ ва ҷурми нахустин бидиданд.

Лочӣ даст-даст карда аз гӯшае асояшро ёфт ва роҳро палмосида-палмосида барои бахшишталабӣ оҳиста-оҳиста ба сӯи истгоҳи автобус равон гашт.

## ОХИРСУХАН

Кришан Чандар ҳоло бештар аз панҷоҳ сол умр дорад ва қариб сӣ сол аст, ки бо навиштан шуғл меварзад; ӯро чи дар Ҳиндустон ва чи берун аз марзи он ба хубӣ мешиносанд ва дӯсташ медоранд. Ин меҳру муҳаббати ҷавобист нисбат ба адиб, нисбат ба одаме, ки қаламаш ба пуррагӣ дар хидмати халқ аст. Кришан Чандар чун ба мардуми заҳматкаш муҳаббати бепоён дорад, нобаробарии иҷтимоӣ, бедодгариро маҳкум месозад, амалдорони тамаъкорро, ки мардуми одиро азият медиҳанд, дороён ва савдогаронро, ки халқро дар ҳолати кашшоқӣ нигоҳ медоранд, додгоҳи беадолат, ҳама гуна манфиатпарастӣ, кизбу дурӯғ, разолату қабоҳат ва фиребу найрангро чашми дидан надорад. Вай истеъдоди олиҷанобн адабии хешро аз айёми ҷавонӣ алайҳи ҳама гуна нопокӣ, ки ҳаётро мурдор мекунад, равона сохтааст.

Кришан Чандар шахсест бас соҳибфарҳанг ва дорои таҷрибаи фаровони ҳаётӣ. Қабл аз он ки ба арсаи адабӣ қадам ниҳад, бо санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ шуғл варзидааст, ба ҳунари театрӣ дилбастагӣ доштааст, коллеҷи пизишкиро хатм карда, барои гирифтани унвони илмии магистри санъат оид ба адабиёти инглис ва дертар бакалаври адлия имтиҳон супоридааст ва дар ҳамаи он комёбӣ ёраш будааст. Вале ягоне аз он ӯро аз ҳаёти воқиӣ дур накард ва ӯ мисли аксари муосиронаш — равшанфикроне, ки дар бораи ишон сатрҳои зайли саршор аз қаҳру ғазабро навишта буд, фирефтаи лаззати самараҳои тамаддун нашудааст:

«...Ман барои халқ менависам, на барои як тӯдаи зиёиёни соҳибмаълумоте, ки намояндагонаш пеш аз як даҳан гапро гуфтан соатҳои дароз печутоб мехӯранд ва барои он ки ба гуфтори онҳо сарфаҳм равӣ, даҳҳо бор ба фарҳанг рӯ овардан лозим меояд. Ман на барои зиёиёне менависам, ки дур аз халқ дар кохҳои мармарини ҷудогона зиндагӣ ба сар мебаранду парвои масоили марбута ба зиндагонии мардумро надоранд. Ин кабил зиёиён дар ҳаёт на эгон орзу доранд, на эгон маром; онҳоро на масоили пешрафти кишвар ба ҳаяҷон меорад, на масоили некуҳолии мардум, онҳо на касеро дӯст медоранд ва на ба касе танаффур доранд, на бар мурдани касе сугдорӣ мекунанд, на аз барори кори касе шод мешаванд, ба ҳама гуна масъалаҳои зиндагонӣ аз баландии теғаи Эверест менигаранд ва баъзан бо танаффур лаб газида, суханони тумтарок, ибораҳое орӣ аз самимият тақдим медоранд, ки аз онҳо бӯи сабзавоти пӯсидаю лухсида меояд...»

Хонандаи мо бо эҷодиёти Кришан Чандар аз рӯи тарҷумаҳои бешумор шинос аст: чанд сол қабл дар мамлакати мо маҷмӯаҳои ҳикояҳо, якчанд повест ва романи «Шикаст»-и ӯ интишор гашта буданд. Дар ин китобҳо хислатҳои оличаноб ва ба худ хоси Чандар ҳамчун санъаткор, содагӣ ва ҳақиқатгӯӣ, муҳаббати ӯ нисбат ба мардум, нисбат ба аҳли заҳмат, ба ҳамаи нодорон ва бечорагон, ихлосмандии мавсуф ба ҳар як чизи пешқадам, мутараққӣ ва пешрав, итминони амиқ ба одам, ба пирӯзии ояндаи дурахшон, ба тантанаи хайр бар шарр, ҳаёт бар мамот возеҳ зоҳир шудаанд. Ин на некбинии сатҳии «манилов»-ист, на, барои ин Кришан Чандар ҳаётро, қувваи бадӣ, таассуби сахти буниёди куҳанро беандоза хуб медонад. Ӯ нағз медонад, ки чизи нав чун баҳор худ аз худ намеояд, балки барои он боястӣ мубораза бурд ва мубориза пайдост, ки қурбонӣ мехоҳад. Бас кам тасодуф мешавад, ки фоҷеаҳои ӯ «бомуваффақият» поён пазирад, вале анҷоми фоҷеаҳои ӯ «бомуваффақият» поён пазирад, вале анҷоми фоасарҳои ӯ «бомуваффақият» поён пазирад, вале анҷоми фоҷиавӣ дар дили хонанда ҳисси навмедӣ тавлид намекунад, баръакс, мардуми баҳри тантанаи ҳақиқат омодаанд худро қурбон бикунанд, пас худи ҳалокати онҳо гарави пирӯзист...

Кришан Чандар нависандаи бас сермаҳсул аст. Ӯ наздик панҷоҳ асар таълиф кардааст. Гап дар сари «меҳнатдӯстӣ» нест, чунонки яке аз тарҷумаи ҳолнависони нависанда мегӯяд, балки дар он аст, ки ҳаёти ботинии ӯ бошиддат мегузарад, дар он аст, ки ба тамоми ҳодисоте, ки халқаш аз сар мегузаронад, бедаранг ва бо майли том метавонад ибрози ақида бикунад. Адибе, ки бо халқаш якҷоя ҳаёт ва сар мебарад, бо-

тинан аз рӯи табиати худ олиҳиммат мешавад ва ӯ наметавонад, ки кам нависад. Ин меъёри «зоҳирпарастон» аст, ки ҳар як сухани худро мазакунон мегӯянд, «санъат барои санъат»-ро мепарастанд, ин меъёри онҳоест, ки аз таълифоташон бӯи сабзавоти пӯсидаву лухсида меёяд. Истеъдоди ҳақиқии адабӣ бо иштиёқмандии гарму ҷӯшони нависанда нисбат ба тақдири мардум, миллат ва аҳли башар сахт марбут аст. Бидуни ин шартҳо сухан ҷиву санг ҷӣ.

Романи «Як гулу сад харидор»-ро Кришан Чандар дар соли 1960 ба табъ расонида буд. Ин қиссаи ғамангези офаридаи беҳамтои инсоният, қиссаи лӯлидухтари ҷавон — Лочист, ки тимсоли нодири зебоӣ буда, дили соф, андешаву хаёлҳои наҷибе дорад, гӯё ки маҳз барои озодӣ ва бахт ба дунё омада бошад. Вале Лочӣ фарзанди қабила аст, фарзанди халқест, ки он пойбанди урфу одатҳои ҳазорсолаи ваҳшӣ аст. Мувофиқи ин расму таомул зан — канизи мард аст, моликияти хусусӣ, моле, ки бо вай ҳар чӣ хоҳад, метавонад бикунад. Мард метавонад ӯро муваққатан ва ё ба доимӣ ба ҳамқабилагони худ ва ё ба бегонагон фурӯшад, метавонад ӯро водор созад, ки бо фоҳишагӣ, гадоӣ, дуздӣ шуғл варзад ва ... тамоми даромади «меҳнат»-и нанговари ӯро аз худ бикунад. Лочӣ барои волидони худ дуздӣ мекард, гадоӣ мекард, вале бар хилофи талабу дархостҳои исроркоронаи онҳо ба худфурӯшӣ гардан намефурорад. Дар ин маврид Лочӣ собитқадам буд: тавоно, ҷусту чолок ва то андозаи густохӣ бебок; дар муқовамати хеш нисбат ба ҳар як падидаи ҷавру зӯрӣ нотарсӣ падид меёвард, иродааш қавӣ буд. Дар боби муҳаббат ба маҳбуби ягона, дар хусуси хонаю ҷой — на хаймаи қабилавӣ! — дар бораи фарзандони худ, дар боби ишқи пойдор ва ҷовид Лочӣ орзуи наҷиб ва муқаддасе дар дил мепарварид. Вай ҳатто наметавонист ба худ тасаввур бикунад, ки дӯст надошта ба хотири пул, ба хотири неъматҳои зиндагонӣ, ҳатто ба хотири дорои афсонавӣ худро бахшидан мумкин аст. Ин тимсоли идеалии духтаре буд, ки гӯё тамоми тамаддуни башар офарида ва ба тариқи номаълуме ба қабилаи нимроҳзани лӯлиён, ки онро бекорхоҷагии азалӣ ва фиску фуҷур хӯрда вайрон кардааст, ба қабилае, ки дар иҳотаи шаҳри калону серодам монда, дар он ҷо ҳама чиз дар ивази нақдина харидаву фурӯхта мешавад, роҳгум задааст. Фарзандони дороён дар ҷустуҷӯи василаи дилхушӣ Лочиро фиребтан ва бадном кардан мехоҳанд, ҳамқавмонаш бо онҳо забон як мекунанд, вале ҳамаи кӯшишҳояшон барабас буд! Духтар ба орзуи худ содиқ мемонад...

Ва саранҷом одами маҳбуб пайдо мешавад ва аз ҳамин ҷо қиссаи фоҷиавии «ду дилдодаи тирабахт» оғоз меёбад. Ман ният надорам, ки онро дар ин ҷо оварам: ин мазмуни асосии романи Кришан Чандар аст. Ин қиссаи басо печ дар печест, ки ба нависанда имкон додааст гӯё аз нуқтаи назари табақаҳои ҷамъияти Ҳиндустон, одамони синфҳои мухталиф, вазъият ва ходисоти бешумори ба хонандаи мо номаълумро нишон бидиҳад. Дар асари силсилае аз нобарориҳо, дунболагириҳои бадуру дуроз ва исроркорона дар пайкори алайҳи нируҳои бадкирдори ҷомна Лоҷӣ ба ҳалокат мерасад. Ӯ намемирад, вале дар натиҷаи бемории даҳшатангез, ки дар зиндон гирифтор мешавад, бадафт ва аз қувваи босира маҳрум гашта дур аз мардум ва ба маҳбуби худ содиқ дар шаҳр ба гадой мепардозад. Чунин фарҷоми шигифтовари ҳачволуд, ин сарнавишти «шекспирвор», ки офаридаи ҷавону зебои одамиро дар айни гул-гулшукуфияш ба ҳалокат расонидааст, дарвоқеъ рамзӣ нест: чунин аст қудрати ҳалокатовари сохте, ки бунёдаш пул аст!..

Дар роман як лаҳзаи хурде ҳаст, ки дар он одамони одӣ, коргарони роҳи оҳан чун огаҳӣ меёбанд, ки Лоҷӣ барои пардохти қарзи худ, — ӯ ба сардори қабила дар ивази якчанд сад рупия фурӯхта шуда буд, — пул надорад, аз даромади ночизи хеш барои ӯ пул ғун мекунад. Онҳо парвое надоранд, ки Лоҷӣ ба қабилаи таъқибшавандаи лӯлиён тааллуқ дорад, онҳо дар ӯ дили софу наҷиберо эҳсос намуда, олиҳимматона дасти имдод дароз мекунанд. Дар ин гӯё интерносиёнолизми наномуташаккилона, якдилии онҳо бо тамоми ситамкашон, наҷкории мардум зуҳур ёфтааст. Лаҳзаи оличаноб! Дар он филфавр боварии қавии нависанда ба халқи худ, ба хиради он, ба заковати ахлоқӣ ва ба эҳсоси ба вай хоси робитаи синфӣ пеши назари хонанда кушода мешавад.

«Ягон нафари онҳо фаришта не, балки одамони одие буда, хислати нек ва феъли бад ҳам доштанд. Вале ҳоло, дар ин вақт ин чӣ нурест, ки аз чеҳраи онҳо меборад? Кӣ мегӯяд, ки осмон тира аст? Кӣ мегӯяд, ки замин биёбонест? Кӣ мегӯяд, ки релсҳо ҷое намебаранд? Чароғҳои алоим чӣ бас баланд нурфишонӣ мекунанд? Ин чӣ накҳатест, ки дар фазо пахш гаштааст? Ин чӣ оҳангест, ки дар гӯшҳо садо медиҳад? Хандед! Табассум кунед! Муғчаҳо даҳан во кунед! Баҳор меёяд! Имрӯз одамӣ қарзи хешро адо кард!»

Дар чунин руҷуъҳо — онҳо дар роман кам нестанд, — ҷӯшу хурӯши иҷтимоии Кришан Чандар, ихлосмандии ӯ нисбат ба

хар чизи хайр, оличаноб ва зебо зухур ёфтааст. Вале ҳамон чӯшу хурӯши ичтимой чун бо падидаҳои барояш нохушу ногувор дучор меёяд, суханони бештар гарму чӯшони саршор аз накуҳишу сарзаниш ва танаффурро имло мекунад.

«Ӯ меъёрро, ҳаддро риоя мекард,— менависад Чандар дар бораи Чинон Бой ном зане, ки касбаш дуздӣ, даллагӣ ва нашъафурӯшӣ буд,— чаро ки одамони соҳибкирад дар ин кор метавонанд худро чун одамоне вонамуд созанд дорои пешаҳои начиб. Метавонӣ каллобӣ кунӣ, вале ҳаддашро бояд донист. Метавонӣ порахӯрӣ кунӣ, вале набояд нисбат ба худ маломату сарзаниш ба вучуд оварад. Фиреб деҳ, аҳмақ кун, вале ҳама кор андоза дорад. Ғорат кун, вале ба дафъаи дигар ҳам монад. Миёни чиноят ва сиёсат тафовут бузург нест.»

Ва ин сурат анчом ёфтани лукма аз чизҳои бисёре шаҳодат медиҳад: ин мазамматест нисбат ба як силсила низомҳои ичтимоӣ, ки ба манфаати табиати худ бадкирдориҳо ба вучуд меёрад...

Муаллиф бо суханони қаҳрамони худ на як бору ду бор таъкид мекунад, ки ин низомеро, ки вайроншавии ахлоқ, чинояткорӣ, нодорӣ ва беҳуқуқиро ба вучуд овардааст, муолича кардан суде надорад.

— Чазо — як навъ мӯҳлатест барои содир кардани чинояти нав,— андешамандона посух мекунад ба Лочӣ Ганга ном духтаре, ки барои дуздияш ҳабс шуда буд.

Маҳбусаи дигар орзу дорад, ки пас аз баромадан аз зиндон ба шахси «накӯкор» шавҳар кунад.

— Ту киро одами накукор ҳисоб мекунӣ? — мепурсад аз ӯ дугонаааш.

— Ҳамонеро, ки моҳе аз ҳазор рупия кам кор накунад...

...Ин аст меъёри қадру қимате, ки низоми ичтимоӣ ба вучуд овардааст!

Эътирози саршор аз қаҳру ғазаби нависанда дар анчоми роман ҳамвора меафзояд ва ниpӯҳои кинатӯзи башарият ва одамият ҳар андоза қаҳрамони барои вай, яъне Кришан Чандар, азиз — Лочиро ба ҳалокат наздик кунад, садои оташини нависанда ҳамон андоза баландтар мегардад:

«Барои чӣ Лочӣ мегиряд? Аҳли башар якумр ҳамин хел гирён аст. Одамон дар бораи инсонпарварӣ ва бародарӣ, зебоӣ ва ишку муҳаббат, некӯкорӣ ва валинеъматӣ бисёр гап мезананд. Сиёсатмадорон зимни суханрониҳои хеш пиромуни ин масоил ибрози назар мекунанд, нависандагон саҳифаҳои китоби худро аз он пур мекунанд, файласуфон якумр дар бо-

би инсондӯстӣ, ишқу муҳаббат ва бародарӣ андеша ба сар доранд. Вале оби дидагони муҳаббатро кӣ хушконидааст? Инсонпарвариро кӣ ҳимоя кардааст? Кӣ некуиро гиромӣ дошааст? Кӣ зебоиро ситудааст? Ҳамаи онҳо ба ҷои ишқу муҳаббат кинаву адоватро ситойиш мекунанд, ба ҷои инсонпарварӣ бешафқатиро тараннум мекунанд, зебоиро монда безебиро васф мекунанд, нақукорон шарро афзал медонанд ва «ливо»-и тамаддуни хешро боло мебардоранд. Тамаддун! Аз ин ҷанобон дида баҳмутҳо мутамаддинтаранд!»

Бад-ин минвол қиссаи ҳаёту мамоти лӯлидухтари ҷавон Лоҷӣ ноайён ба «китоби қаҳру ғазаб»-и алайҳи шарри иҷтимоӣ табдил меёбад, ки дар дӯши қисми зиёди башарият борест гарон.

Романи Кришан Чандар «Як гулу сад харидор» оҳанги дигар — оҳанги нисбатан ба мавзуи асосии он ҷузъиеро низ дорост: Кришан Чандар мубориэи озодӣ ва комилан баробарҳуқуқии занони ҳинду бо мардон аст. Лоҷии ӯ дар банду басти ду завлонаи ғуломист ва гаронии ҳар яки онро муайян кардан — амрест муҳол: онҳо сахт ба ҳам марбутанд. Вале Лоҷӣ вогарон будани ҷавру ҷафои беҳуқуқии занон ва аз мард вобаста будани худро хосса эҳсос мекунад. «Сад харидор» киноян талху тунди муаллиф аст. Лоҷӣ на қурбонии муҳаббат, балки қурбонии нафси он аст: бисёр, бас бисёр одамон кӯшиш мекунанд, ки ӯро соҳиб шаванд, мисли мол бихарандаш, вале танҳо як нафар, маҳбуби вай самимона дӯсташ медорад. Аммо ҷавон нодор аст ва пул надорад, ки маҳбубаашро аз «харидорон» ва «фурӯшандагон» ҳифз кунад. Лоҷиро аз ҷанголи онҳо беғубории қалби худи ӯ, ки метавонад ба ҳар як фитнаву дасиса муқобалат нишон диҳад, ҳифз мекунад. Оҳ, чӣ набарде буд шадид!

Лоҷӣ худро мудофиакунон сардори қабилаашонро, ки ӯро аз волидонаш харида буд, мекӯшад ва дар натиҷа ба зиндон меафтад. Аммо дар он ҷо ҳам «ошиқон», равшантараш «харидорон» духтарро ором намегузоранд! Ҳа, воқиан, ӯ — як лӯлидухтари гадо, ночиз, ҷинояткор чӣ ҳақ дорад, ки ба хоҳиши онҳо, тавонгарон, ҳукмдорон гардан нафурорад?!

Дигар на танҳо дар дохили қабилаи худ, ки дар он ҷо зан сад дар сад тобеъи мард аст, комилан дар ҳукми ӯст, балки дар бузургтарин шаҳри Ҳиндустон ҳам Лоҷӣ худро канизи беҳуқуқ, мол, васила доду гирифт ҳис мекунад. Вай, ки аз ҳамаи ин дилозурда гаштааст, аз одамон эътиқодашро ба тамом канда, ба дараҷаи эълон навмедӣ мерасад: ба назараш чунин менамояд, ки дигар на танҳо дар рӯи замин, балки ҳат-

то дар замину осмон ҷоеро пайдо кардан мушкил аст, ки зан аз рӯи иродаву фаҳми хеш зиндагӣ карда тавонад.

— Худо ҳам мард аст, — мегӯяд ӯ бо алам, — дар ин дунё ҳама калонҳо марданд. Аз куҷо ман метавонам адлу инсофро пайдо бикунам?!

Лочӣ қабилаи лӯлиёнро бебокона тарк мекунад, то аз пайи маҳбубаш равад, вале ӯро насиби чашидани бахт нест: ӯ дар пайкори нобаробар бо «сад харидор» ҳалок мегардад, ҳарчанд ки ба ақидаи хеш содиқ мемонад. Вале ҳалокати Лочӣ беҳуда нест: рафтори бебоконаи ӯ занҷирҳоеро, ки асрҳои аср лӯлизанону лӯлидухтаронро дар банду басти ғуломӣ нигоҳ медоштанд, пора-пора кард. Онҳо дигар омода буданд, ки дуздӣ кунанд, сабад бофанд, резафурӯшӣ кунанд, вале.. дигарбора номуси хешро ба бозор наяндозанд. Онҳо акнун шавҳаронашонро ҷасурона сарзаниш мекарданд, мехостанд онҳоро ба кор омӯхта кунанд. Се духтар қабилаи лӯлиёнро ба тамом тарк гуфта, ба ҷавонони шаҳрӣ шавҳар карданд. Ҷамоати лӯлиён парокандa мешуд. Нахустин ҳамлаи туфон расму ойини азалии ишонро чун хаспорае бо худ бурд. Қабила бидуни хоҳишу ирода ҷаҳида якбора ба садаи бистум гузашт...

Дар ҳамин маврид, дар лукмаи баъдинаи нависанда, мафҳуми умумӣ ва рамзии ин қиссаи хурдакак ва ишқи ноками лӯлидухтар кушода мешавад.

«Ин ҳодисае буд муқаррарӣ, — хулоса мекунад Кришан Чандар ба муносабати пароканда шудани қабила. — Дар ҳама ҷо ва дар ҳар даврy замон ба ин монанд ҳодисаҳо рӯй медиҳад. Онҳо намехоҳанд пеш раванд, баръакс намехоҳанд доманн урфу одат, расму ойин, ақоиди диниву иҷтимоии хешро раҳо бикунанд. Аммо нируҳои исёнгар онҳоро бардошта, пеш мебарад. Ин нируҳо бад-он андоза тавоноянд, ки одами кӯҳнапараст наметавонад муқовамат бикунад ва ночор ба пеш гом мезанад».

Асос ва такягоҳи некбинии муаллиф ин аст: зиндагӣ дар як ҷо қарор надорад, чизи кӯҳна дар мубориза бо чизи нав, мутараққӣ ва нусратбор ҳалок мегардад. Вуруди чизи тоза қонунӣ ва ногузир аст, вале худи чизи нав ба раванди тараққиёти ҷамъият қонунан шароит фароҳам меёварад...

Романи Кришан Чандар танҳо дар он сурат қиссаи шӯрангези ишқи ноком менамояд, ки ба он кас назари рӯякӣ афканад. Дар асл ин асарест сермаъно ва сермазмун, хонанда дар он асосҳои ҷаҳонбинии нависандаро метавонад пайдо бикунад.

Накукории беандозаи Кришан Чандар, фароҳии майлу рағ-

бати ҷамъиятии ӯ дар фаъолияти ҷамъиятияш ҳам, ки берун аз марзҳои кишвараш машҳур аст, зуҳур меёбад. Кришан Чандар аз арбоби намоёни Шӯрои Сулҳи Ҳиндустон ва узви Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ мебошад. Ба овози ин адиби заbардаст ва одами бузург, ки дар ҳавличаи одие дар яке аз маҳаллаҳои ҳавоян Деҳлӣ зиндагӣ мекунад, тамоми ҷамъияти Ҳиндустон гӯш медиҳад. Кришан Чандар дар диёри хеш мутлақо танҳо нест. Ӯ дар ҳаққи худ метавонад суханони яке аз қаҳрамононашро далерона раво дорад: «Халқам, ки барояш хидмат мекунам, ҳамроҳи ман аст!»

*Юрий Нагибин*

## МУНДАРИЧА


Аз сарсухан ба нашри ҳиндӣ . . . . . . 3

*Боби I* . . . . . . . . . . 4

*Боби II* . . . . . . . . . . 9

*Боби III* . . . . . . . . . . 14

*Боби IV* . . . . . . . . . . 19

*Боби V* . . . . . . . . . . 23

*Боби VI* . . . . . . . . . . 26

*Боби VII* . . . . . . . . . . 34

*Боби VIII* . . . . . . . . . . 40

*Боби IX* . . . . . . . . . . 44

*Боби X* . . . . . . . . . . 52

*Боби XI* . . . . . . . . . . 62

*Боби XII* . . . . . . . . . . 68

*Боби XIII* . . . . . . . . . . 74

*Боби XIV* . . . . . . . . . . 76

*Боби XV* . . . . . . . . . . 83

*Боби XVI* . . . . . . . . . . 87

*Боби XVII* . . . . . . . . . . 94

*Боби XVIII* . . . . . . . . . . 99

Охирсухан . . . . . . . . . . 103